
НА ТАНХО
ДУРЕДГАР
Чош Макдауэлл

Originally published in English as
*More Than a Carpenter* by Josh McDowell.
Copyright © 1977 Josh McDowell.
Published by Tyndale House Publishers Inc.,
Wheaton, Illinois, USA.

Translated into Tajik by permission of
Tyndale House Publishers.

All Rights Reserved.

Copyright © 1998 for the Tajik edition.

# *Аз нашриёт*

— Дар ин одам ин қадар ҳикмат ва қудрат аз куҷост? Магар ӯ писари дуредгари ба мо шинос Юсуф нест? — тааҷҷуб мекарданд аҳолии шаҳри қадимаи Носира (Назарет)...

— Пас кист ӯ?! — худро дошта натавониста нидо мекарданд ҳатто дӯстони наздиктарини вай...

Ду ҳазор сол аст, ки ин савол дар ин ё он шакл, бо забонҳои гуногун садо медиҳад. Номи ин одамро миллионҳо касон ба забон мегиранд. Ҷизас Крайт... Жэзю Крист... Иисус Христос... Исои Масеҳ — бо ин ном вай дар байни хонандагони мо машҳур аст. Ин китоб махсус ба ӯ бахшида шудааст.

Солҳои донишҷӯӣ амрикоии ҷавон Ҷош Мак-Дауэлл боварии комил дошт, ки ба Масеҳ имон овардан ин кори аз ақл берун аст. Ба диндорон бо такаббур нигоҳ мекард. Онҳоро масхара мекард ва бо онҳо баҳсу мунозира менамуд. Ӯ мустақилона ба тадқиқи ҳуҷҷатҳои дуҳазорсола шурӯъ кард, то исбот кунад, ки масеҳиён иштибоҳ мекунанд.

Хулосаҳои кори худро Ҷош Мак-Дауэлл дар ин китобча пешкаш намудааст. Ҳоло профессор Ҷош Мак-Дауэлл — мутахассиси соҳаи таърих ва фалсафа мебошад. Ӯ ду донишкадаи олиро хатм намуда, унвони номзади илмҳои фиқҳро дорад. Дар бисёр мамлакатҳо ҳамчун воиз ва муаллифи асарҳо доир ба апологенетика машҳур аст. (Апологенетикаи масеҳӣ — соҳаи таърих ва фиқҳ буда, исботи ҳақ будани дини масеҳиро меомӯзад).

Ҷош Мак-Дауэлл бо лекцияҳои худ дар 500 донишгоҳи 52 мамолик баромад кардааст. Шунавандагони ӯ зиёда аз се миллион нафар мебошанд. Китоби аввали ӯ бо нашри зиёд паҳн шудааст. Ҳамаи китобҳо, лекция ва фильмҳои ӯро як мавзуъ — Исои Масеҳ муттаҳид мекунад.

Китобе ки, ҳоло шумо дар даст доред, варақ зада, ба осонӣ пай мебаред, ки он дар бораи Исои Масеҳ ҳикоят мекунад, вале ба саволе, ки барои хонандагони шӯравии дар рӯҳияи бехудоӣ тарбия ёфта муҳим аст, ҷавоб намедиҳад.

„Оё Исои Масеҳ дар ҳақиқат ҳам вуҷуд дошт? Магар ҳамаи ин бофтаи хаёли коҳинон ва истисморгарон нест? Магар илм исбот накардааст, ки ягон хел Исои Масеҳ ҳеч гоҳ вуҷуд надошт?“

Дар ҳақиқат дар ҷилди 2-юми луғати Қомусиё, ки соли 1964 дар Москав чоп шудааст,чунин навишта шудааст: «Исои Масеҳ асосгузори афсонавии дини масеҳӣ мебошад...» (саҳ. 618). Пас, чӣ нофаҳмост?

Хомӯшии муаллиф доири ин савол сабаб дорад.Чунки ин китоб барои хонандаи ғарб навишта шудааст. Дар ғарб бошад ҳеҷ гоҳ ягон олими мулоҳизакор намегӯяд, ки Исои Масеҳ ҳамчун шахси таърихӣ вуҷуд надошт. Ба хонандаи амрикоӣ фаҳмондани ақидае, ки Исои Масеҳ дар ҳақиқат вуҷуд дошт, ҷаҳдест бемаънӣ. Ин ба ҳама маълум аст.

Лекин бисёр хонандагон дар ҳайрат мемонанд, ки тарафдорони „вуҷуд надоштани“ Исои Масеҳ торафт кам шуда истодаанд, ҳатто дар байни таърихшиносони шӯравӣ. Олимони шӯравӣ маълумотҳои зиёди илмиро истифода бурда, (боҷуръатона, эҳтиёткорона ва бо қайду шартҳои зиёд) ба хулосае омаданд, ки „назарияи афсонавӣ”будани Исо чандон дуруст нест.

Чунин аст порчае аз мақолаи доктори илмҳои таърих И. Свенцицкая, ки дар маҷаллаи „Наука и религия“ чоп шудааст.

> „Дар илми мо то ҳол дар ин мавзӯъ ақидаи ягонае нест. Қисме аз олимон муддати дароз дар болои назарияи афсонавӣ будани он кор мекарданд (Р. Ю. Виппер, А. Б. Ранович, С. И. Ковалев, Я. А. Ленцман, И. А. Крывелев). Тарафдорони ин далел ба ду асос такя менамуданд: набудани номи Исо дар асарҳои муаллифони ғайримасеҳии асри 1- мелод ва таҳаввули симои Исо аз тассаввури пештараи нисбати Ӯ ҳамчун Худо ба симое, ки сифатҳои мушаххаси инсонӣ дорад. Аз нуқтаи назари тарафдорони назарияи асотирӣ дини насронӣ ин инкишоф ва муттаҳидшавии маданияти офтобии гуногун буд, ки дар асри 2- мелод худои онҳо шакли одамро гирифт. Аммо ҷамъ шудани ҳуҷҷатҳои нав (қисман бозёфти дастхатҳои Қумронӣ, порчаҳои папирусии Инҷил, таҳлили қонунҳои умумии эҷоди

асотир) ба он оварда расонд, ки тадқиқотчиёни дигар, саволи дар ҳақиқат вуҷуд доштани Исои тарғиботчӣ аз шаҳри Ҷалилро ба миён гузоштаанд (А. П. Каждан, И. Д. Амусин, М. М. Кубланов, инчунин муаллифи ин сатрҳо). Хомӯшии муаллифони ғайримасеҳӣ, ба монанди Иосиф Флавий, мутлақ нест... Он чизе, ки ба таҳаввули симои Масеҳ тааллуқ дорад, онро фақат бо назардошти санаҳои таърихӣ (на ҳама вақт аён) ва мақсадҳои ғоявии ҳамаи навиштаҷотҳои насронӣ тасдиқ кардан мумкин аст. Ҷамъи маълумотҳои нав боиси он гардид, ки баъзе тарафдорони мактаби асотирӣ фикри худро дигар карданд: масалан, Я. А. Ленцман соли 1958 дар китоби «Пайдоиши дини насронӣ» навиштааст, ки далелҳои илмӣ ҳаргиз бар манфиати таърихан вуҷуд доштани Исо шаҳодат намедиҳанд. Аммо баъд аз 9 сол, дар китоби „Муқоисаи Инҷил“ вай ин саволро беҷавоб гузошт ва огоҳонид, ки афсонавӣ будани онро ҳамчун назарияи мутлақ донистан лозим нест. Фаромӯш кардан лозим нест, ки Ф. Энгельс Бруно Бауэрро, ки яке аз асосгузорони назарияи асотирӣ буд, танқид кардааст. Чунки ӯ „монанди ҳамаи ононе, ки ба муқобили хурофотҳои ашадӣ мубориза мебурданд, аксар вақт аз ҳадд гузаштааст... “. Барои ҳамин ҳам Энгельс қайд карда буд, ки дар асарҳои Бауэр“ оиди Исо ва шогирдонаш дар достонҳои Аҳди Ҷадид, заминаи таърихӣ ба нестӣ расонда шудааст“.

Оиди ин савол маълумотҳои сарчашмаҳои дигари шӯравиро мисол овардан мумкин аст. Барои хоҳишмандон маҷаллаи „Наука и религия“ — и солҳои охирро тавсия менамоям. Вале як чиз аниқ аст: агар Исои Масеҳ ҳақиқатан ҳам вуҷуд дошт ва пайравони Ӯ дар дунё бемайлон зиёд шуда истодаанд, пас дарёфти саволи „Худи Ӯ кист?“ барои ҳар як шахс аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Пас, чаро одамон ба Исо ҳамчун Худо имон доранд? Ҳаёти масеҳиҳо аз ҳаёти даҳриҳо (бединон) бо чӣ фарқ мекунад?

Ҳуҷҷатҳое, ки ба Аҳди Ҷадид дохил мешаванд, дар бораи Ӯ чиҳо мегӯянд? Оё метавонад шахси соҳибмаълумоти

ҳозиразамон бовар кунад, ки Масеҳ аз мурдагон эҳё шуд? Пас илм чӣ мегӯяд?

Ҷош Мак-Дауэлл кӯшиш мекунад, ки ба ин ва ба ин монанд саволҳо ба қадри имкон ҷавоб диҳад. Албатта ҳангоми хондани ин китоб дар хонандагон саволҳои дигаре, ки ба ин мавзӯъ робита доранд, ба миён меоянд. Вале ба ҳамаи онҳо дар як китобча ҷавоб гардонидан ғайриимкон аст.

Пас, ҷавобҳоро аз куҷо бояд ёфт? Кӯшиш кунед, ки дар шаҳратон калисо (ё хонаи ибодатро) ёбед. Дар он ҷо ибодаткунандагон бисёранд. Аз онҳо пурсед ва ба саволҳоятон бо камоли майл ҷавоб медиҳанд. Масалан, дар Москав онҳоро аз рӯи суроғаи зерин ёфтан мумкин аст: тангкӯчаи „Малый Вузовский“ — 3, рӯзҳои якшанбе. Якбора набошад ҳам, ҳамин ки дӯстии шумо мустаҳкам шуд, онҳо барои мутолиа „Инҷил“-ро, ки нахустманбаест оид ба Исо, бароятон муҳайё месозанд. Барои шахсоне, ки мехоҳанд мустақилона хақиқатро омӯзанд, шиносоӣ бо маъхазҳо зарур аст. Аз ин рӯ, ҳар як иқтибосе, ки муаллиф аз Инҷил овардааст, бояд аз матни асосӣ омӯхта шавад. Барои ин албатта ё нусхаи комили Инҷил ва ё Аҳди Ҷадидро бояд дар даст дошт. Ғайр аз ин, муаллиф иқтибосро на ҳама вақт истифода мебарад, балки ба ҷойҳои асосии Инҷил ҳавола мекунад. Дар ин маврид ӯ номи кӯтоҳкардашудаи китоб, боб ва сурароро нишон медиҳад. (Маълум аст, ки Инҷил ин маҷмӯи 66 китоб аст. Ба руйхати ихтисоршуда нигаред).

# *Аз муаллиф*

Исо ба назди башарият ҳанӯз 2000 сол пеш омадааст. Ӯ дар шаҳраки хурди яҳудӣ дар оилаи камбағал ба дунё омадааст. Тамоми умри худро дар яке аз хурдтарин мамлакати дунё, ки аҷнабиён истило карда буданд, гузаронидааст... Ӯ ҳамагӣ 33 сол умр дид ва аз ин фақат 3 соли охири онро ба хизмати одамон бахшид.

Пас чаро то ҳол одамони тамоми ҷаҳон ӯро дар ёд доранд? Ҳар як вараки тақвим (календарь) ё муқоваи китобе, ки дар он соли нашр дарҷ гардидааст, дар бораи аз ҳама зиёд умр дидани Исо ёдоварӣ мекунад.

Боре аз нависанда ва таърихшиноси машҳур Г. Ҷ. Уэллс пурсиданд, ки ба ақидаи шумо кадоме аз шахсиятҳои таърихӣ дар таърихи башар нақши босазо гузоштааст? Ӯ ҷавоб додааст: Агар бузургии инсонро дар миқёси таърих чен кунем „бе ҳеҷ гумон ҷои аввалро Исо ишғол мекунад“.

Таърихшинос Кеннет Скотт Латуретт чунин гуфтааст: „Асрҳо мегузаранд ва ҳар яки он аз худ далелҳои навро боқӣ мегузорад ба маънои ба равиши таърих нақш гузоштани ҳаёти Исо — ҳаёти бузург ва пурмаъное, ки дар сайёраи мо насиби каси дигар нагардидааст. Беш аз ин, таъсираш кам намешавад, балки аз аср ба аср меафзояд.“

Эрнест Ренан чунин таъкид мекунад: „Исо — яке аз бузургтарин доҳии динӣ дар таърихи башар мебошад. Ҳусни зебояш абадӣ ва салтанати Ӯ беҳудуд аст. Исо ҳаматарафа беназир аст. Дар таърих нест касе, ки ба шахсияти Исо баробар шуда тавонад. Бе Исо дарк намудани таърихи башар имконнопазир аст.“

# 1 Чаро Ӯ ғайриоддист?

Ба наздикӣ ман бо як гурӯҳ одамон аз ш. Лос-Анҷелос сӯҳбат доштам. Аз онҳо пурсидам?

— Ба фикри шумо, Исои Масеҳ кист?

— Ба ман ҷавоб доданд, — Ӯ доҳии бузурги дин буд. Чӣ илоҷ, ман бо фикри онҳо розӣ ҳастам. Албатта, Исои Масеҳ доҳии бузурги дин буд. Ман боварӣ дорам, ки Ӯ на фақат доҳии дин буд.

Дар тӯли асрҳо одамон баҳс мекарданд, ки Исо кист. Чаро дар бораи ин одам ин қадар баҳсу мунозира зиёд аст? Чаро номи Ӯ нисбат ба дигар доҳиёни дин дар одамон ваҷҳи бузургро пайдо мекунонад? Исо аз онҳо чӣ фарқ дорад? Чаро номҳои Буддо, Муҳаммад ва Конфуций одамонро ин қадар ба изтироб намеоранд?

Сабаб дар он аст, ки фақат Исо худро Худо эълон намуд. Ин аст фарқияти асосии Ӯ аз дигарон.

Одамоне, ки Исоро мешинохтанд, зуд фаҳмиданд, ки Ӯ ба ӯҳдаи худ сифатҳои ғайриимконро мегирад. Аз суханонаш маълум мешуд, ки Ӯ худро на фақат пайғомбар ё устод мешуморад, балки даъвои бо Худо хешӣ доштан дорад. Ӯ тасдиқ мекард, ки фақат дар Вай ва маҳз дар Ӯ роҳ ба сӯи Худо, наҷот ва бахшиши гуноҳҳост.

Бисёриҳо ба ин бовар кардан намехоҳанд ва чунин фавқуттабиии буданро сабаби беҳад маҳдуд гардидани худ медонанд. Аммо гап дар он нест, ки мо бовар кардан мехоҳем, ё намехоҳем. Савол дигар аст: Худи Исо худро кӣ медонист?

Дар ин хусус ҳуҷҷатҳое, ки дар Аҳди Ҷадиданд, аз чӣ далолат мекунанд?

Аксар вақт Ӯро „Масеҳи рӯҳуллоҳ“ меноманд. Ин маънои онро дорад, ки Исои Масеҳ Худо аст.

А. Х. Стронг дар асараш «Илоҳиётшиносии муттасил» Худоро чунин таъриф додааст: „Ин рӯҳи беҳудуд ва комилест, ки дар он тамоми мавҷудот ибтидо, қувваи ҳаракат ва анҷоми худро дарёфт мекунанд.“ Ин таъриф барои ҳамаи динҳо дуруст меояд, аз ҷумла барои ислом ва дини яҳудо.

Теизм меомӯзад, ки Худо шахсест, ки коинот бо нияту амри Ӯ офарида шудааст. Худованд дар он нигаҳбони ҳаёт буда то ҳол онро идора менамояд.

Мазҳаби масеҳӣ ба ин таъриф боз як унсури дигарро ҳамроҳ мекунад:

„...ва кадоме, ки дар Исо аз Носира таҷассум ёфтааст.“

Исои Масеҳ номи муқаррарӣ нест, аниқтараш ин рутба мебошад. Номи „Иисус“, „Исо“ аз юнонӣ *Йешуа* (ё Йошуа) гирифта шуда, маънояш „Йегова-Наҷотдиҳанда“ ё ин, ки „Худованди-Наҷотдиҳанда“ аст. Рутбаи „Масеҳ“ (Христос) калимаи юнонӣ буда, маънои „Мессия“ (Нузули масеҳ), (ба забони ибронӣ *„Машиаҳ“* Дон 9:26) ё айнан „соҳиби тахту тоҷ“-ро дорад. Ин рутба („Масеҳ“) дар як вақт мақоми шоҳӣ ва рӯҳониро дар назар дошта, Исоро ҳамчун шоҳ ва рӯҳонӣ қаламдод менамояд, ки он дар Аҳди Қадим пешгӯӣ шудааст. Чунин ақида барои дуруст фаҳмидани Исо ва дини насронӣ аҳамияти калон дорад.

Дар Аҳди Ҷадид Исо баръало ҳамчун Худо тасвир шудааст. Бо он номҳое, ки Исо дар Аҳди Ҷадид ёдовар мешавад, фақат нисбат ба Худо қобили қабул аст. Масалан, Исо ҳамчун Худо дар чунин ибора зикр шудааст: „мунтазири умеди муборак ва зуҳури Ҷалоли Худованди кабир ва Наҷотдиҳандаи худ Исои Масеҳ бошем“ (Титус 2:13, Юҳанно 1:1, Ибриён 1:8, Румиён 9:5, 1. Юҳанно 5:20, 21). Навиштаҷотҳои муққадас ба Ӯ сифатҳоеро, ки фақат ба Худо мансуб аст, нисбат медиҳанд. Мо мефаҳмем, ки Исо ин манбаи ҳаёт аст (Юҳанно 1:4, 14:6). Ӯ ломакон аст (Мат. 28:20, 18:20), ҳамабину ҳамадон (Юҳанно 4:16, 6:64, Матто 17:22), муқтадир (қодир) (Ваҳй 1:8; Луқо 4:39–55, 7:14,15; Матто 8:26, 27) ва ҷовид аст (1. Юҳанно 5:11, 12, 20; Юҳанно 1:4).

Исо иззату эҳтиром ва ибодату итоатеро, ки фақат ба Худо хос аст, қабул мекард. Ҳангоми сӯҳбат Исо ба иблис гуфт „...зеро ки навишта шудааст: „Ба Худованд Худои худ саҷда кун ва танҳо Ӯро ибодат намо“ (Матто 4:10). Ва дар айни ҳол Исо ибодатро мисли Худо қабул менамуд (Матто 14:33; 28:9) ва баъзан ҳатто ибодату итоатро бо Худо, ки фарз аст талаб менамуд (Юҳанно 5:23; Ибриён 1:6; Ваҳй 5:8–14).

Қисми зиёди пайравони Исо яҳудиёни мӯъмин буданд, ки онҳо ба худои ягона боварӣ доштанд. Онҳо монотеисти

ашадӣ буданд, вале дар симои Ӯ Худоеро эътироф карданд, ки дар сурати инсонӣ зуҳур ёфта буд.

Аз рӯи ақидаи мо, Саул (Павлус), ки маълумоти ҳаматарафа дошт ва барои хоҳом (раввин) шудан тайёрӣ медид, бояд аз ҳама камтар ҷавҳари Илоҳии Исоро ҳамчун Худо, эътироф ва ба шахси аз Носира омада ҳамчун Худо ибодат мекард. Инро Павлус эътироф намуда гуфт: „Пас нигаҳбони худатон ва нигаҳбони тамоми он рамае бошед, ки Рӯҳулқудс шуморо барои назорат кардани он таъин намудааст, то ки Калисои Худоро, ки Ӯ бо Хуни Худ харидааст, бичаронед“. (Аъмол 20:28).

Баъдан, вақте ки Исо аз Петрус пурсид, ки Ӯро кӣ мешуморанд, Петрус ҷавоб дод: „Ту Масеҳ, писари Худои Ҳай (Зинда) ҳастӣ“ (Матто 16:16). Исо на фақат суханони Петрусро инкор ё аниқ накард, балки онро тасдиқ намуда, ба манбаи ахбор нишон дода гуфт: „Хушо ту, эй Шимъӯн писари Юнус, чунки башар инро ба ту зоҳир накардааст, балки Падари Ман, ки дар осмон аст“ (Матто 16:17).

— Марто, ки Исоро хуб мешинохт, ба Ӯ гуфт: „...Ман имон дорам, ки Ту Масеҳ Писари Худо ҳастӣ...“ (Юҳанно 11:27). Баъд Натанъил, ки ба пайдоиши ягон чизи некӯе дар шаҳри Носира шубҳа мекард, ба Исо имон оварда гуфт: „...Ту Писари Худои, Ту Подшоҳи Исроил ҳастӣ“ (Юҳ. 1:49).

Вақте ки Стефанро сангсор карданд, ӯ имдод мекард „Худовандо Исо, рӯҳи маро қабул намо!“ (Аъмол 7:59). Муаллифи Нома ба Ибриён Исоро Худо меномад (Дар бораи Писараш гуфтааст „Тахти Ту, Эй Худо, то абад аст...“ (Ибриён 1: 8). Юҳаннои Таъмиддиҳанда дар бораи Нузули Масеҳ (пришествие) хабар дода гуфт: „...Ва Рӯҳулқудс дар шакли ҷисмонӣ, чун кабӯтаре, бар Ӯ нозил шуд, ва овозе аз осмон омад, ки мегуфт: „Ту Писари Маҳбуби Ман ҳастӣ; Ҳусни таваҷҷӯҳи ман бар Туст!“ (Луқо 3:22).

Дар охир мо эътирофи Туморо (Фома) дорем, ки ӯро ҳамчун Тумои беимон (Фома неверущюий) мешиносанд. Аз рӯи хислаташ ӯ ба донишҷӯёни ҳозира монанд буд. Ӯ чунин мегуфт: « — Агар дар дастҳои Ӯ пайҳои аз мехмондаро набинам ва ба ҷои мех ангуштамро нагузорам ,... бовар намекунам!»

Ва ман ӯро мефаҳмам. Агар суханони ӯро ба забони имрӯза гӯем,чунин садо медиҳанд: — Медонед, билохир на

ҳар рӯз одамон аз мурдаҳо эҳё мешаванд ва худро Худои зинда меҳисобанд. Ба ман далелҳо лозиманд!

Баъд аз ҳашт рӯз, ки Тумо аз шубҳаи худ ба дигар шогирдон гуфта буд, онҳо дар хона буданд ва дарҳо баста буд. Исо омада дар миёни онҳо истод ва гуфт: „Салом бар шумо бод!“

Пас аз он ба Тумо гуфт: — „Ангушти худро ба ин ҷо биёр ва дастҳои Маро бубин, ва дасти худро биёр ва бар қабурғаи Ман бигузор, ва беимон набош, балки имон дошта бош“.

— Тумо дар ҷавоби Ӯ гуфт:

— „Эй Худованди ман ва Эй Худои ман!“

— Исо ба вай гуфт:

— „Ба хотири он ки Маро дидаӣ, имон овардӣ: хушо касоне, ки надида, имон меоваранд“ (Юҳанно 20:26–29).

Яъне Исо муроҷиатро ба худ ҳамчун Худо қабул кард. Ӯ Туморо барои беимонӣ мазаммат кард, на барои парастиш.

Ягон мунаққид гуфтанаш мумкин аст, ки ҳамаи ин маълумотҳо дар бораи Исо аз дигар маъхазҳо, на аз худи Ӯ берун меоянд.

Баъзан донишҷӯён ҳангоми дарс ба ман мегӯянд, ки ҳамзамононаш Масеҳро намефаҳмиданд, чуноне ки мо ҳоло ӯро намефаҳмем. Яъне дигар хел гӯем, Масеҳ худро, Худо намеҳисобид.

Ман боварии комил дорам, ки Исо худро Худо мешуморид. Ин боварии ман бо матнҳо аз Аҳди Ҷадид тасдиқ мешаванд. Ин гуна ишораҳо дар китоб хело зиёд аст ва аҳамияти онҳо фаҳмост.

Яке аз тоҷирон муддати дароз Китоби Муқаддасро меомӯхт. То фаҳмад, ки Исо худро Худо меҳисобид, ё не? Дар натиҷа ӯ гуфт:

— Касе, ки Аҳди Ҷадидро хонда ва нафаҳмад, ки Исо худро Худо меномид, ӯ кӯр аст, ҳатто аз ин бадтар. Ин дар асл маънои онро дорад, ки дар рӯзи равшан гашта офтобро намебинам мегӯянд.

Дар Инҷили Юҳанно ихтилофи Исо бо диндорони яҳудӣ тасвир шудааст. Рӯзи шанбе Исо лангеро шифо дода, ба ӯ гуфт:

— Бархез, бистаратро бардор ва роҳ гард!

„Аз ин сабаб яҳудиён Исоро таъқиб мекарданд, ва Ӯро мехостанд ба қатл расонанд, зеро ки ин корро дар рӯзи шанбе карда буд“ (Юҳанно 5:16).

Исо ба онҳо ҷавоб дод:

— „Падари Ман то кунун кор мекунад ва Ман низ кор мекунам“; „Аз ин сабаб бештар қасд карданд, ки Ӯро ба қатл расонанд, зеро ки на танҳо шанберо риоят намекард, балки Худоро низ Падари Худ гуфта, Худро бо Худо баробар медонист“ (Юҳанно 5:17–18).

Албатта, ба ман эътироз карда метавонанд:

— Ҳош, истед, ман ҳам гуфта метавонам: „Падари ман то ҳол кор мекунад ва ман низ кор мекунам“. Пас чӣ? Ҳамаи ин ҳеҷ чизро исбот намекунад.

Ба ин ман чунин ҷавоб медиҳам. Ҳангоми омӯхтани ин ё он ҳуҷҷат мо, пеш аз ҳама, бояд забон, маданияти он замон ва ба кӣ гуфта шудани ин ё он суханҳоро ба инобат гирем. Дар айни ҳол сухан дар бораи маданияти яҳудиён меравад ва суханони Исо ба яҳудиёни диндор равона шудаанд.

Дида мебароем, ки 2000 сол пеш яҳудиён дар миқёси маданияти худ суханони Исоро чӣ гуна мефаҳмиданд. «Аз ин сабаб бештар қасд карданд, ки Ӯро ба қатл расонанд, зеро ки на танҳо шанберо риоят намекард, балки Худоро низ Падари Худ гуфта, Худро бо Худо баробар медонист» (Юҳанно 5:18).

Пас чӣ онҳоро ин қадар ба хашм овард?

Чунки Исо „Падари Ман“, на ин ки „Падари мо“ гуфта, дар охираш суханони „то кунун мекунад“ — ро ҳамроҳ кард. Бо ин суханонаш Худро бо Худо баробар дониста, корҳояшро ба дараҷаи корҳои Худо баробар кард.

Яҳудиҳо Худоро „Падари Ман“ не, балки аниқтараш „Падари Осмонӣ“ мегуфтанд. Исо ин корро накард. Вақте ки Ӯ, Худоро „Падари Ман“ гуфт, ин хулосаи суханонаш буданд, ки яҳудиҳо инро хуб фаҳмиданд.

Ба замми ин Исо дар назар дошт, ки то оне, ки Худованд заҳмат мекашад, Ӯ — Писараш ҳам заҳмат мекашад. Пешвоёни дини яҳудиён маънои суханонашро хуб фаҳмиданд, ки Ӯ Писари Худост. Дар натиҷа нафрати онҳо ба Исо боз ҳам зиёдтар шуд. Агар пеш онҳо мехостанд, ки Исоро аз он ҷо ронанд, ҳоло мехостанд ӯро бикушанд. Масеҳ на танҳо

Худоро Падари Худ мегуфт ва Худро бо Ӯ баробар меҳисобид, Ӯ боз мегуфт, ки Ӯ бо Худо як кулли том мебошанд.

Ҳангоми иди Таҷдид дар Ерусалим пешвоёни яҳудиён аз Исо пурсиданд, ки Ӯ Масеҳ аст, ё не? Исо ҷавоб дод: „Ман ва Падар якем“ (Юҳанно 10:30).

«Боз яҳудиён санг бардоштанд, ки Ӯро сангсор кунанд. Исо ба онҳо ҷавоб дод:

— Аз ҷониби Падари Худ ба шумо бисёр аъмоли нек нишон додам, аз барои кадоми онҳо Маро сангсор мекунед?

Яҳудиён дар ҷавоби Ӯ гуфтанд:

— Туро на барои амали нек сангсор мекунем, балки барои куфр, зеро Ту, ки одам ҳастӣ, Худро Худо мехонӣ». (Юҳанно 10:31–33).

Суханони Исо „Ман ва Падарам як ҳастем“ норозигии зиёдеро ба вуҷуд овард, ки он касро ба ҳайрат мегузорад. Агар нусхаи юнонии Инҷилро аз назар гузаронем, дар он фикри аҷибе мушоҳида мешавад. Тадқиқотчӣ А. Г. Робертсон қайд мекунад, ки калимаи „якем“ („одно“) дар забони юнонӣ маънои ҷинси миёна на ҷинси мардонаро дошта, на фақат ягонагии ҷисмонӣ ё ягонагии мақсадро дар бар мегирад, балки ягонагии сарчашмаи ҳастист. Вай навиштааст „Сухани Исо доир ба алоқаи Падараш бо Ӯ (Писар) як ҷаҳон маънӣ дошта, то ҳадди олӣ расидааст. Барои ҳамин ҳам ин суханон фарисейҳоро ба хашми беҳад овард“.

Фаҳмост, шахсоне, ки ин суханҳоро шунида буданд, шубҳае надоштанд, ки Исо худро Худо мешуморад.

Сарвари коллеҷи ба номи Ридлики ш. Мельбрун Леон Моррис менависад: «Пешвоёни яҳудиён дар суханони Исо фақат куфрро медиданд, барои ҳамин Ӯро ҳукм карданд. Аз рӯи қонун кофирро бояд сангсор кард (Ибодат 24:16). Вале онхо намехостанд, ки ин кор дар асоси қонун иҷро шавад. Онҳо ҳатто барои тайёр кардани гуноҳнома ҷаҳд накарданд, то ки ҳукмдорон дар асоси он Исоро ҷазо диҳанд. Дар авҷи ғазаб ҳам вазифаи доварӣ (судья) ва ҳам ҷаллодиро ба ӯҳдаи худ гирифтанд».

Ба Исо барои суханони „куфр“ сангборон таҳдид мекард. Яҳудиҳо бе ягон шубҳа фаҳмиданд, ки Ӯ чиро дар назар дорад. Аммо онҳо ягон лаҳзае андеша накарданд: шояд, ки Ӯ рост мегӯяд.

Исо ҳама вақт мегуфт, ки аслу насаби Ӯ бо Худо ягона аст. Ӯ нотарсона изҳор мекард, ки „...Агар Манро мешинохтед, Падари маро низ мешинохтед“ (Юҳанно 8:19); „Ва ҳар кӣ Манро бинад, Фиристандаи Маро дидааст“ (Юҳанно 12:45). „Ҳар кӣ аз Ман нафрат кунад, аз Падари Ман низ нафрат мекунад“(Юҳанно 15:23) – Бояд ҳама Писарро эҳтиром кунанд, он чуноне ки Падарро эҳтиром мекунанд. „Касе ки Писарро эҳтиром намекунад, Падарро, ки писар фиристодаи Ӯст, эҳтиром намекунад“(Юҳанно 5:23) ва ғайра.

Ҳамаи ин иқтибосҳо исбот мекунанд, ки Исо худро на одами оддӣ, балки мавҷудоти бо Худо баробар медонист.

Баъзе одамоне, ки Исоро нисбат ба дигарон ба Худо наздиктар медонистанд, ба моҳияти суханони дар боло гуфтаи Ӯ андешаи амиқ накардаанд (Юҳанно 5:23).

Боре ман дар шӯъбаи адабиёти донишгоҳи Вирҷинияи ғарбӣ дарс мегуфтам. Ҳангоми дарс яке аз профессорон сухани маро бурида гуфт:

— Ибораи Исо мегӯяд, ки Ӯ — Худост, он фақат дар Инҷили Юҳанно, ки баъди се китоби дигар навишта шудааст, омадааст. Дар Инҷили Марқӯс, ки пештар навишта шудааст, ягон маротиба гуфта нашудааст, ки Исо худро Худо мешуморад.Ман дарҳол фаҳмидам, ки ин одам ҳеҷ гоҳ Марқӯсро нахондааст ва агар хонда бошад ҳам, бедиққатона.

Дар ҷавоби ӯ ман Инҷили Марқӯсро гирифта, аз он, ҷоеро ки Исо гуноҳҳоро мебахшид, хондам: „Чун Исо имони онҳоро дид, ба мафлуҷ гуфт: „Гуноҳҳоят омурзида шудааст““ (Марқӯс 2:5 ; Луқо 7:48–50).

Аз рӯи қонуни яҳудо инро фақат Худо метавон кард. Ишаъёи Набӣ (43:25) мегӯяд: фақат Худо метавонад гуноҳҳоро бахшад. Беҳуда нест, ки китобдонон ба муқобили ин суханони Ӯ шӯриданд.

«...Чаро Ӯ ин тавр куфр мекунад? Ҷуз худои ягона кист, ки гуноҳҳоро омурзида тавонад?».

Исо... ба онҳо гуфт:

— ...Кадомаш осонтар аст: ба мафлуҷ гуфтани он ки „гуноҳҳои ту омурзида шуд“ ё гуфтани он ки „бархез, бистари худро бардор ва равона шав“? (Марқӯс 2:7–9).

Шарҳи Уиклиффро дида мебароем: „Ба ин савол ҷавоб додан ғайриимкон аст. Гуфтани ин суханон душвор нест, вале

дар амал иҷро намудани ҳам ин ва ҳам он қудрати Худост. Албатта фиребгар, ки аз фошшавӣ метарсад, суханони аввалро авлотар медонист. Аммо Исо маризонро шифо медод, то ҳама бинанд, ки Ӯ чӣ гуна қудрати пешгирӣ намудани сарчашмаи касалиро дорад".

Барои ин суханонаш Ӯро кофир гуфтанд. Дар ин бобат Льюис Сперри Чейфер чунин менависад:

«Барои бахшидани гуноҳҳо ягон маҳлуқи зиндаи дунё на ҳақ дорад ва на қудрат. Ба ғайр аз Ягона Оне, ки мо ҳама дар назди Ӯ гунаҳкорем, каси дигар гуноҳҳоро бахшида наметавонад. Ҳангоме ки Исо гуноҳҳоро мебахшид — мо ба он шубҳае надорем, ки Ӯ аз ҳадди имкониятҳои инсонӣ мегузашт. Касе ғайр аз Худо ба бахшидани гуноҳҳо ҳақ надорад. Дар сурате ки Исо гуноҳҳоро мебахшид, пас Ӯ, бешубҳа, Худост».

Ақидаи бахшидани гуноҳҳо маро ором намегузошт. Ман онро дарк карда наметавонистам. Боре ҳангоми хондани дарс дар факултаи фалсафа доир ба ҷавҳари Илоҳӣ доштани Исо ман аз Инҷили Марқӯс мисолҳо меовардам. Як донишҷӯе суханони маро инкор намуда гуфт, ки омурзидани гуноҳҳо аз тарафи Исо ҷавҳари Илоҳӣ доштани вайро исбот намекунад. Гӯё Исо беғаразона гуноҳҳои ин одамро бахшид ва ҳоло ин маъное надорад, ки Ӯ худро Худо эълон намудааст. Ман муддати зиёде нисбати суханони он донишҷӯй фикр намудам ва ногаҳон фикре ба сарам омад. Акнун ман фаҳмидам, ки чаро китобдонон ба шӯр омадаанд!

Албатта ҳар як шахс метавонад ба ман гӯяд: „Ман туро мебахшам". Вале онро фақат шахсе гуфта метавонад, ки ман нисбати ӯ гуноҳ кардам ! Ва баръакс, агар нисбати ман касе гуноҳе кунад, ман метавонам ба ӯ гӯям: „Ман туро мебахшам". Аммо Исо дар вазъияти дигар буд. Шахси мафлуҷ нисбати Падар Худо куфр кардааст ва Исо ба ӯ гуфт: „Гуноҳҳои ту омурзида шуд". Оре, мо метавонем шахсеро, ки моро ранҷондааст, бубахшем, вале гуноҳи дар назди Худо содиршударо фақат Худованд бахшида метавонад. Ва инро Исо иҷро кард.

Ҷои тааҷҷуб нест вақте ки ким-кадом як дуредгар аз Носира ба худ гуфтани чунин суханонро эб донистааст ва ин боиси ғазаби диндорони яҳудӣ гаштааст.

Қудрати бахшидани гуноҳҳо, ки ба Исо дода шудааст, далели равшани он аст, ки Ӯ дар сифате, ки фақат ба Худо хос аст, баромад мекард.

Дар Инҷили Марқӯс мурофиаи судии Исо тасвир шудааст (Марқӯс 14:60–64). Дар он ҷо аён навишта шудааст, ки Исо дар бораи ҷавҳари Илоҳӣ доштани Худ сухан мегуфт. „Пас, саркоҳин бархост ва дар миёна истода, аз Исо пурсид:

— Чаро Ту ҳеҷ ҷавоб намедиҳӣ? Барои чӣ онҳо бар зидди Ту шаҳодат медиҳанд?

Аммо Ӯ хомӯш буд ва ҳеҷ ҷавобе надод. Боз саркоҳин аз Ӯ пурсида гуфт:

— Оё Ту Масеҳ, Писари Худои Мутабаррук ҳастӣ?

Исо гуфт:

— Манам. Ва шумо Писари Одамро мебинед, ки ба ямини Қудрат нишаста, бар абрҳои осмон меояд.

Он гоҳ саркоҳин ҷомаи худро дарронда гуфт:

— Дигар ба шоҳидон чӣ ҳоҷат дорем? Шумо куфрро шунидед! Чӣ мулоҳиза доред?

Пас ҳама Ӯро айбдор карда, сазовори марг донистанд.“

Аввало Исо ҷавоб додан намехост. Аммо саркоҳин Исоро маҷбур кард, ки қасам хӯрад. Исо маҷбур шуд, ки ҷавоб диҳад (ва ман хело хурсандам, ки Ӯ билохир ҷавоб дод). Ба саволи «Оё Ту Масеҳ,Писари Худои Мутабаррук ҳастӣ?» Ӯ бо тасдиқ ҷавоб дод.

Инак, Исо дар мурофиа чиро гувоҳӣ дод? Аввал, Ӯ худро Писари Мутабаррук, яъне Писари Худо номид. Сониян, гуфт, ки ба ямини Қудрат нишастааст. Ниҳоят, ки Писари Одам, бар абрҳои осмон меояд. Ин суханон Ӯро ҳамчун Масеҳ (Мессия) тасвир мекунанд. Муҳим аст, ки онҳоро якҷоя дида бароем.

Синедрион (суди олии яҳудиҳо) маънои суханони Исоро бисёр хуб фаҳмид. Барои ҳамин ҳам саркоҳин ҷомаи худро дарронда гуфт: „Дигар ба шоҳидон чӣ ҳоҷат дорем?“ Исоро барои суханони худаш маҳкум карданд.

Роберт Андерсон мегӯяд: „Далелҳои боэътимодтарин — ин гувоҳии шоҳидони ба Ӯ душман буданд. Душманони Исо далелҳои муайяни раднашавандаеро пеш мегузоштанд, ки Ӯ худро Худо меномид. Фаромӯш кардан лозим нест, ки дар он даврае, ки мо сухан меронем, яҳудиҳо ваҳшиҳои ҷоҳил набуданд. Ин халқи маданияти баланддошта, вале хело

диндор буд. Маҳз барои ин суханонаш Синедрион — шӯрои олии миллат, ки ба он диндорони машҳури он давра Гамалиил ва шогирди барҷастаи ӯ Савл аз Тарс дохил мешуданд, якдилона ба Ӯ ҳукми қатлро баровარданд.“

Шубҳае нест, ки Исо бо хоҳиши худаш шаҳодат дод. Аён аст, ки яҳудиҳо суханони Вайро, ки Ӯ Худо аст, хуб фаҳмиданд. Онҳо аз ду ақида бояд якеи онро интихоб мекарданд: ё суханони Ӯро куфр меҳисобанд, ё бовар мекарданд, ки Ӯ Худо аст. Ҳакамон инро хуб мефаҳмиданд ва барои ҳамин аввал Ӯро таслиб карда, баъд масхара ҳам карданд, барои он ки Ӯ „ба Худо таваккал карда буд... Чунки Ӯ гуфт: „Ман Писари Худо ҳастам“ (Матто 27:43).

Мутахассиси номдор доир ба Аҳди Қадим Г.Б.Суит сабаби ҷомаи худро даррондани саркоҳинро чунин шарҳ додааст:

— „Аз рӯи қонун саркоҳин ҳақ надорад ҷомаи худро барои низоъҳои ҷузъӣ дарронад (Ибодат 10:6, 21:10), лекин ҳангоми иҷрои вазифаи ҳакам аз рӯи одат вай бояд хашму ғазабашро нисбати ҳама гуна куфр, ки ӯ шоҳиди он гаштааст, чунин изҳор кунад. Бояд гуфт, ки ҳаками ба шӯр омада дар чунин маврид худро сабук ҳис мекунад. Ӯ метавонист дигар ошуфта набошад, аз он ки шоҳидони боэътимод ёфт мешаванд ё не; зарурати онҳо аз байн рафт, чунки маҳбус ба гуноҳҳои худ иқрор шуд“.

Мо аллакай фаҳмидем, ки ин суди оддӣ набуд.

Ҳуқуқшинос Эрвин Линтон навиштааст: «Ин ҳодисаи хело нодир аст, ки дар суд на кирдори айбдоршаванда, балки шахсияти вайро дида мебаромаданд. Гуноҳҳое, ки Исоро бо он айбдор менамуданд, иқрори Ӯ (аниқтараш шаҳодат, ё боз аниқтар-рафтор) дар назди суд, ки дар асоси он Ӯро гунаҳкор мешумурданд, истинтоқ дар назди волии Рум, навиштаҷот дар болои салиб ва фарёди роҳгузарон ҳангоми қатл-ҳамаи ин саволеро ба миён меорад: пас кист Ӯ? „Шумо доир ба Масеҳ чӣ фикр доред? Ӯ писари кист?“

Довар Гейнор, ҳуқуқшиноси барҷастаи Нью-Йорк, мегӯяд, ки Синедрион Исоро фақат барои куфр гунаҳкор кард. Ӯ менависад: «Аз хондани кадоме аз чор китоби Инҷил маълум мешавад, ки бо ном гуноҳе, ки барои он Исоро маҳкум кардаанд, ин куфр буд:... Ӯ тасдиқ мекард, ки гӯё қувваи фавқуттабииро дорад. Аз даҳони одам баромадани чунин

суханҳо куфр буд» (Юҳанно 10:33). Гейнор суханони... „Ту, ки одам ҳастӣ, Худро Худо мехонӣ“-ро дар назар дошт.

Одатан, одамро барои кирдорҳояш маҳкум мекунанд. Бо Исо кор дигар хел буд. Ӯро барои Кӣ буданаш ҳукм карданд.

Фақат аз рӯи як лаҳзаи дар суд рӯй дода мефаҳмем, ки худи Исо ҷавҳари илоҳӣ доштанашро эътироф кардааст. Ҳакамони Ӯ шоҳиди ин гувоҳӣ буданд. Ғайр аз ин, рӯзе, ки Ӯро таслиб намуданд, душманони Ӯ ба ёд меоварданд, ки Ӯ Худро Худои дар симои одамӣ таҷассум ёфта эълон намуда буд.

«Ҳамчунон саркоҳинон бо китобдонон ва пирон Ӯро истеҳзо карда мегуфтанд:

— Дигаронро наҷот дод, лекин Худашро наҷот дода наметавонад! Агар Ӯ Подшоҳи Исроил бошад, акнун аз салиб фурӯд ояд, то ба Ӯ имон оварем. Ба Худо таввакал карда буд: бигзор Ӯро раҳо кунад, агар дилхоҳаш бошад. Зеро Ӯ гуфта буд: „Ман Писари Худо ҳастам“» (Матто 27:41–43).

# 2 *Худо дурӯғгӯ ё беандеша?*

Ҳамин тариқ, Исо тасдиқ мекард, ки Ӯ Худо аст. Суханони худи Исо — ин беҳтарин инкори тамоми фикру ақидаи шаккоконе буд, ки тасдиқ мекарданд: Исо фақат шахси ахлоқи ҳамида дошта ё худ пайғамбарест ақидаҳои хуб гуфта. Баъзан ин ақида аз нуқтаи назари илмӣ ягона хулосаи мантиқию қобили қабул ё натиҷаи эҳтимолии таҳлили зеҳнии Инҷил దониста мешуд. Бадиаш дар он аст, ки бисёриҳо бо ин ақида розӣ шуда чӣ гуна хато кардани тарафдорони ин далелҳоро дида наметавонанд.

Барои Исо хело муҳим буд, ки одамон Ӯро кӣ мешумориданд. Ба ёд оред, ки Исо чиро тарғиб менамуд ва дар бораи худаш чиҳо мегуфт ! Оё хулосаи суханони вай он аст, ки Ӯ фақат одами хушахлоқ ва ё пайғамбар будааст? Не ва боз ҳам не. Бале, Исо намехост, ки одамон дар бораи Ӯ чунин фикр кунанд.

Профессори донишгоҳи Кембриҷ К. С. Льюис, ки дар гузашта агностик буд, ин масъаларо дуруст фаҳмида гуфт: „Ман мехоҳам пеши роҳи онҳоеро гирам, ки дар бораи Исо ҳар гуна сафсатаро мебофанд. Ба мисоли ин „Ман ҳозирам, ки Исоро ҳамчун устоди бузург қабул намоям, вале ба Худо будани Ӯ боварӣ надорам“. Ҳол он ки чунин суханонро гуфтан мумкин нест.Чунки суханоне, ки Исо мегуфт, агар одами оддӣ гӯяд, ӯро устоди бузурги ҳаёт шумурдан ҳеҷ мумкин нест. Ӯ шояд девона ё маризест, ки худро тухмбирён ва ё шайтон меҳисобад. Илоҷи дигаре нест, аз ду якеро бояд интихоб кард: ё ин одам Писари Худо буд ва мебошад, ё Ӯ девона буд ва ё аз он ҳам бадтар“.

Дар давомаш чунин гуфт: „...Ӯро девонае ҳисобидан мумкин аст, ки ҷояш дар табобатхонаи девонаҳо мебошад, мумкин аст Ӯро ҳамчун иблис ошкор ва таҳқир намуд, мумкин аст ба назди пои Ӯ афтода, ба Ӯ ҳамчун Худованд имон оваред.Муҳимаш он аст, ки сафсатагӯӣ накунем, ки гӯё Ӯ фақат омӯзгори бузурги ҳаёт буду бас. Ӯ ба мо чунин интихобро намонд. Ӯ чунин мақсад ҳам надошт“.

Ф.Ҷ.А.Хорт, ки 28 соли умрашро ба омӯхтани Аҳди Ҷадид бахшидааст, менависад: «Суханони Ӯ бо ҳамон дараҷа қисми вуҷуди Ӯро ташкил мекарданд ва агар онро ҳамчун мафҳуми холисе, ки онро ягон кароматхони коҳинон ё пайғамбаре иброз карда, дида бароем, он гоҳ ягон маъное надорад. Агар аз суханони Исо худи Ӯро бадар кунем (чунки Ӯ ҳамеша шахси аввалин ва на ҳама вақт охирини иброзҳои худ аст), онҳо маънои худро гум мекунанд».

Чунин аст суханони Кеннет Скотт Лотуретт, муаллими таърихи масеҳиён дар донишгоҳи машҳури Иелл: „Исо на фақат бо таълимоташ бузург аст. Гарчанде ҳаминаш ҳам бас буд, ки дар таърих номаш монад. Муҳимаш таносуби шахсият ва омӯзиш аст. Ин ҳамон лаҳзаест, ки таълимот ва омӯзгор як кулли том мебошанд".

Ва давомаш: «Ҳар як хонандаи рамузфаҳми Инҷил бояд донад, ки Исо суханонашро аз Худ ҷудо намекард. Ӯ омӯзгори бузург буд ва на фақат омӯзгори бузург. Таълимоти Ӯ дар бораи Салтанати Худованд, рафтори одамизод ва доир ба Худо хело аҳамияти калон дорад. Вале ҳамаи инро набояд аз шахсияти Исо ҷудо намуд: Вай боварӣ дошт, ки чунин ҷудокунӣ аҳамияти таълимоти Ӯро аз байн мебарад».

Исо мегуфт, ки Ӯ — Худо аст. Ва Ӯ ба мо дигар ягон роҳе намонд.

Суханонаш ё ҳақиқат буданд ё дурӯғ: яъне мо бояд ин масъалаи душворро ҳал намоем. Ба саволе, ки Исо ба шогирдонаш дода буд, „Пас шумо Маро кӣ мегӯед?" (Матто 16:15) ҳар хел ҷавоб додан мумкин аст.

Дар аввал фарз мекунем, ки гуфтаҳояш (дар бораи он, ки Ӯ — Худост) дурӯғанд. Агар онҳо дурӯғ бошанд, пас ду роҳ ҳаст. Ё Ӯ медонист, ки ин дурӯғ аст, ё намедонист.

Мо ҳар ду роҳашро зимни санҷиши ҳамаи далелҳо дида мебароем.

## Фарзияи аввал: дуруғгӯ

Агар Исо медонист, ки Ӯ Худо нест (ҳангоме ки инро тасдиқ мекард), пас Ӯ дурӯғ мегуфт ва қасдан пайравонашро фиреб медод. Агар Ӯ дурӯғгӯй буд, пас боз дурӯя ҳам буд: ҳол он ки Ӯ мегуфт, ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда, доимо бовиҷдон бошед. Пас ҳамаи таълимот ва тамоми ҳастии Ӯ, дурӯғи маҳз аст.

Бештар аз ин: дар он сурат Ӯ азозил буд, чунки ба одамон талқин мекард, ки рӯҳи худро ба Ӯ супоранд. Агар, дар ҳақиқат, Ӯ сазовори боварӣ набуд ва инро медонист, пас Ӯ сарчашмаи ҳамаи бадиҳост.

Ва билохир, Ӯ боз беақл ҳам буд: чунки Ӯро барои даъвои ҷавҳари Илоҳӣ карданаш таслиб намуда буданд.

Бисёр вақт мегӯянд, ки Исо — омӯзгори бузурги зиндагист. Биёед аз рӯи мантиқ фикр кунем.Чӣ гуна мо метавонем шахсеро, ки шогирдони худро дар яке аз нуқтаҳои асосии таълимоти худ (ин ҷавҳари Илоҳӣ доштанаш) дидаю дониста фиреб медиҳад, омӯзгори бузург ҳисоб кунем?

Аз ҳамаи ин хулосаи ягонаи мантиқӣ чунин аст: Ӯ дурӯғ мегуфт ва дидаю дониста дурӯғ мегуфт. Лекин чунин ақида оиди Исо ба тасаввуроти мо дуруст намеояд. Он чизе, ки мо дар бораи ҳаёти Ӯ ва таъсири таълимоташ ба башарият медонем ба ақидаи дар боло гуфта мувофиқ намеояд.Чунки дар он ҷое, ки суханони Исо маълум мешуд, одамон ва гурӯҳ-гурӯҳ халқҳо ба тарафи беҳбудӣ дигаргун мешуданд, duздон аз роҳи бад мегаштанд, майзадагон аз майнӯшӣ даст мекашиданд, одамони пурадоват некхоҳ, беадолатон боадолат мешуданд.

Уильям Лекки таърихшиноси шинохтаи инглис, ки чандон дини масеҳии муташаккилро эътироф намекард, менавишт:

«Маҳз дини Масеҳӣ ба ҷаҳон қаҳрамони идеалиеро дод, ки дар муддати ҳаждаҳ аср дилҳои одамонро равшан ва бо муҳаббати илҳомбахш пур намуд, ба ҳамаи давру замонҳо, халқҳо мизоҷҳо ва вазъҳои гуногун таъсир расонда тавонист. Шахсеро дод, ки на фақат намунаи беҳтарини накӯкорӣ, балки омили пурзӯртарини пайравӣ ба он ҳисоб мешуд. Тасвири оддии се соли кӯтоҳи ҳаёти пурмаҳсулаш нишон дод, ки Ӯ барои эҳё ва таскини инсоният аз тамоми тадқиқотҳои файласуфон ва азоимхонии носеҳон бештар таъсири худро расондааст.»

Таърихшинос Филип Шафф гуфтааст: „Агар ҷавобҳои Исо дар суд ҳақиқат набошанд, пас онҳо ё суханони куфронаанд ва ё беақлона мебошанд. Агар аҳлоқу кирдори пок ва наҷиби Исоро, ки дар ҳар як сухан ва ҳар як кирдораш дида мешуд ва тамоми башарият онро эътироф менамоянд, ба ёд орем, пас фарзияи якӯм аз байн меравад. Худфиребӣ дар чунин як масъалаи муҳим ва хиради баръало бузург низ истисност.

Чӣ гуна метавонист як мутаассиби оддӣ ё девонае фикри равшан дошта бошад ва мисли офтоби болои абрҳо оромона ҳамаи таъқибу мусибатҳоро аз сар гузаронад; ба саволҳои айёрона ҳамеша ҷавобҳои оқилона диҳад; оромона бо идроки пурра марги худро дар салиб пешгӯӣ кунад, шоридани Рӯҳулқудс, поягузории Калисои Ӯ, вайрон шудани Йерусалимро пешгӯӣ кунад. Охир, ҳамаи ин пешгӯиҳо, дар ҳақиқат, рост баромаданд! Инсони ғайриоддӣ ин қадар устувор, бо рафтори бенуқсону комил, инсонпарвар ва ҳамчунон бар ҳашамати инсоният афзалият дошта, шахси фиребгар, афсонавӣ буда наметавонист. Чанд сол пеш касе хуб гуфтааст, ки дар ин маврид шоир аз қаҳрамони худ бояд бузургтар бошад. Ба ибораи дигар гӯем, барои Исоро бофта баровардан шахси аз Исо бузургтар лозим мешуд.

Сониян Шафф барои исботи он, ки Масеҳ фиребгар набуд, далелҳои зиёде меоварад: „Агар аз рӯи мантиқ фикр кунем, ақли солим ва таҷрибаи худро истифода барем, он гоҳ маълум мешавад, ки чӣ гуна номдузд, яъне шахси бемаънӣ ва фиребгари худписанд, аз аввал то охир худро ҳамчун шахси пок ва наҷиб, бо намуди аслиаш вонамуд карда метавонад? Чӣ гуна Ӯ тавонист ниятҳои наҷиби худро ба нақша даровардa, онро бо ҷалоли беназири маънавӣ ва фикрҳои олӣ бар хилофи хурофотҳои бераҳмонаи халқ ва давру замонаш амалӣ кунад, ҳаёти худро қурбон намояд?“

Агар Исо мехост, ки одамон аз паи Ӯ раванд ва бовар кунанд, ки Ӯ Худо аст, барои чӣ Ӯ маҳз Исроилро интихоб кард?

Чаро ба шакли дуредгар аз Носира Ӯ ба мамлакати хурдакаке ба назди одамон омад, ки онҳо дар атрофи дини худ ва Худои ягонаву тақсимнашаванда муттаҳид буданд? Чаро Ӯ ба Миср ва ё беҳтараш ба Юнон нарафт. Дар он ҷо одамон ба бисёрхудоӣ бовар мекарданд ва дар шаклҳои гуногун таҷассум ёфтани вайро имконпазир медонистанд?

Инсоне, ки бо ҳаёти Исо мезист, бо суханони Ӯ гуфтугӯ мекард ва бо марги Ӯ ҳалок шуд, фиребгар буда наметавонад.

Мо боз чӣ гуна роҳҳоро медонем?

## Фарзияи дуввӯм: беандеша

Ҳамин тариқ, Исоро дурӯғгӯ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Агар рафту Ӯ дар ҳақиқат, бовар мекард, ки Ӯ Худо аст,

вале саҳв кард? Охир, одамони босадоқаттарин ҳам баъзан саҳв мекунанд-ку!

Тасаввур кунед шахсеро, ки дар чорчӯбаи маданияти боварии сахти яккахудоӣ зиндагӣ мекард, якбора эълон мекунад, ки Ӯ Худо аст. Боз ба атрофиёнаш мегӯяд, ки тақдирашон дар бақо аз имони онҳо ба Ӯ ҳамчун Худо вобастааст. Ин на фақат афсона, балки бо маънои пуррааш сафсатаи девона аст. Магар Исои Масеҳ ба чунин девона монанд аст?

Одамеро, ки дар замони қадим хешро Худо эълон кардааст, дар замони мо ба девонае ташбеҳ додан мумкин аст, ки худро Наполеон мешуморад. Ӯ албатта иштибоҳ мекунад, вале аз сидқи дил ба ин хатоҳои худ бовар мекунад.Аниқтараш ӯро ба касалхонаи касалиҳои рӯҳӣ мебаранд, то ки ҳам ба худ ва ҳам ба дигарон зараре наорад.

Вале дар Исо кӯшиши берун рафтан аз рукнҳои муқарраргардида ва бетамкинӣ, ки хоси девонагон аст, дида намешавад. Агар тахмин кунем, ки Ӯ девона буд, пас сабаби ҳамеша ором будан ва меҳрубон буданашро чӣ гуна фаҳмем?

Нойз ва Колб дар мақолаи худ дар мавзӯи тиб, дар бораи касалии маҷзуб (шизофреник) менависанд, ки чунин шахс аз амри воқеъ дида ба олами хаёлот наздик аст. Маҷзуб аз олами воқеӣ гурехтан мехоҳад. Чӣ илоҷ худро Худо ҳисобидан — ин гурехтан аз олами воқеӣ мебошад.

Агар мо ҳамаи он чизеро, ки дар бораи Исо медонем, ба ёд орем, бовар карда наметавонем, ки Ӯ ба касали рӯҳӣ гирифтор шудааст.

Бештари ғояҳои беҳтарини башариятро Исо гуфтааст. Таълимоти Ӯ инсониятро аз ғуломии маънавӣ озод намуд. Кларк Х.Пиннок чунин савол медиҳад: „Шояд Ӯ нисбати шаҳомоти худ иштибоҳ мекард, шояд Ӯ девонафеъл ва ё маҷзуб буду худаш инро нафаҳмида, одамонро фиреб мекард? Не! Бузургӣ ва нуфузи таълимоти Ӯ, нишондоди аҳли солиму возеҳ аст. Кош мо ҳам мисли Ӯ чунин ақлу хирад медоштем!“

Як донишҷӯй ба ман нақл кард, ки ҳангоми дарс дар донишгоҳи Калифорния профессори рӯҳшинос чунин гуфт: „Ҳангоми табобати аксарияти маризон ман Инҷилро мегирам ва суханони Исоро ба онҳо мехонам — ин табобати беҳтарин аст.“

Рӯҳшинос Ҷ. Т. Фишер навиштааст: „Агар ҳамаи беҳтарин мақолаҳои рӯҳшиносон ва равоншиносони барҷастаро доир ба беҳдошти рӯҳӣ (психическая гигиена) ҷамъ карда онҳоро хуб кӯтоҳ кунем ва аз гапҳои беҳуда тоза намоем, яъне фақат моҳияташро гирем ва сипас шоири боистедодтарини ҷаҳон тавонад ин дурдонаҳои донишҳои илмиро ба риштаи назм кашад, дар натиҷа ҳикояти соддаю нопурраи вазъи Кӯҳистонӣ пайдо мешавад, ки бо асли он ҳеҷ гоҳ баробар шуда наметавонад. Ду ҳазор сол аст, ки масеҳиён дар даст матне доранд, ки дар он ҷавоби ҳамаи саволҳои ҳаяҷоновар ва беҳудаи башарият ҳаст. Ин нақшаи кулли ҳаёти сермаҳсули инсон, пур аз зиндадилӣ, бо рӯҳи солим ва қаноатмандӣ аст.“

К. С. Льюис менависад: „Барои таърихшинос ёфтани эзоҳи аз ин беҳтари ҳаёт, таълимот ва нуфузи Исо, ки онро дини Масеҳӣ медиҳад, хело душвор аст. Ҳеҷ кас то имрӯз шарҳ дода натавонист, ки сабаби ихтилофи ҳайратангезе, ки байни амиқии фикр ва ақли солим мерафт, баёноти таълимоти маънавии Ӯ ва васвасаи бузургии бемисле, ки таълимоти динии Ӯ ба вуҷуд оварда буд, дар чист, агар Ӯ дар ҳақиқат Худо набуд.“

## Фарзияи саввӯм: Худо

Шахсан ман бовар намекунам, ки Исо дурӯғгӯ ва ё беандеша буд. Фақат як ақида мемонад: Чӣ хеле ки худаш тасдиқ мекард, Ӯ Масеҳ аст, писари Худо.

Ман дар ин мавзӯъ бисёр вақт бо одамоне, ки ба дини яҳудиён имон доранд, сӯҳбат мекунам. Мушоҳидаи равиши фикри онҳо ҳамеша шавқангез аст. Одатан онҳо мегӯянд, ки Исо шахси хушахлоқу адолатпарвар, мутафаккири динӣ ё пайғамбар буд. Он гоҳ ман дар бораи он, ки Исо оиди худаш чиҳо мегуфт, ҳикоя мекунам ва ба онҳо се саволро медиҳам (он саволҳоеро, ки мо дар ин боб гуфта будем). Кист Ӯ, дурӯғгӯ, беандеша ё Худо?

Ман мепурсам, ки оё онҳо Исоро дурӯғгӯ ҳисобида метавонанд? Ҷавоби тезу тунди „Не!“ — ро мешунавам.

Ман саволи дигар медиҳам:

— Мумкин Ӯ девона буд?

Одатан: — Аалбатта не! ҷавоб медиҳанд.

— Шумо бовар мекунед, ки Ӯ Худо буд? Ҳоло ман фикрамро пурра баён накарда, дар ҷавоб мешунавам.

— Не, ҳеҷ мумкин нест!

Лекин роҳи дигар нест!...

Эътирофи яке аз ин ақидаҳо роҳи ҳалли масъала нест: маълум аст, ки яке аз онҳо имконпазир аст. Мақсад дар он аст, ки кадоме аз ин ақидаҳо бештар пазируфта мешаванд? Ҷавоби шумо ба саволи Исои Масеҳ кӣ буд, барои шумо фақат машқи зеҳнӣ шуда наметавонад. Ӯро танҳо насиҳатгари бузург ва ё омӯзгори зиндагӣ шумоҳидан мумкин нест. Ин ақида дуруст намеояд.

Аз се якеаш: дурӯғгӯ, беандеша ва ё Худо.

Шумо бояд интихоб кунед. Бо суханони Юҳанно гӯем „Аммо ин қадараш навишта шуд, то шумо имон оваред, ки Исо Масеҳ ва Писари Худост; ва имон оварда, бо исми Ӯ ҳаёт ёбед“ (Юҳанно 20:31).

Ҳамаи он далелҳое, ки дар дасти мо ҳаст, нишон медиҳанд, ки Исо — ин Худованд аст.

Бисёриҳо ин далелҳоро инкор мекунанд, чунки намехоҳанд масъулияти маънавиро ба ӯҳда гиранд. Агар онҳо Исоро ҳамчун Худо шиносанд, пас ҳамаи масъулият бар дӯши онҳо гузошта мешавад, аммо эшон инро намехоҳанд.

# 3 *Пас илм чӣ мегӯяд?*

Аксар одамон нобоварии худро нисбати Масеҳ бо чунин даъвоҳо ҳақ мебароранд: „Ҳамаи он чизе, ки исботи илмӣ надорад, ё дурӯғ аст, ё сазовори эътибор нест“. Агар ҷавҳари илоҳӣ доштани Масеҳ ва ҳақиқати эҳёи Ӯ аз ҷиҳати илмӣ исботнашаванда бошад пас маълум мешавад, ки одамони бомаърифати асри XX Масеҳро ҳамчун наҷотдиҳанда қабул намуда ва ё ба эҳёи Ӯ бовар карда наметавонанд.

Дар дарсҳои фалсафа ё таърих ба ман аксаран бо як ситезае савол медоданд:

— Шумо инро аз ҷиҳати илмӣ исбот карда метавонед?

Одатан ман ҷавоб медиҳам:

— Бо ёрии фанҳои табиатшиноси? Не. Магар ман физик ва ё кимёшинос ҳастам?

Он гоҳ дар синф писханд зада чунин савол медиҳанд:

— Пас,чӣ ҳоҷат аст, ки дар бораи ин гап занем!...

— Пас,шумо чӣ мехоҳед? Мехоҳед, ки мо ба ҳамаи ин бовар кунем?

(Ин ҷо биварии кӯр-кӯрона дар назар дошта шудааст).

Ба наздикӣ дар тайёра ҳангоми парвоз ба Бостон ман бо ҳамнишастам сӯҳбат кардам. Ба ӯ фаҳмондам, ки чаро ман бовар мекунам, ки Масеҳ маҳз ҳамон шахсе буд, ки Худро вонамуд мекард. Дар ҳамин вақт ба толор пилот даромад. Аз афташ, ӯ гуфтугӯи моро шунида буд.

Ӯ гуфт: — Ман шумо барин шудан намехостам!

— Барои чӣ? — суол кардам ман.

—Шумо-ку инро аз ҷиҳати илмӣ исбот карда наметавонед!...

Ман ҳайрон мешавам, ки таффакури одамони ҳозиразамон чӣ гуна паст шудааст! Одамони асри XX фикр мекунанд, ки он чизе, ки аз ҷиҳати илмӣ исботнашаванда аст, хатост. Лекин маҳз ҳамин фикру ақидаи онҳо хатост.

Умуман, вақте ки сухан дар бораи як шахсият ва ё ягон ҳодисаи таърихӣ меравад, исбот намудани он осон нест.

Пеш аз ҳама, бояд шарҳ дод, ки фарқи байни исботи табиию илмӣ ва исботи таърихию ҳуқуқӣ дар чист? Кӯшиш мекунам фарқияташро фаҳмонам.

Исботи илмии ин ё он далел чӣ маънӣ дорад? Барои ин бояд воқеаи лозимиро дар назди шахсе, ки ин фактро зери шубҳа мегузорад, айнан такрор намуд. Айнан такрор намудани воқеа дар шароити муайян ва доимо дар зери назорате ба амал оварда мешавад, ки барои мушоҳида қайд намудани маълумотҳо ва тафтиши фарзия дар амал имкон медиҳад.

„Усулҳои илмии исботкунӣ бо вуҷуди гуногун будани таърифҳояш барои санҷиши ҳодисаҳо ва озмоиши гузошташуда, ё худ таҳқиқи такрорӣ истифода мешаванд“ (Қомуси „Британника“).

Ҷеймс Конант, духтури илм,сарвари донишгоҳи машҳури Гарвард навиштааст: „Илм занҷири ногусастании тасаввурот ва хулосаҳои ақлиест, ки дар натиҷаи озмоишу мушоҳидаҳо ба вуҷуд омада, дар озмоишу мушоҳидаҳои минбаъда ба онҳо такя кардан мумкин аст“.

Олимон боэътимодии ин ё он хулосаро чӣ гуна месанҷанд? Барои ин озмоишҳоеро мегузаронанд, ки аз болояшон назорат кардан мумкин бошад.

Усулҳои табиию илмии муосир ана ба ҳамин асос меёбанд.

Масалан, касе мегӯяд: „Собуни навъи ”Айвари“ дар об ғарқ мешавад. Ман ин шахсро ба ошхона бурда, тағораро пури оби гарм мекунам ва ба он порчаи собунро мепартоям. Қул-қул! Санҷиш гузаронида, маълумотҳо ба қайд гирифта, фарзия дар амал санҷида шуд: дар чунин лаҳзаҳо собуни мазкур дар об ғарқ намешавад.

Вале аҷоибаш дигар аст. Агар рафту усули табиию илмӣ ягона воситаи исботкунӣ бошад, пас шумо чӣ гуна собит мекунед, ки имрӯз дар дарси якум будед? Ё худ имрӯз шумо чӣ хӯрдед? Охир, ин амалҳоро дар лаҳзаҳои назоратшаванда такрор кардан мумкин нест- ку? Чӣ бояд кард?

Ана дар чунин маврид шумо пурра ҳақ доред, аз методи таърихию ҳуқуқӣ истифода баред. Мисоли мо нишон медиҳад, ки шубҳаи вуҷуд доштани нисбати ҳодисаи муайян беасос аст. Бо ибораи дигар гӯем „ҳукм“ дар асоси „далелҳои“ ҷиддӣ бароварда мешавад.Ин маънои онро дорад, ки қарори

қабулшуда боиси шубҳаҳои беасос шуда наметавонад. Он ба гувоҳии шоҳидон вобаста аст.

Се намуди гувоҳӣ ҳаст: гувоҳии шифоҳӣ, гувоҳии хаттӣ ва исбот бо далелҳои шайъӣ (мисол, таппонча, тир ё дафтар). Ҳангоми тафтиши воқеаҳои дар гузашта рӯй дода усули ҳуқуқиро истифода бурда, яқинан исбот намуда метавонед, ки шумо субҳ дар дарс будед: шуморо рафиқон дидаанд, дар дафтар навиштаҳо ҳаст, шуморо муаллим дар ёд дорад.

Усули табиию илмиро фақат барои исботи ҳодисоти такроршаванда истифода мебаранд. Вале барои исботи (ё инкори) шахс ё ҳодисоти таърихӣ илмҳои табиатшиносӣ ба кор намеоянд. Ва методҳои ин илм ба муҳаққиқе, ки мехоҳад ба чунин саволҳо ҷавоб ёбад, қобили қабул нест.

„Вильям Шекспир вуҷуд дошт ё не?“

„Мартин Лютер Кинг барои ҳуқуқҳои граждании мубориза бурдааст ё не?“

„Исои Носира кӣ буд?“

„Иван Грозный писарашро куштааст ё не?“

„Исои Масеҳ эҳё шуд ё не?“

Ҳамаи ин саволҳо аз доираи исботи илмҳои табиатшиносӣ дуранд. Онҳоро бояд ба исботи ҳуқуқӣ ворид намуд.

Ба ибораи дигар гӯем, методи илмӣ, ки дар асоси мушоҳидаҳо, навиштани маълумотҳо, пешниҳодоти фарзияҳо, хулосаҳо ва тафтишоти таҷрибаҳо гузаронида мешавад, ба саволҳои зер ҷавоби пурра дода наметавонад. „Шумо метавонед аз мурдагон эҳёшавиро исбот намоед?“ ё „Чӣ гуна исбот намоем, ки Исо — Писари Худо аст?“

Ҳангоме ки одамон аз исботи таърихию ҳуқуқӣ истифода мебаранд, онҳо бояд дурустии гувоҳномаҳоро тафтиш намоянд.

Медонед, дини насронӣ бо чӣ моёнро ба худ ҷалб менамояд? Маҳз бо он, ки вай ягон эътиқоди кӯр-кӯронаи ҷоҳилона набуда, балки эътиқоди оқилона мебошад. Ҳар вақте ки дар Инҷил кас мехоҳад имони худро нишон диҳад, сухан дар бораи имони оқилона меравад. Исо гуфтааст (Юҳанно 8:32) „Ва ҳақиқатро хоҳед шинохт“. Ӯ нагуфтааст: „Дар ғафлат мемонед“.

Боре аз Исо пурсиданд: „Панди беҳтарини шариат кадом аст?“ Дар ёд доред, Ӯ чӣ ҷавоб дод. „Худованди хешро аз дилу ҷони худ, бо идроки худ дӯст дор.“ Ба фикри ман,

мушкилии аксари диндорон чунин аст: эътиқоди онҳо танҳо дар дил мебошад, аммо ҳақиқатро дар бораи Исо бо ақл шинохта наметавонанд.

Ақлро Рӯҳулқудс барои он ба мо додааст, ки Худоро шиносем ; дилро барои он, ки Худоро дӯст дорем ва иродаро барои он, ки Ӯро интихоб кунем. Барои он, ки Худоро ситоиш кунем ва барои он, ки Ӯро амиқтар шиносем, мо бояд дар як вақт дар се андоза зиндагӣ кунем. Шуморо намедонам, лекин дили ман аз он чизе, ки ақли ман рад мекунад, наметавонад шод гардад. Дили ман ва шуури ман барои он офарида шудаанд, ки дар мутобиқот бо якдигар зиндагӣ намоянд. Барои бовар намудан ба Масеҳ ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худо, ҳоло аз хеҷ кас худкушии маънавӣ талаб карда нашудааст.

Дар бобҳои оянда мо то чӣ андоза дуруст будани далелҳои хаттӣ ва шифоҳиро доир ба Исо дида мебароем.

# 4 Инҷил — оё ба он такя кардан мумкин?

Аҳди Ҷадид — ин маъхази асосии маълумотҳои таърихӣ дар бораи Исо мебошад. Маҳз барои ҳамин ҳам дар асри XIX ва ҳам дар асри XX кӯшишҳои зиёде карданд, ки ҳуҷҷатҳои Инҷилро зери шубҳа гузоранд. Ин ҷараён то ҳол ҳам кам нашудааст. Гарчанде ки чунин айбдорикуниҳо оиди носаҳеҳ будани маълумотҳо асоси таърихӣ надоранд ва аксари онҳоро кайҳост, ки кашфиёт ва тадқиқотҳои археологӣ инкор намудаанд.

Чанде пеш ман дар донишгоҳи Аризона дарс мехондам. Баъд аз дарс-мубоҳиса дар ҳавои кушод ба назди ман муаллими адабиёт омад. Ӯ ба ин мубоҳиса ҳамаи донишҷӯёнашро оварда буд. Вай ба ман гуфт:

— Профессори муҳтарам Мак-Дауэлл, ҳамаи фикру ақидаҳои шумо доири Исо фақат ба як ҳуҷҷати асри 2 асос ёфтааст. Ин ба ҳақиқати таърихӣ мувофиқат намекунад. Худи ҳамин рӯз ман ба донишҷӯён фаҳмондам, ки Аҳди Ҷадид ҳаёти Исоро аниқ тавсиф карда наметавонад. Чунки он дертар навишта шудааст.

Ман ба Ӯ ҷавоб додам:

— Ҳамкасби азиз, тасаввуроти шумо дар бораи Аҳди Ҷадид 25 сол қафо мондааст.

Нуқтаи назари профессор доир ба навиштаҷоти Инҷил оиди Исо аз китобҳои мунаққиди немисии Инҷил Ф. Бауэр иқтибос шудааст. Бауэр чунин ҳисоб мекард, ки қисми зиёди Аҳди Ҷадид на пештар аз охири асри 2-и мелод навишта шудааст. Ӯ Аҳди Ҷадидро, пеш аз ҳама, чун куллиёти афсонаю ривоятҳое, ки дар муддати дарозе, ки байни ҳаёти Исо ва қайди он дар қоғаз эҷод шудаанд, қаламдод мекард. Вале ҳанӯз солҳои охири асри XIX бозёфтҳои археологӣ дурустии дастнависҳои Аҳди Ҷадидро тасдиқ карданд.

Папирусҳои қадимаи навёфташуда (дастхати Ҷон Риланд, соли 130 мелод, папирусҳои Честер Витти, соли 155 мелод ва папирусҳои Бодмер 2, соли 200 мелод) занҷире буд, ки давраҳои ҳаёти Исоро бо дастхатҳои кайҳо маълуми баъдтар навишташуда бо ҳам пайваст менамуд.

Миллер Барроуз (аз донишгоҳи Йельс) навиштааст: «Муқоисаи забони юнонии Аҳди Ҷадид бо папирусҳои навёфташуда, ақидаи моро, дар бораи он ки матни Аҳди Ҷадид то замони мо бе ягон дигаргунӣ омада расидаанд, устувор кард.»

Чунин кашфиётҳо боварии олимонро нисбат ба Инҷил, ҳамчун маъхази маълумотҳо зиёд кард.

Уильям Олбрайт, археологи шинохтаи машҳури ҷаҳон,чунин навиштааст: «Ҳоло мо метавонем бо боварии том гӯем, ки ягон асоси ҷиддие барои тасдиқи чунин фикр вуҷуд надорад, ки ягон китоби Аҳди Ҷадид баъд аз соли 80 мелод навишта шудааст — яъне, пеш аз гузаштани ду насли пурра бо санаи с. 130–150 мелод. Мутаасифона, мунаққидони ифротии Инҷил дар давраи мо чунин ақидаи хаторо ҷонибдорӣ мекунанд.»

Ӯ як бори дигар ин ақидаи худро дар мусоҳиба ба маҷаллаи «Масеҳият имрӯз» («Крисчианити Тудэй») баён намуд: „Ман фикр мекунам, ки ҳамаи китобҳои Аҳди Ҷадидро яҳудиёни таъмидшуда дар солҳои 40–80-ми асри 1-и мелод навиштаанд (имкон аст байни солҳои 50-ум ва 77-ум).“

Аз археологҳо пурсед: „Аз ҳама археологи барҷаста кист?“ Ба шумо ҷавоб медиҳанд: сэр Уильям Рамси. Ӯ намояндаи мактаби таърихии немисӣ буд ва мӯътақид буд, ки китоби Аъмол на дар миёнаи асри 1 мелод,чӣ хеле дар матн навишта шудааст, балки дар миёнаи асри 2-и мелод таълиф шудааст. Мутолиаи асарҳои мунаққидони китоби Аъмол ӯро бовар кунонд, ки чунин тасвири фактҳои он давра (с. 50 мелод) сазовори боварӣ нест, барои ҳамин ҳам шоёни диққати таърихшинос шуда наметавонад. Аз ин ҷиҳат дар тадқиқотҳои худ оиди таърихи Осиёи Хурд ӯ ба Аҳди Ҷадид аҳамият намедод.

Вале билохир, ҳангоми таҳқиқ ӯ маҷбур шуд, ки ба навиштаҷоти Луқо рӯ оварад. Ӯ дақиқ ва бенуқсон будани тафсилоти таърихиро пай бурд ва тадриҷан муносибати худро нисбати китоби Аъмол дигар кард. Ӯ маҷбур шуд, ки „Луқоро ҳамчун таърихшиноси олидараҷа эътироф кунад... Ин муаллиф бояд бо таърихшиносони бузургтарин дар як саф истад.“

Маҳз дақиқии хурдтарин ҷузъиётҳо Рамсиро бовар кунонд, ки китоби Аъмол на дар асри 2, балки дар миёнаи асри 1 мелод навишта шудааст.

Дар замони мо бисёр тадқиқотчиёни муросокор маҷбур шуданд, ки ба санаи нисбатан барвақттар навишта шудани Аҳди Ҷадид розӣ шаванд.

Духтур Ҷон Робинсон дар китобаш «Санагузории нави Аҳди Ҷадид» ба хулосаи хеле ҷиддие омад, ки «Аҳди Ҷадид» то шикасти Йерусалим (с.70 мелод) пурра навишта шудааст.

Дар айни ҳол намояндагони ба ном „танқиди сохта“ тасдиқ мекунанд, ки маводи Аҳди Ҷадид то замони дар шакли Инҷил навишта шуданаш аз даҳон ба даҳон мегузаштанд. Гарчанде ин мунаққидон тафовути вақтро аз пештара дида андаке камтар мешуморанд, бо вуҷуди он боварӣ доранд, ки тасвири инҷилии ҳодисаҳо шакли фолклорро гирифтааст (ривоятҳо, афсонаҳо, асотир ва масалҳо).

Бениҳоят кӯтоҳ будани давраи даҳонӣ расидани маълумотҳо далели муҳимтарине буд, барои рад кардани ақидаи баъзе мунаққидон оиди дар шакли фолклор инкишоф ёфтани онҳо. Дар муддати кӯтоҳ маълумотҳо ба ин дараҷа дигаргун шуда наметавонистанд, чуноне ки мунаққидон мегӯянд.

Саймон Кистемейкер, ки Инҷилро дар колеҷи Дорт таълим медод, дар бораи кам будани фосилаи вақт, ки боиси навишта шудани Аҳди Ҷадид шудааст, чунин мегӯяд:

„Ҷамъ шудани фолклор дар халқҳои оддӣ ин раванди дуру дароз аст, ки садсолаҳо давом мекунад.Он иштироки наслҳои зиёдеро талаб мекунад. Агар „мунаққидони зоҳирбин“-ро гӯш кунем, пас хулосае мебарояд, ки таърихи Инҷил дар муддати ҳаёти фақат як насл ҷамъ ва офарида шудааст! Эҷоди баъзе қисмҳои Инҷил ба фикри онҳо ба раванди оҷилӣ дар доираи вақт фишурдашуда табдил меёбад.“

А. Х. Мак-Нил дар гузашта профессори фиқҳи донишгоҳи Дублин, фарзияро дар бораи паҳншавии даҳонӣ, ки мунаққидони зоҳирбин (формалӣ) пешниҳод карда буданд, инкор мекунад. Ӯ қайд мекунад, ки онҳо бояд ба анъанаи нигоҳ доштани суханони Исо диққат диҳанд. Агар номаи якуми Павлусро ба Қӯринтиён бо диққат хонем (7:10–12,25) маълум мешавад, ки суханони Исо бо ҷиддият дар хотир

нигоҳ дошта мешуданд ва анъанаи махсуси навишта шудани суханони Исо ҷой дошт.

Дар дини яҳудӣ анъанае буд, ки шогирд бояд суханони хохомро аз ёд дар хотир дошта бошад. Шогирди хуб ба „зарфи хуб сохташудае шабоҳат дорад, ки аз он ягон чакра об намерезад“ (Мисина, Абот, ii, 8). Аз рӯи назарияи К. Ф. Берни («Назми Худованди мо», 1925) суханони Исо бо забони арамеӣ дар намуди шеър аз даҳон ба даҳон мегузашт. Чунин азхудкунии онҳо осон буд.

Пол Майер, профессори таърихи қадимаи донишгоҳи Мичигани ғарбӣ чунин менависад: „Ақидае, ки гӯё дини насронӣ дар муддати садсолаҳо асотири пасхагиро ба вуҷуд овардааст, ё маъхазҳо чанде баъд аз рӯй додани ҳодисаҳо навишта шудаанд, ба ҳақиқат рост намеояд.“

У. Олбрайт танқиди рӯякиро таҳлил намуда навиштааст:

„Фақат файласуфони ҳозиразамон, ки на методҳои таърихӣ ва на ояндаи таърихро медонанд, тавонистанд чунин тори ақидаҳои аз ақл берунро дар атрофи Инҷил бофанд. Чунон ки инро „мунаққидони зоҳирбин“ кардаанд.“

Ба ақидаи худи Олбрайт, „бист ва ҳатто панҷоҳ сол муддати хело кӯтоҳест, ки мазмун ва суханони мушаххас гуфтаи Исо хело таҳриф шуда бошанд.“

Ҳангоми суҳбатҳо доири Инҷил ман аксар вақт мулоҳизаҳои писхандомезеро мешунавам:

— Магар ба Инҷил бовар кардан мумкин аст? Охир вай 2 ҳазор сол пеш навишта шудааст. Дар он хатоҳо ва фикрҳои мухталиф зиёданд.

Ман дар ҷавоб ба мусоҳибонам чунин мегӯям:

— Ман фикр мекунам, ки ба Инҷил бовар карда метавонам. Баъд воқеаеро нақл кардам, ки ҳангоми хондани дарс ба донишҷӯёни таърихшинос бо ман рӯй дода буд. Ман дар ин дарс гуфтам, ки барои исботи аслӣ будани Аҳди Ҷадид он қадар далелҳои зиёде овардан мумкин аст, ки барои даҳ асари ҷамъулҷамъи адабиёти антиқа дастрас кардан мушкил аст.

Профессори онҳо дар кунҷе нишаста, гӯё писхандомезона мегуфт:

— Бас кунед, ҳамаи ин муҳобот аст!

Он гоҳ ман аз ӯ пурсидам:

— Барои чӣ шумо писханд мезанед?

Ӯ ба ман гуфт:

— Медонед чӣ, ба таърихшиносон доир ба дурустии Аҳди Ҷадид сухан гуфтан худ рафтори бешармона аст!

Ба ман маъқул аст, вақте ки касе чунин каломи пандомез мегӯяд: Он гоҳ ман ҳамеша ҳамон як саволро медиҳам (ҳоло ягон маротиба ба саволам ҷавоби пурра нашунидам). Ман аз Ӯ пурсидам:

— Марҳамат карда гӯед, ана шумо — таърихшинос, барои исботи аниқӣ ва ё аслӣ будани асарҳои адабӣ ё таърихӣ аз кадом меъёрҳо истифода мебаред?

Аҷибаш дар он аст, ки ӯ ягон ҷавоби дурустеро ёфта натавонист. Вале ман онҳоро доштам ва ҳамон замон ба ӯ гуфтам.

Ба фикри ман хақиқати таърихӣ ва саҳеҳ будани Навиштаҷоти Муқаддас аз рӯи он меъёрҳое тафтиш мешаванд, ки барои санҷидани дигар ҳуҷҷатҳои таърихӣ истифода бурда мешавад.

Таърихшиноси ҳарбӣ К. Сандерс се рукни асосии маъхазшиносиро тасвир ва шарҳ дода гуфтааст. Ин — санҷиши феҳристи адабиёт санҷиши маълумотҳои дохилӣ ва санҷиши маълумотҳои берунӣ мебошад.

## Санҷиши библиографӣ

Санҷиши библиографӣ аз дида баромадани пайдарҳамии матнҳое, ки то замони мо омада расидаанд, иборат аст. Ба ибораи дигар гӯем (вақте, ки мо нусхаи аслиро надорем), то чӣ андоза нусхаҳои дар даст буда саҳеҳанд: чӣ қадар маъхазҳои дастнавис вуҷуд дорад ва матни аслӣ аз нусхаи ба мо маълум чӣ қадар тафовут дорад? Бо роҳи қиёси нусхаҳои Аҳди Ҷадид бо матнҳои дигари қадима, метавонем баҳо диҳем, ки то чӣ андоза мо аз маъхазҳои дастнависи Аҳди Ҷадид боем.

„Таърих“-и Фукидид (460–400 то мелод): мо ҳамагӣ ҳашт дастнавис дорем, ки санаи тахминан с. 900 мелод аст, яъне 1300 сол пас аз маргаш навишта шудаанд.

Инчунин дастхатҳои „Таърих“-и Ҳеродот ҳам нодир аст. Онҳо ҳам санаи нисбатан баъдро доранд. Вале чи хеле, ки Ф.Ф. Брюс мегӯяд „ягон филолог-классик фақат барои он, ки дастхатҳо ва асарҳои Ҳеродот ва Фукидид аз нусхаи аслии

худ 1300 сол тафовут доранд, ҳақиқат будани Ҳеродод ва Фукидидро зери шубҳа намегузорад.

Арасту „Поэтика"-и худро тахминан соли 343 то мелод навиштааст. Вале феҳрасти барвақти ба мо маълум санаи с.1100 мелодро дорад, фосилаи санаҳо 1400 сол буда, ҳамагӣ панҷ дастхат мондааст.

Цезарь „Таърихи ҷангҳои галлҳо"-ро байни солҳои 58 ва 50 то мелод навиштааст ва асл будани он дар асоси 9 ё 10 руйхате, ки 1000 сол баъдтар навишта шудааст, муқаррар мешавад.

Баръакси ҳол, фаровонии дастхатҳои Аҳди Ҷадид нисбат ба ин китобҳо хеле тааҷҷубовар аст.

Баъд аз бозёфти папирусҳо, ки фосилаи холии байни замони Исо ва асри 2 мелодро пур мекунад, боз бисёр дастхатҳои дигар ёфта шудаанд. Ҳоло ба мо зиёда аз 20000 дастхати Аҳди Ҷадид маълум аст. Барои муқоиса: ба мо 643 руйхати «Илиадан» машҳур маълум аст, аз рӯи фаровонии маъхазҳои дастнавис ин асар баъд аз Аҳди Ҷадид ҷои дуюмро мегирад.

Сэр Фредерик Кенион, дар гузашта директор ва сарбиблиографи Осорхонаи Британия, ки дар илми дастхатшиносӣ рақибе надорад,чунин хулоса мебарорад:

«Дар чунин маврид фосилаи вақте, ки маъхазро аз рӯйхати аз ҳама аввали ба мо маълум ҷудо мекунад, чунон кам аст, ки аз он сарфи назар бояд кард.

Боиси шубҳа нест, ки Навиштаҷоти Муқаддас пурра дар ҳамон шакле, ки навишта шуда буд, то давраи мо расидааст. Бо боварии пурра метавон гуфт, ки китобҳои Аҳди Ҷадид аслӣ ва ягонаанд».

Ҷ. Гарольд Гринли, мутахассиси Аҳди Ҷадиди бо забони юнонӣ навишташуда, гуфтааст: „Модоме ки олимон асарҳои классикони антиқаро асарҳои ҳақиқӣ ва мӯътамад мешуморанд (гарчанде, ки дастнависҳои аз ҳама қадимаи то замони мо расида якчанд аср баъд аз матнҳои аслӣ навишта шудаанд ва миқдори чунин руйхатҳо хело каманд), пас ҳақиқӣ будани Аҳди Ҷадид муқаррар шудааст".

Истифодаи меъёри библиографӣ нисбати Аҳди Ҷадид моро ба хулосаҳои дуруст меорад: аз рӯи миқдори рӯйхати дастхатҳо вай аз дигар асарҳои бадеии антиқа бартарии зиёде дорад. Агар бар болои он боз 100 соли кофтуковҳои

сермаҳсули матншиносиро ҳамроҳ кунем, бемалол тасдиқ карда метавонем, ки мо дорои матни аслии Аҳди Ҷадид ҳастем.

## Санҷиши маълумотҳои дохилӣ

Санҷиши библиографӣ ҳоло фақат як чизро нишон дод: матне, ки дар дасти мост, аз нусхаи аслии худ фарқ намекунад. Лекин барои то чӣ андоза боварибахш будани маълумотҳои навишташуда мо бояд онро тафтиш намоем. Ин кори маълумотҳои дохилист-яъне, меъёри дуюми, санҷиши дуюм ҳуҷҷати таърихӣ аз рӯи системаи К. Сандерс.

Дар ин марҳала мунаққиди адабӣ аз рӯи гуфтаи Арасту амал мекунад: „Шакку шубҳаҳои вуҷуддоштаро бар фоидаи ҳуҷҷат ҳал кардан зарур аст, на ба фоидаи худписандии мунаққид.“

Ба ибораи дигар,чуноне ки Ҷон У. Монтгомери гуфтааст: „Исботи ҳуҷҷатҳои тадқиқшавандаро ба назар гирифтан лозим аст, заминаи хато ё сохта будани онҳоро ҳамчун асос гирифтан лозим нест, ба шарте ки муаллиф ба хатоҳои мутақобил ё хатоҳои воқеии муаяншуда, худро бадном накарда бошад.“

Духтур Луи Готтшальк, собиқ профессори таърихи донишгоҳи Чикаго дар дастуре, ки барои тадқиқотҳои таърихӣ истифода мебарад, методи худро тавсиф додааст. Луи Готтшальк диққати худро ба муаллиф ё шоҳиде, ки қобилияти рост гуфтан дорад, равона мекунад.

Чунин қобилят ба таърихишинос барои фаҳмидани дурустии ахбор ёрдам мекунад, „гарчанде ки вай ҳуҷҷати сохта ва ё бо зӯрӣ гирифта шуда бошад, ё ҳуҷҷате, ки дар ягон хусус нуқсоне дошта бошад ва ё ахборе, ки аз рӯи шунид ва ё аз шоҳиди ғаразнок ҷамъ шуда бошад.“

Чунин „хусусияти ростгӯӣ“ аз наздикии ҷуғрофӣ ва фосилаи вақти шоҳид нисбати ҳодисаҳои овардашуда шаҳодат медиҳад. Тавсифи ҳаёт ва таълимоти Исо, ки дар Аҳди Ҷадид оварда шудааст, ё худи шоҳидон навиштаанд, ё одамоне, ки онҳоро аз шоҳидони воқеӣ шунидаанд, зоҳир кардаанд.

Луқо (Лк. 1:1–3) „Азбаски бисёр касон ба тартиб додани нақли воқеаҳое шурӯъ карданд, ки рӯй доданашон дар миёни мо пурра маълум аст, Чунон ки аз ибтидо ба василаи шоҳидон ва ходимони Калом ба мо расонданд, — Ман низ салоҳ

донистам, ки ҳама чизро аз худи аввал бодиққат тадқиқ намуда, пай дар ҳам барои ту, эй Теофилуси мӯҳтарам, бинависам...“

Петрус (2. Петрус 1:16) „Зеро, ҳангоме ки мо қувват ва омадани Худованди мо Исои Масеҳро ба шумо хабар додем, аз паи афсонаҳои фиребгарона нарафтаем, балки кибриёи Ӯро бо чашми худ дидаем.“

Юҳанно (1. Юҳ. 1:3) „Дар бораи он чи мо дидаем ва шунидаем, ба шумо хабар медиҳем, то ки шумо низ бо мо мушоракат дошта бошед, валекин мушоракати мо бо Падар ва бо Писари Ӯ Исои Масеҳ аст.“ (Юҳ. 19:35) „Ва он касе ки дид, шаҳодат дод, ва шаҳодати вай рост аст; вай медонад, ки рост мегӯяд, то ки шумо низ имон оваред.“

Луқо (Лқ. 3:1) „Дар соли понздаҳуми ҳукмронии қайсар Тибариюс, вақте ки Пантуюс Пилотус дар Яҳудо фармонфармоӣ мекард ва Ҳиродус тетрарки Чами ва бародараш Филлипус тетрарки Итурия ва вилояти Тарханитус ва Лиссониюс тетрархи Аблин буд...“

Чунин равшан тасвир шудани ҳодисаҳо барои тафтиши суханони шоҳидон яке аз унсурҳои муҳим аст.

Бо вуҷуди ин, ба таърихшинос лозим меояд бо шоҳидоне сару кор дошта бошад, ки қасдан ва ё нафаҳмида хабарҳои бардурӯғ мерасонданд, гарчанде ин шоҳидон ба ҷои воқеот нисбатан наздик буданд ва метавонистанд рост гӯянд.

Ҳикояҳо дар бораи Исо, ки дар Аҳди Ҷадид навишта шудаанд, вақти дар ҳаёт будани шахсоне аз даст ба даст мегашт, ки Масеҳро зинда дидаанд. Ин одамон бе ягон шубҳа метавонистанд ҳақ ё дурӯғ будани ин ҳикояҳоро тасдиқ кунанд ва ё инкор намоянд. Ҳангоми тарғиби Инҷил ва дар бораи Исо сухан гуфтан (ҳатто ҳангоме, ки бо душманони ашадии худ рӯ ба рӯ мешуданд) ҳаввориён ба чизҳое ба ҳама маълум такя менамуданд. Онҳо на фақат чунин мегуфтанд, ки „Мо ку худамон дидаем“ ва „Мо ку худамон шунидаем“, онҳо тактикаи худро дигар карда рӯи рост ба рақибонашон мегуфтанд: „Шумо ҳам ҳамаи инро медонед“, „Шумо худатон инро дидаед, шумо худатон инро медонед.“ Маълум аст, ки ягон кас ба рақиби худ „Шумо ҳам инро медонед“ намегӯяд, агар ӯ ба ин боварӣ надошта бошад. Агар ӯ, каме ҳам бошад, хато кунад, ин хатогӣ ба ӯ хело гарон меафтад.

(Аъмол 2:22) — „Эй мардони Исроил! Ба ин суханон гӯш диҳед: Исои Носира марде буд, ки назди шумо аз ҷониби Худо бо қувваҳо ва мӯъҷизот ва аломате ки Худо дар миёнаи шумо ба василаи Ӯ содир кард, ба субут расид, чунон ки худатон низ медонед…“

(Аъмол 25:24–26) — Чун Ӯ ба ин тарз худро муҳофизат мекард, Фестус бо овози баланд гуфт:

„Эй Павлус, ту аз ақл бегона шудаӣ! Дониши бисёр туро девона кардааст.“ Павел гуфт:

— „Ман аз ақл бегона нашудаам, эй Фестуси олимақом, балки суханони ҳақиқатро бо ақли солим баён менамоям; зеро подшоҳе, ки дар ҳузураш бебокона сухан меронам, аз ин воқиф аст; ман яқин дорам, ки чизе дар ин ҷода аз Ӯ пӯшида нест, зеро ки ин дар хилватгоҳе воқеъ нашудааст.“

Ф. Ф. Брюс, профессори танқид ва экзегетикаи Инҷил дар донишгоҳи Манчестер, ба Аҳди Ҷадид ҳамчун маъхази таърихӣ баҳо дода чунин мегӯяд:

„…ба тарғиботчиёни аввалин лозим омад, ки на фақат бо шоҳидони хайрхоҳ сару кор дошта бошанд, касони дигаре ҳам буданд, ки шароити ҳаёт ва мамоти Исоро хуб медонистанд, вале ба ҳамаи он зид буданд. Шогирдон ҳуқуқ надоштанд саҳв кунанд (дар бораи қасдан таҳриф кардани маълумотҳо ҳоҷати гап ҳам нест). Онҳоро шахсоне, ки нигарони ягон хатоӣ буданд, зуд фош мекарданд.Баръакс, қудрати таблиғгарони аввалин дар боварии онҳо буд, ки ҳавворихо чунин такягоҳро дар огоҳии шунавандагонашон медиданд: Онҳо на фақат „мо шоҳид будем“, балки „чуноне ки худатон медонед“ (Аъмол 2:22) мегуфтанд. Агар баногоҳ онҳо аз ҳақиқати ҳол каме дур мерафтанд, шоҳидони бадхоҳи ҳузурдошта ҳақиқатро дарҳол аниқ карда метавонистанд.“

Лоренс Мак-Гинли (Сент Питер Колеҷ) ҳангоми дида баромадани шаҳодати хаттӣ дар бораи шоҳидони бадхоҳ чунин мегӯяд:

„Пеш аз ҳама, ҳангоми ташаккули ривоятҳои анъанавӣ, шоҳидони ин ҳодисаҳо зинда буданд. Дар байни ин шоҳидон душманони ашадии чунин ҳаракати нави динӣ буд. Бо вуҷуди ин, расму русум гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамаи ҳикояҳои дар бораи ҳамаи воқеоти маълум ва таълимотҳо ошкоро тарғиб

шуда, дар лаҳзае руӣ доданд, ки ҳамаи гуфтаҳои бардурӯғ метавонистанд инкор шаванд.“

Тадқиқотчии АҳдиҶадид Роберт Граунт (донишгоҳи Чикаго) ба чунин хулоса меояд: „Дар он даврае, ки Инҷили синоптикӣ навишта шуда буд (ё лоақал тахмин кардан мумкин аст, ки маҳз дар он вакт навишта шудааст), шоҳидон ҳоло зинда буданд ва аз шоҳидии онҳо пурра сарфи назар кардан мумкин набуд...“

...Ин маънии онро дорад, ки Инҷилро ҳамчун ҳуҷҷате бояд донист, ки дар бораи ҳаёт, мамот ва эҳёи Исо буда, дар аснои худ сазовори боварӣ мебошад.

Уилл Дюрант, аз рӯи маълумоташ таърихшиноси тадқиқотчӣ, ки ҳаёти худро барои тадқиқи ҳуҷҷатҳои антиқа бахшидааст,чунин навиштааст: „Бо вуҷуди ғараз ва хурофоти мураттибони Инҷил бисёр чунин ҳодисаҳоеро навиштаанд, ки *„муҳоботчиён“* аз он чашм мепӯшиданд, аз ҷумла: кӯшиши ҳаввориён барои ҷои хубро гирифтан дар Салтанат; гурехтани онҳо баъд аз ҳабси Исо; мункирии Петрус; аз нишон додани мӯъҷизот дар Ҷалил даст кашидани Исо; тахмини шунавандагон, ки Ӯ аз ақл бегона аст: дар аввал, боварӣ надоштан ба вазифаи худ; эътирофи он, ки Ӯ ояндаро намедонад, ҳолатҳои пушаймониҳои зиёд; фарёдҳои ҷонкоҳи Ӯ дар салиб.

Тасвири чунин лаҳзаҳоро хонда кас шубҳа карда наметавонад, ки дар паси онҳо шахси воқеӣ истодааст. Назар ба ҳамаи муъҷизоти дар Инҷил навишташуда мӯъҷизоти ғайриимконе буд, ки агар якчанд одамони оддӣ дар тӯли ҳаёти як насл тавонистанд чунин як симои рахшони ҷалбкунанда, чунин як ахлоқи олӣ ва илҳомбахши дӯстии инсониятро нишон диҳанд. Баъд аз ду асри ба ном „танқид аз боло“, мо дар бораи ҳаёт, хислат ва таълимоти Исо тасаввуроти аниқу равшан дорем, ки он яке аз саҳифаҳои ҷозибаноки таърихи одамони ғарбро ташкил медиҳад.“

## Санҷиши маълумотҳои беруна

Сеюм меъёри таърихият — ин санҷиши маълумотҳои берунист. Моҳияти масъала чунин аст: Маълумоте, ки дар ҳуҷҷатҳои тадқиқшаванда вуҷуд дорад, онро ҳуҷҷатҳои дигари таърихӣ тасдиқ ва ё инкор мекунанд? Яъне: ғайр аз

ҳуҷҷатҳои тадқиқшаванда боз кадом маъхазҳои дигар дорои маълумотҳое мебошад, ки саҳеҳӣ, ҳақиқӣ ва боэътимод будани хуҷҷатро тасдиқ мекунад?

Готтшальк тасдиқ мекунад, ки „рост омадан ё мувофиқат намудан бо далелҳои дигари таърихӣ ва илмӣ омили муҳими тафтиши маълумотҳои як ва ё якчанд шоҳид мебошад."

Ду рафиқи ҳавворӣ Юҳанно маълумотҳоеро, ки дар ҳикояи Юҳанно ҷой доранд, тасдиқ мекунанд. Таърихшинос Евсевий аз асари Папий, епископи Иераполь (соли 130 мелод), иқтибос меорад:

Куҳансол (ҳавворӣ Юҳанно) чунин мегуфт: Марқӯс, ки собиқ тарҷимони Петрус буд, айнан суханони ӯро (Петрусро), ҳам суханон ва ҳам корҳои Масеҳро менавишт, вале паи ҳам не. Чунки Ӯ худаш ҳамсафар ва шунавандаи Худованд буд. Вале минбаъд, чуноне ки ман гуфтам, ӯ Петрусро роҳбаладӣ мекард, ки таълимоти Масеҳро мувофиқи шароит ва бо зарурат истифода барад, вале на чуноне ки гӯё суханони Худовандро рӯйхат мекарда бошад. Барои ҳамин ҳам Марқӯс хато накардааст, суханони ӯро чуноне менавишт, ки онҳо гуфта шудаанд.Чунки ӯ диққат мекард, ки аз суханҳои шунида ягонтоашро фаромӯш накунад ва ягон хатое накунад."

Ириней, епископи Лион (с. 180 мелод; Ириней шогирди Поликарп, епископи шаҳри Смирна буд, ки 86 соли умри худ масеҳӣ буд, дар ҷавонӣ шогирди ҳавворӣ Юҳанно буд) навиштааст:

„Матто Инҷили худро дар байни яҳудиҳо ба забони модарии онҳо паҳн мекард: дар ин вақт Петрус ва Павлус Инҷилро дар Рум тарғиб мекарданд ва дар он ҷо калисо бунёд намуданд. Баъди риҳлаташон, яъне баъд аз маргашон — аз рӯи анъанаҳои маъмул, дар давраи таъқиби Нерон дар соли 64), Марқӯс шогирд ва тарҷумони Петрус, бо дасти худ ба мо дастхати мазмуни асосии вазъи Петрусро дод. Луқо, ҳамсафари Павлус, дар китоби Инҷил, оиди чӣ гуна вазъ гуфтани устодаш навиштааст. Ва баъд Юҳанно, ки шогирди Худованд буду, ба сандуқи синаи Ӯ такя мекард (Юҳ 13:25 ва 21:20), ҳангоми дар ш. Эфеси Осиё зиндагӣ кардан Инҷили худро навишт."

Аксар вақт археология ба мо маълумотҳои зоҳирии боэътимод медиҳад. Дар тадқиқи танқидии Инҷил он саҳми

худро мегузорад. Табиист, ки на дар соҳаи худошиносӣ ё ваҳий, балки барои тасдиқи аниқ будани ин ё он ҳодисот.

Археолог Ҷозеф Фри менависад: „Археология лаҳзаҳои зиёдеро равшан кард, хусусан онҳоеро, ки пештар мунаққидон ҳамчун ҳодисоти зиддитаърихӣ ва ё мухолифи воқеот инкор карданд.“

Мо аллакай дидем, ки чӣ гуна археология Уилям Рамсиро маҷбур сохт, муносибати манфиашро нисбати аҳамияти калони таърихӣ доштани навиштаҷоти Луқо дигар кунад ва чӣ гуна ӯро ба хулосае оварл, ки китоби Аъмол ҷуғрофия, таърихи қадим ва вазъи ҷамъиятии Осиёи Хурдро айнан тасвир мекунад.

Ф.Ф.Брюс қайд мекунад: „Мо метавонем бо ҳуқуқи комил гӯем, ки археология Аҳди Ҷадидро тасдиқ кард. Ҳамаи он ҷойҳои Инҷили Луқо, ки пештар нодуруст дониста нашуданд, ҳоло бо шарофати далелҳои бавосита (берунӣ) дуруст дониста шудаанд.

А.Н. Шервин-Уайт, таърихшиноси давраи антиқа, чунин менависад:

„Далелҳое, ки ҳақиқати таърихӣ доштани китоби Аъмолро собит мекунад, дар мо хело зиёд аст.“

Баъд ӯ илова мекунад: „Ҳама гуна кӯшиши мубоҳиса оиди боэътимодии таърихӣ, ҳатто дар масъалаҳои ночиз, дар замони мо хатои маҳз аст. Таърихшиносоне, ки бо омӯзиши Руми Қадим машғуланд, кайҳо боз онро ҳамчун маъхази боэътимод қабул кардаанд.“

Худи ман барои исботи ғайритаърихӣ ва шубҳаомез будани Аҳди Ҷадид вақти зиёдеро сарф кардам ва дар охир ба хулосае омадам, ки китоб ҳамчун ҳуҷҷати таърихӣ сазовори боварист.

Агар касе тасдиқ кунад, ки Инҷил дар ин бобат нодуруст аст, пас ӯ бояд баробари ин тамоми адабиёти антиқиро рад кунад.

Дар мавридҳои зиёд одамон як меъёрро ба адабиёти одӣ (ғайридинӣ) ва меъёри дигарро нисбати Инҷил истифода мебаранд. Ин хел шуданаш мумкин нест. Барои тадқиқи адабиёт, чи хеле ки он набошад- ғайридинӣ ё динӣ, бояд низоми ягонаи баҳодиҳӣ истифода шавад. Он гоҳ, ман боварӣ дорам, мо метавонем гӯем, ки Инҷил — ин далели боэътимоди ҳақиқатан таърихӣ дар бораи Исо мебошад.

Духтур Кларк Х. Пиннок (профессори фиқҳи мунтазам дар Риҷент-коллеҷ) чунин мегӯяд: „Ягон ҳуҷҷати давраи антиқа ин қадар далелҳои хуби матнӣ ва таърихӣ надорад, ҳеҷ кадоми онҳо ин қадар ҳаҷми калони маълумоти таърихиро дар бар гирифта наметавонад, ки боиси хулосаи дуруст шавад. Ягон шахси бовиҷдон аз чунин маъхаз сарфи назар карда наметавонад. Нобоварӣ нисбати ҳақиқати таърихӣ доштани дини насронӣ бар хурофотҳои бехирадӣ, яъне, зидди фавқуттабиӣ асос меёбад.

# 5 Кӣ барои дурӯғ ба марг розӣ мешавад?

Аксар вақт мунаққидони гуногуни дини насронӣ тағйиротҳоеро, ки дар ҳаёти ҳаввориҳои Исо рӯй доданд, ба назар намегирифтанд. Ин тағйиротҳо — далели беҳтарини ҳаққонияти суханони Исо мебошанд. Модоме ки дини насронӣ ҳодисаи таърихист, ҳангоми омӯхтани он ба мо лозим меояд, ки аз далелҳои ҳам хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ васеъ истифода барем.

Таърифҳои гуногуни „таърих“ вуҷуд дорад. Ман фикр мекунам, ки аз ҳама хубаш ин „донистани гузаштаест, ки бо далелҳо асос ёфтааст.“ Ва агар касе ба ман эътироз кунад (гӯё ман ин таърифро дуруст ҳисоб намекунам), ман ба ӯ савол медиҳам:

— Шумо боварӣ доред, ки Наполеон дар ҳақиқат вуҷуд дошт?

Одатан ба саволам ҷавоби мусбӣ медиҳанд.

Ман боз мепурсам:

— Шахсан шумо ӯро дидаед?

Албатта он шахс ҷавоб медиҳад:

— Не.

— Пас шумо дар бораи ин аз куҷо медонед?...

Одамон ба далелҳо такя мекунанд.

Чунин таърифи таърих масъалаи бениҳоят муҳимро ба миён меоварад: далелҳо бояд боэътимод бошанд. Дар акси ҳол шунаванда маълумоти нодурустро мегирад. Дини насронӣ донистани гузаштаи таърихиро, ки бо далелҳо асос ёфтааст, талаб мекунад. Ва мо бояд саволи навбатиро диҳем: „Магар ба шаҳодати шифоҳӣ дар бораи Исо бовар кардан мумкин аст? Магар мо гуфта метавонем, ки онҳо суханон ва корҳои Исоро ба мо дуруст фаҳмондаанд?“

Ба фикри ман, ҳа.

Ман ба гувоҳии ҳаввориён бовар мекунам. Чунки аз дувоздаҳ нафар ёздаҳтои онҳо шаҳид шудаанд. Барои он ки ба эҳёи Исои Масеҳ ва ба Писари Худо будани Ӯ бовар

карданд. Онҳоро азоб доданд, қамчинкорӣ карданд ва дар охир бо шиканҷаи зиёд ба қатл расонданд.

1. Петрус—таслиб шуд (чормех).
2. Андриёс—таслиб шуд.
3. Матто—бо шамшер кушта шуд.
4. Юҳанно—бо марги худаш мурдааст.
5. Яъқуб—писари Алфей таслиб шуд.
6. Филиппус—таслиб шуд.
7. Шимъун—таслиб шуд.
8. Фаддей—тирборон шуд.
9. Яъқуб—бародари Исо сангборон шуд.
10. Тумо—ба найза бардошта шуд.
11. Барталамо—таслиб шуд.
12. Яъқуб, писари Заведей—бо шамшер кушта шуд.

Дар чунин ҳолат, одатан, мусоҳибони ман бо як овоз эътироз мекунанд:

— Хайр чӣ, бисьёр одамон барои дурӯғ гуфтан мурдаанд, ин ҳеҷ чизро исбот намекунад.

Бале, аксари одамон барои дурӯғ гуфтан мурдаанд, аммо онҳо ба ҳақиқат будани он бовар мекарданд! Ва агар дар ҳақиқат ягон эҳё намебуд (яъне агар ин дурӯғ бошад), пас шогирдонаш инро медонистанд. Ман тассаввур карда наметавонам, ки онҳо фирефта шуда бошанд. Пас ин ёздаҳ нафар на фақат барои дурӯғ гуфтан мурдаанд, муҳимаш дар он аст, ки медонистанд барои дурӯғ гуфтан ҷон медиҳанд! Ёфтани ёздаҳ нафар, ки дидаю дониста барои дурӯғ ҷони худро фидо мекунанд, дар таърихи башар душвор аст.

Барои баҳои ҳарҷониба додан ба корҳои кардаи ҳавворигён якчанд нуқтаро ба назар бояд гирифт. Аввалан, ҳангоми гуфтан ва навистан онҳо ҳамчун шоҳидони он ҳодисаҳои тасвиршаванда баромад мекарданд.

Петрус гуфт:

„Зеро, ҳангоме ки мо дар бораи ҳақиқат будан ва зуҳури Худованди мо Исои Масеҳ ба шумо хабар додем, аз паи афсонаҳои фиребгарона нарафтаем, балки кибриёи Ӯро бо чашми худ дидаем“ (2. Петрус 1:16).

Бешубҳа, ҳавворийён ҳақиқатро аз афсонаю ривоятҳо фарқ мекарданд.

Юҳанно таъкид мекард, ки яҳудиён медонанд, чунки онҳо шоҳид буданд.

„Дар бораи он чӣ аз ибтидо буд, ва мо онро шунидаем ва бо чашмони худ дидаем ва муроқиба намудаем, ва онро дастҳои мо ламс кардааст, дар бораи Каломи ҳаёт,“ — „Зеро ки ҳаёт зоҳир шуд, ва мо дидаем ва шаҳодат медиҳем ва ба шумо аз ҳаёти ҷовидоние хабар медиҳем, ки бо Падар буд ва ба мо зоҳир шуд“, — „Дар бораи он чӣ мо дидаем ва шунидаем ба шумо хабар медиҳем, то ки шумо низ бо мо мушоракат дошта бошед ; валекин мушоракати мо бо Падар ва бо Писари Ӯ Исои Масеҳ аст“ (1. Юҳанно 1:1–3).

Чи хеле ки медонем, Луқо навиштааст:

„Азбаски бисьёр касон ба тартиб додани нақли воқеаҳое шурӯъ кардаанд, ки рӯй доданашон дар миёни мо пурра маълум аст, — Чунон ки аз ибтидо ба василаи шоҳидон ва ходимони Калом ба мо расондаанд, — Ман низ салоҳ донистам, ки ҳама чизро аз ибтидо бодиққат тадқиқ намуда, пай дар ҳам барои ту, эй Теофилуси мӯҳтарам, бинависам...“ (Луқо 1:1–3).

Баъдтар дар китоби Аъмоли ҳавворийён Луқо чил рӯзи баъд аз эҳёи Масеҳро, ки Ӯро шогирдонаш дида буданд, тасвир мекунад:

„Номаи аввалро навиштаам, эй Теофилус, дар бораи ҳар он чи Исо ба амал овард ва таълим дод аз ибтидо, то ҳамон рӯзе ки ба василаи Рӯҳулқудс ба ҳавворийёни баргузидаи Худ дастурҳо дод ва ба осмон бурда шуд; Ба онҳо низ, баъд аз азобу уқубаташ, бо далелҳои бисёр Худро зинда нишон дод ва дар давоми чиҳил рӯз ба онҳо зоҳир шуда, дар бораи Малакути Худо сухан гуфт“ (Аъмол 1:1–3).

Юҳанно қисми охири Инҷили худро чунин сар мекунад: „Боз бисёр муъҷизоти дигаре Исо дар назди шогирдонаш нишон дод, ки дар ин китоб навишта нашудааст“ (Юҳанно 20:30).

Мазмуни асосии шаҳодати шоҳидон ҳикоят дар бораи эҳёи Исо буд. Ҳавворийён шахсан худашон Исоро баъд аз эҳё шуданаш зинда дидаанд:

Лк. 24:48 Аъм. 5:32 1. Юн. 1:2

| | | |
|---|---|---|
| Юн. 15:27 | Аъм. 10:39 | Аъм. 22:15 |
| Аъм. 1:8 | Аъм. 10:41 | Аъм. 23:11 |
| Аъм. 2:24,32 | 1. Кор. 15:4–9 | Аъм. 16:16 |
| Аъм.3:15 | Аъм. 13:31 | Аъм. 4:33 |
| 1. Кор. 15:15 | | |

Соният, худи ҳаввориён бояд бовар мекарданд, ки Исо, дар ҳақиқат аз мурдагон зинда шуд. Аввал онҳо бовар накарданд. Онҳо гурехта руст шуданд (Марқӯс 14:50). Онҳо рӯирост шубҳаи худро баён мекарданд. Ва фақат ҳангоме, ки далелҳои раднопазирро диданд ва шуниданд, он гоҳ бовар карданд.

Туморо ба ёд оред, ки гуфта буд: Ба эҳёи Исо бовар намекунам то оне, ки захмҳои аз мех мондаро бо дасти худ ламс накунам. Баъд аз чандин солҳо Тумо барои Исо ҳамчун шаҳид мурд. Магар ӯ ҳам фирефта шуд? Ӯ ҷонашро барои исботи акси он дод.

Ва баъдан Петрус. Ӯ ҳангоми доварӣ якчанд маротиба Масеҳро инкор кард. Дар охир аз Исо пурра рӯй гардонд. Лекин бо ин буздил чизе рӯй дод. Баъд аз чанд рӯзи таслиб ва дафн шудани Исо Петрус ба Йерусалим омад ва ба таҳдиди ҳукми қатл нигоҳ накарда, дар вазъҳои худ ҷасурона мегуфт, ки Исо Масеҳ буд ва Ӯ эҳё шудааст.

Билохир, Петрус сар ба поён таслиб шуд. Чӣ магар ӯ ҳам фирефта шуд? Пас бо ӯ чӣ руй дод? Пас ӯро чӣ ба муборизи нотарс барои кори Исо табдил кард? Барои чӣ вай барои Исо ба мурдан тайёр буд? Ягона шарҳи мусбие, ки ман дода метавонам, дар номаи якум ба Қӯринтиён баён шудааст (15:5) — „Ва ба Кифо ва баъд ба он дувоздаҳ нафар зоҳир шуд“.

Яке аз мисолҳои барҷастае, ки чӣ гуна одам бар хилофи иродаи худ боварӣ ҳосил кард, ин Яъқуб бародари Исо буд (Матто 13:55; Марқӯс. 6:3). Гарчанде ки Яъқуб дар ҳайати он дувоздаҳ шахси аввал набуд (Матто 10:2–4), дертар ӯро ҳамчун ҳаворӣ шинохтанд (Ғалотиён 1:19), чуноне ки Павлус ва Варнаваро шинохта буданд (Аъмол 14:14).То даме ки Исо зинда буд, Яъқуб бовар намекард, ки бародараш Исо писари Худост (Юҳанно 7:5). Шояд ӯ ҳамроҳи хоҳарон ва бародаронаш ба Исо механдиданд:

— Ва ту мехоҳӣ, ки одамон ба ту бовар кунанд? Беҳтараш ба Йерусалим рав ва найрангҳои худро дар он ҷо иҷро намо.

Эҳтимол, Яъқуб барои худ ва оилаи худ корҳои Исоро нанговар мешуморид, вақте ки Ӯ дар атроф гашта бо суханони худ ҳамаро ба ханда меовард („Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам, касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи Ман“ (Юҳанно 14:6); „Ман Ток ҳастам, ва шумо навдаҳо...“ (Юҳанно 15:5); „Ман чӯпони некам, ва мансубони Худро мешиносам, ва мансубонам Маро мешиносанд“ (Юҳанно 10:14). Шумо чӣ фикр мекардед, агар бародари шумо чунин суханонро мегуфт?

Лекин бо Яъқуб чизе рӯй дод. Баъд аз он ки Исоро таслиб карда, дафн карданд, Яъқуб ба Йерусалим рафта ба тарғиб сар кард. Ӯ мегуфт, ки Исо барои гуноҳҳои одамон ҷон дод ва Ӯ эҳё шудааст ва зинда аст. Дар охир Яъқуб яке аз сардорони калисои Йерусалим шуд ва китоби «Номаи Яъқуб» — ро навишт. Суханони аввали китоб — «Яъқуб, ғуломи Худо ва Худованди Исои Масеҳ». Бародари Ӯ Яъқуб шаҳид шуд. Ӯро бо фармони саркоҳин Анания, сангборон карданд (мувофиқи нақли Иосиф Флавий). Чӣ магар Яъқуб ҳам фирефта шуда буд? Не, ягона шарҳи боварибахш ба фикри ман ин сатрҳо аз номаи якум ба Қӯринтиён аст (15:7): „Пас аз он ба Яъқуб, инчунин ба ҳамаи ҳаввориён зоҳир шуд.“

Агар эҳё намебуд, пас ҳаввориён медонистанд, ки ин дурӯғ аст. Чӣ мумкин аст онҳо ягон фиребгари гузароро тарафдорӣ мекарданд? Он чизе, ки мо дар бораи сифатҳои ахлоқии ин одамон медонем, ба ҳеҷ ваҷҳ ба ин фарзид ҳеҷ мувофиқ намеояд. Онҳо худашон дурӯғгӯиро мазаммат мекарданд ва таъкид менамуданд, ки ростқавл будан хело муҳим аст. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки ба одамон ҳақиқатро ошкор созанд.

Таърихшинос Эдвард Гиббон дар китоби машҳураш «Таърихи таназзул ва ҳалокати империяи Рум» менависад, ки „ахлоқи нисбатан ҳамида, вале сахтгиронаи масеҳиёни аввал“ яке аз панҷ сабаби тез паҳн шудани дини насронӣ буд.

Майкл Грин, сарвари коллеҷи Иоанни Муқаддас дар Ноттингем, чунин мегӯяд: „Боварӣ ба эҳё пайравони руҳафтодаи таблиғотчии таслибшударо ба шаҳидон ва шоҳидони нотарси калисоҳои нахустин табдил кард. Маҳз чунин эътиқод пайравони Исоро аз дигар яҳудиҳо фарқ

кунонда, онҳоро ба гурӯҳи муттаҳид табдил дод. Онҳоро ҳабс кардан, шиканҷа додан мумкин буд, вале аз эътиқодашон, ки „дар рӯзи сеюми эҳё шудани Ӯ сар зада буд, маҷбур карда баргардондан мумкин набуд.“

Ниҳоят, нотарсие, ки дар рафтори ҳаввориён пайдо шуд (вақте ки онҳо ба эҳёи омӯзгори худ бовар карданд) тахминро дар бораи он, ки ҳамаи ин фақат афсона буд, аз эҳтимол дур мекунад. Онҳо ногаҳон, дар муддати як шаб нотарс шуданд. Петрус, ки пештар аз Исо даст кашида буд, баногоҳ зери таҳдиди марг, бо овози баланд эълон кард, ки Исо эҳё шуд ва зинда мебошад. Ҳукуматдорон пайравони Исоро ба ҳабс гирифтанд, онҳоро сахт заданд. Лекин чанде нагузашта, онҳо боз ба кӯчаҳои Йерусалим баромада, рӯирост дар бораи Исо ҳикоят мекарданд (Аъмол 5:40–42). Дӯстонашон қобили ҳаёт будани онҳоро, душманонашон бошад, мардонагии онҳоро ҳис мекарданд. Онҳо на дар ким — кадом гӯшаи вилоят, балки дар худи Йерусалим ташвиқот мебурданд. Пайравони Исо ба эҳёи устоди худ боварии комил доштанд ва барои ҳамин ҳам онҳо ба азобу шиканҷа ва марг тоқат мекарданд. Якдилии онҳо дар роҳи тарғиби таълимоти ягона ва рафтори нотарсонаашон хело ҳайратангез буд. Дар байни ягон гурӯҳи одамон муваффақ шудан ба ягонагӣ хело душвор аст, вале ҳамаи онҳо ҳақиқати эҳёшавиро тасдиқ мекарданд. Агар онҳо фиребгар бошанд, пас чаро ягонтаи онҳо аз азобу шиканҷаи зиёд „таслим нашуд“, инро фаҳмондан душвор аст.

Олим ва файласуфи франсавӣ Паскаль навиштааст: „Тахмин намудан, ки ҳаввориён фиребгар буданд, гапи беҳуда аст. Кӯшиш мекунем, ки ба чунин айбдоркунӣ як баҳои дурусти мантиқӣ диҳем.Тасаввур мекунем, ки он дувоздаҳ нафар баъд аз қатли Исои Масеҳ бо ҳам вохӯрданд ва қарор доданд, ки ҳамаашон як гапро гӯянд, яъне Ӯ эҳё шуд. Ин дар асл маънои вайрон намудани пояҳои ахлоқи дунявӣ ва динӣ ҳисоб мешуд. Аҷиб аст, ки рӯҳи инсон мубталои тағйирот ва ноустувориҳост. Онро мафтун кардан ва бо ваъдаҳои моддӣ ба доми фиреб андохтан хеле осон аст. Агар лоақал ягонтаи онҳо гирифтори ин васвасаҳои ширин мешуданд ва ё ба азобу шиканҷаи зиёд тоқат намеоварданд, он гоҳ ҳамаи онҳо ҳалок мешуданд.“

„Чӣ хел ҳамаи онҳо тавонистанд қариб дар як рӯз ба гурӯҳи одамони шикастнопазири боғайрат табдил ёбанд ва дар се қитъаи дунё суханони Исо ва эҳёи Ӯро тарғиб кунанд дар ин асно аз душманони худ беорӣ, таҳқирҳо, мушкилиҳои беохир, зиндон ва ҳатто аз марг наҳаросиданд?“ — мепурсид Майкл Грин.

Як муаллифи номаълум тағйиротҳоеро, ки дар ҳаёти ҳаввориён рӯх додааст, чунин тасвир мекунад: „Дар рӯзи таслиби Исо онҳо ғамгин ва дар рӯзи аввали ҳафта — хурсанд. Дар рӯзи таслиб онҳо ноумед шуданд, дар рӯзи аввали ҳафта дилҳои онҳо пур аз боварӣ ва орзӯҳо шуд. Вақте ки онҳо аввал дар бораи эҳё шуниданд бовар накарданд, онҳоро бовар кунондан душвор буд. Вале, ҳангоме ки онҳо худашон диданд, баъд аз он ягон маротиба шубҳае накарданд. Дар чунин муддати кӯтоҳ сабаби сар задани дигаргуниҳои ҳайратоварро дар ин одамон чӣ гуна метавон фаҳмонд? Худ ба худ аз қабр гум шудани ҷасад наметавонист хислатҳои онҳоро то ин дараҷа дигар сохта, рӯҳи онҳоро қавӣ гардонад. Се рӯз барои пайдоиши ривоятҳо хеле муддати кӯтоҳ аст, ки ба онҳо чунин таъсир кунад. Барои ташаккули ривояту қиссаҳо вақти зиёде лозим аст. Чунин ҳодисаи психологӣ баёни мукаммалро талаб мекунад. Дар бораи сифатҳои ин шоҳидон фикр кунед, мардон ва заноне, ки ба ҷаҳон таълимоти аз ҷиҳати ахлоқӣ беҳтаринеро додаанд, ки мислаш то ҳол вуҷуд надорад. Ҳатто аз рӯи шоҳидии душманонашон онҳо аз рӯи ғояҳои ӯ амал ва зиндагӣ мекарданд. Биёед як тахмини аз ҷиҳати психологӣ бемаъниро тасаввур кунем: як гурӯҳи хурди тарсончакони шикастхӯрда рӯзе дар як кулбачае ҷамъ мешаванд ва пас аз чанд рӯз ба гурӯҳи ягонае табдил меёбанд, ки даҳони онҳоро бо ҳеҷ гуна таҳқиркунӣ баста намешавад; сабаби рух додани чунин дигаргунии қатъиро бо як сохтакории ночизе, ки онҳо мехостанд producing иродаашонро ба башарият бор кунанд, маънидод намудан фикри беҳуда аст.“

Кеннет Скот Латурен навиштааст: „Оқибати эҳё ва нузули Рӯҳулқудс ба шогирдонаш..., аҳамияти калон дорад. Одамони ноком ва ноумедшуда бо як ғамгиние ба ёд оварданд, аз он ки чӣ гуна онҳо умед доштанд, ки Исо “шахсест, ки Исроилро бояд наҷот диҳад, „якбора ба шоҳидони илҳомгирифта табдил ёфтанд.“

Пол Литтл савол медиҳад:

„Онҳо кистанд, ки ба шарофаташон сохтори аҳлоқии ҷомеа дигар шуд: онҳо ё қаллобони гузаро ва ё девонагони гумроҳанд? Ба ҳар яке аз ин тахминҳо бовар кардан душвор аст, илова бар ин, ба фоидаи ин ё он тахмин ягон далели ночизе ҳам нест“. Вале ба ҳодисаи эҳёи Исо бовар накардан мушкилтар аст. Ва сабаби то дами марг эътиқоди устувор доштани ҳаввориёнро ба осонӣ шарҳ додан душвор аст. Аз рӯи маълумотҳои қомуси „Британик“ Ориген хабар медиҳад, ки Петрус сар ба поён таслиб шуда буд. Марги Петрусро Ҳерберг Уоркман чунин тасвир мекунад:

„Чи хеле ки Худованди мо пешгӯи карда буд, Петрусро аз камараш баста барои қатл бо роҳи Авриэл, ба он ҷое, ки бародаронаш бераҳмона қатл шудаанд, наздикии боғҳои Нерон ва теппаҳои Ватикан бурданд. Бо хоҳиши худи Петрус, ӯро сар ба поён таслиб карданд, чунки ҳамчун Омири Ӯ ҷафо диданаш норавост.“

Ҳаролду Маттингли дар рисолаи таърихии худаш чунин менависад:

„Ҳавворийн Петрус ва Павлуси муқаддас шаҳодати худро бо хун имзо карданд“.

Тортуллион навиштааст: „касе беҳуда мурдан намехоҳад, агар ба ҳақ будани худ бовар накунад.“

Профессори ҳуқуқшиноси Ҳарвар, Саймон Гринлиф, ки солҳои зиёд ба донишҷӯён илми чӣ гуна аз шоҳидон гирифтани шоҳидӣ ва чӣ гуна муайян намудани ростии шаҳодатҳоро меомӯхт, ба чунин хулосае меояд: „Дар ҳамаи солномаҳои таърихии ҳарбӣ чунин мисоли садоқат ба ғояҳои худ, пуртоқатӣ ва ҷасорати устувор доштанро ёфтан душвор аст. Онҳо барои ҷиддан аз нав дида баромадани асосҳои эътиқоди худ ва шаҳодати воқеаҳои бузургу таърихие, ки онҳоро ҳимоя мекарданд, сабабе доштанд.“

Ҳавворийн бо марги худ ҳақиқати суханонашонро исбот карданд. Ман ба суханони онҳо назар ба суханони аксари ҳамзамонони худам, ки барои эътиқоди худ на ин ки ба марг намераванд, ҳатто аз кӯча намегузаранд, бештар боварӣ дорам.

# 6 *Масеҳи мурда ба кӣ лозим аст?*

Одамони бисёр барои кори ҳақ ҳалок шудаанд. Ба ёд оред донишҷӯйиро аз Сан-Диего, ки худро зинда ба зинда сӯзонд, ҳамчун нишонаи эътироз бар зидди ҷанг дар Вьетнам. Солҳои 60-ӯм бисёр буддоиҳо худсӯзӣ карданд, то ки диққати башариятро ба Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҷалб намоянд.

Барои ҳавворийён моҳияти масъала дар он аст, ки кори онҳо дар болои салиб ҳалок шуд. Онҳо боварӣ надоштанд, ки Исо ин Масеҳ аст. Онҳо бовар намекарданд, ки Ӯ метавонад мурад. Онҳо боварии комил доштанд, ки Ӯ Салтанати Худовандро ба вуҷуд оварда, бар халқи Исроил ҳукмронӣ мекунад.

Барои фаҳмидани муносибати ҳавворийён ба Масеҳ ва фаҳмидани салиб бо Масеҳи таслибшуда, ки ба мафкураи онҳо дуруст намеомад, бояд ошкор сохт, ки дар замони Исо тасаввурот дар бораи Масеҳ чӣ гуна буд.

Ҳаёт ва таълимоти Исо бо назарияҳои яҳудийён оиди нузули Масеҳ ихтилофи ногусастанӣ дошт. Аз бачагӣ ба яҳудийён мегуфтанд, ки вақте Масеҳ меояд, Ӯ боҳашамат ва арбоби сиёсии фирӯзманд хоҳад шуд.Ӯ яҳудийёнро аз ғуломӣ озод намуда, ҳашамати пешинаи Исроилро барқарор мекунад. Лекин Масеҳи азобкашида „бо назарияи яҳудии нузул тамоман бегона буд.“

И. Ф. Скотт замони Исоро чунин тасвир мекунад: „...ин давраи эътирозу изтиробҳои бемисл буд. Сарварони дин ғазаби халқро бо машаққати зиёд фурӯ менишонданд, ҳама ва дар ҳама ҷо омадани Наҷотдиҳандаи орзӯкардаашонро нигарон буданд. Ин ҳиссиёти интизориро, ҳодисаҳои таърихие, ки ба наздикӣ дар ин давлат руӣ дода буданд, бешубҳа зиёд мекарданд.

Кайҳост, ки як насли бутун зери ҳокимии румиҳое зиндагӣ ба сар мебурданд, ки бо ҳар роҳ озодии онҳоро поймол мекарданд. Зулми румиҳо ҳисси ватандӯстии онҳоро бедор ва зиёдтар мекард. Дар ин давраи мушкил орзӯи деринаи онҳо дар бораи раҳоии муъҷизавор ва дар бораи шоҳ-Масеҳ, ки

озодиро меорад, маънии нав пайдо кард, ҳарчанде, аз афти кор,он чизи наве набуд.

Ҳаяҷони афкор, ки дар Инҷил тасвир шудааст, интизории бардавомро пеш овард.

Барои аксари аҳолӣ Масеҳ шахсе буд, ки Ишайё бисёр солҳо пеш барои ҳамзамонони худ буд. Ин ҷо сухан дар бораи писари Довуд, шахсе, ки зафар ва пешрафти халқи яҳудро таъмин мекард, меравад.

Аз мазмуни Инҷил маълум мешавад, тасаввурот дар бораи Масеҳ, ки дар байни мардум паҳн шудааст, пеш аз ҳама, хусусияти миллию сиёсӣ дошт.“

Олими яҳуд Ҷозеф Клауснер менависад: „Масеҳ беш аз пеш на фақат чун роҳбари барҷастаи сиёсӣ, балки мисли инсони дорои сифатҳои барҷастаи аҳлоқӣ тасаввур мешуд.“

Ҷекоб Ҳартенхус рӯҳияи аксари яҳудиёни давраи Исоро чунин тасвир мекунад: „Яҳудиён Масеҳеро интизор буданд, ки онҳоро аз зулми румиён наҷот медиҳад... орзӯҳои наҷотёбӣ, пеш аз ҳама, моҳияти озодихоҳии миллӣ доштанд.“

Дар «Қомуси яҳуд» чунин навишта шудааст, ки „яҳудиён ташнаи дидани наҷотдиҳандаи орзӯкардаашон аз хонаводаи Довуд — касе буданд, ки онҳоро аз асорати истилогарони нафратовари аҷнабӣ раҳо диҳад ва ба ҳукмронии беадолатонаи румиҳо хотима дода, салтанати осоиштаю боадолати худро созад.“

Дар ин давра яҳудиҳо ғарқи орзӯҳо ва чашмдошти он Масеҳи озодибахшашон буданд. Ҳавворийён ҳам чун атрофиёнашон ба Масеҳ бовар мекарданд. Чуноне ки Миллар Бэрроуз навиштааст: „Исо ба оне, ки яҳудиён дар худ писари Довудро тасаввур мекарданд тамоман монанд набуд. Ҳатто шогирдони Ӯ ба ақидае, ки Исо Масеҳ аст, бо як мушкилии зиёде бовар мекарданд.“

Суханони пурдаҳшати Исо оиди фаро расидани рӯзи таслибшавӣ шогирдонашро ба ҳеҷ ваҷҳ рӯҳбаланд намекард (Луқо 9:22). Чи хеле ки А. Б. Брюс қайд мекунад, „зоҳиран чунин менамуд, ки ҳоло умеде ҳаст ва Ӯ ба вазъи ба миён омада хело малулона менигарад ва гӯё хавфи Ӯ беасос аст... лекин Масеҳи таслибшуда барои ҳавворийён маънои шармсор шуданро дошт, маҳз ҳамин ихтилофи ҳалнашавандае буд, ки

аксари яҳудиён ҳатто баъд аз меърочи Худованд ба санои фалак дар ин ақидаи худ монданд.“

Альфред Эдерсхейм, дар гузашта профессори Оксфорд, суханони ҳақро гуфтааст: „Аз ҳамаи он чизе,ки мо дар бораи Масеҳ медонем, аҷоиботаш он замоне буд, ки Ӯ ба назди одамон омадааст.“

Аз рӯи Аҳди Ҷадид мо муносибати ҳаввориёнро бо Исои Масеҳ фаҳмида метавонем: онҳо Масеҳи ғолибро нигарон буданд.Баъд аз он, ки Исо ба шогирдонаш гуфт, ки бояд ба Йерусалим равад ва дар он ҷо ҷабру ҷафо кашад, Яъқуб ва Юҳанно хоҳиш карданд, ки Ӯ ба онҳо ваъда диҳад, ки яке аз тарафи рост ва дигаре аз тарафи чапаш дар ҷалоли Ӯ биншинанд (Марқӯс 10:32–38). Онҳо дар он лаҳза дар бораи кадом Масеҳ фикр мекарданд? Дар бораи Масеҳи азобдидаи таслибшуда? Не, дар бораи сардари сиёсӣ. Исо дар ҷавоб гуфт, ки онҳо суханони Ӯро нодуруст фаҳмиданд ва намефаҳманд, ки чиро аз Ӯ хоҳиш мекунанд.

Вақте ки Исо азоб ва таслиби худро пешгӯӣ мекард, дувоздаҳ ҳавворӣ намефаҳмиданд, ки Ӯ чиро дар назар дошт. (Луқо 18:31–34).

Аслу насаб ва тарбияи гирифта онҳоро маҷбур месохт, ки онҳо ба „ҳаёти хуб“ умед банданд. Аммо баъд — Салиби Ҷалҷотӣ буд. Ҳамаи он умедҳое, ки Исо Масеҳи онҳо мешавад, барбод рафт. Ҳавввориёни ҳайрону сарсон ба хонаҳояшон баргаштанд. Ҳамаи ин солҳо бар беҳудагӣ сарф шуданд.

Духтур Ҷ. Лэдд, профессори Аҳди Ҷадид дар семинарияи динӣ ба номи Фуллер, чунин менависад: „Вақте ки Ӯро ҳабс карданд, шогирдонаш Ӯро тарк карданд. Онҳо чунон ба Масеҳи ғолиб бовар мекарданд, ки гӯё Ӯ ҳамаи душманонашро ба худ тобеъ мекарда бошад. Ва, ҳангоме ки онҳо Исои ноумедшударо зери қамчин хуншор диданд, бандаи нотавонро зери ҳукми Пилат диданд, ки Ӯро ба қатл мебурданд ва дар салиб мехкӯб карданд ва дар он ҷо Ӯ ҳамчун ҷинояткори оддӣ мемирад, ҳамаи умедҳои онҳо нисбати Исои наҷотдиҳанда барбод рафт. Аз психология медонем, ки мо фақат он чизеро мешунавем, ки шунидан мехоҳем. Пешгӯиҳои Исо дар бораи азоб ва марги дар пешистода шунида нашуданд. Ҳарчанд ки Ӯ шогирдонашро огоҳонида буд, вале онҳо ба фаҳмидани ҳамаи ин тамоман тайёр набуданд...“

Лекин баъд аз гузаштани чанд ҳафта, бар хилофи шубҳаҳои пештараи худ, шогирдонаш ба Йерусалим баргашта, Исоро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худо, ҳамчун Масеҳи яҳудиён ҳамду сано мехонданд. Ягона шарҳи боэътимоде, ки ман пешкаш карда метавонам, ин дар номаи якум ба Қӯринтиён баён шудааст (15:5) — „Ва ба Кифо ва баъд ба он дувоздаҳ нафар зоҳир шуд." Ғайр аз ин боз чӣ тавонист ба шогирдони рӯҳафтода қувват диҳад, то ки онҳо ба назди халқ рафта тарғибот баранд, азобу шиканҷа ва маргро барои Масеҳ қабул кунанд? Аз афташ, Ӯ дар ҳақиқат „Ба онҳо низ, баъд аз азобу уқубаташ, бо далелҳои бисёр Худро зинда нишон дод ва дар давоми чиҳил рӯз ба онҳо зоҳир шуда, дар бораи Малакути Худо сухан гуфт" (Аъмол 1:3).

Оре, одамони зиёд барои кори ҳақ ҷон фидо кардаанд, вале кори ҳаққи ҳавворийён дар болои салиб кушта шуд. Фақат эҳё ва вохурии минбаъдаи Исо бо онҳо, пайравонашро бовар кунонд, ки Ӯ дар ҳақиқат Масеҳ будааст. Ва далели он на фақат суханон ва ҳаёти онҳо, балки марги онҳо ҳам мебошад.

# 7 Шунидаед, ки бо Шоул чӣ рӯй дод?

Рафиқам Чек, мисли ман дар донишгоҳҳо баромадҳои зиёд мекунад. Як руз ӯро воқеаи ғайричашмдошт дучор буд. Донишҷӯён барои ӯ мубоҳисаи оммавиро бо иштироки „бехудои донишгоҳ“ ташкил карданд. „Рақиби“ ӯ профессори фалсафа, шахси нотиқ ва душмани ашадии дини насронӣ буд. Аввал Чек сухан гуфт. Ӯ муфассал дар бораи далелҳое, ки аз эҳёи Исо гувоҳӣ медиҳанд, дар бораи дини насрониро қабул намудани ҳаввории Павлус ва дар охир дар бораи таассуроти худаш сухан гуфт, ки чӣ гуна ҳангоми дар донишгоҳ хонданаш Масеҳ ҳаёти ӯро дигаргун сохт.

Ӯ суханашро тамом карда буд, ки ба минбар ҳамон профессор баромад. Вай бисёр асабонӣ буд. Ӯ далелҳои эҳё шудан ва суханонеро, ки Чек дар бораи ҳаёти худаш гуфта буд, инкор карда натавонист. Он гоҳ ӯ ба воқеае часпида гирифт, ки чӣ гуна ҳаввории Павлус ба дини насронӣ рӯй овард. Ӯ дар бораи „чӣ гуна саргарм шудани одамон ба муқобили он чизе, ки мубориза мебаранд ва дар охир тарафдори он мешаванд“, бисёр гап зад.

Дар ин вақт рафиқи ман табассум карда гуфт:

— Пас, шумо ҳам бояд эҳтиёт шавед, вагарна шумо ҳам саргарм шуда, насронӣ мешавед!...

Яҳудии ҷавон Шоул аз шаҳри Тарс, душмани ашадии масеҳиён буд. Таърихи ба ҳаввории Павлус табдил ёфтани ӯ яке аз далелҳои таъсирбахшест бар фоидаи масеҳият.

Шоул ходими динӣ ва мутаассиби дини яҳудӣ буд. Ҳаёт дар шаҳри Тарс ба ӯ имконият дод, ки бо комёбиҳои охирони донишҳои инсоният шинос шавад. Ин шаҳраки донишгоҳ буда, бо файласуфони равоқӣ (босубот) ва маданияти худ машҳур буд.Ҷуғрофишиноси юнонӣ Страбон ба ин шаҳр барои рағбати калон ба маърифат ва фалсафа доштанаш, баҳои баланд додааст.

Павлус ба монанди падараш шаҳрванди Рум ҳисоб мешуд, ки ин имтиёз насиби ҳар кас набуд. Аз афти кор, ӯ бо маданият ва афкори эллинӣ хуб шинос буд. Ӯ забони

юнониро хуб медонист ва аз лаҳҷаҳои гуногун озодона истифода мебурд. Ӯ аз шоирон ва файласуфони на он қадар машҳур иқтибосҳо меовард.

Аъмол 17:28: „Зеро ки мо дар Ӯ зиндагӣ ва ҳаракат мекунем ва вуҷуд дорем (Эпименид), чунон ки баъзе аз шоирони шумо низ гуфтаанд: „Мо фарзандони Ӯ ҳастем“ (Арат, Клеанф)“;

Номаи аввал ба Қӯринтиён 15:33 — „Фирефта нашавед, ҷомеаи бад аҳлоқи некро фосид мекунанд (Менандр)“.

Ба Титус 1:12 — Шоире аз байни худашон чун набие чунин гуфтааст: „Критиён ҳамеша дурӯғгӯ ҳастанд, ва даррандагони бадкин, ва шикампарастони танбал (Эпименид)“.

Павлус маълумоти яҳудиро дар заминаи анъанаҳои сахттарини ақоиди риёкорҳо гирифтааст. Вай ҳанӯз 14 сола набуд, ки ӯро барои хондан ба назди Гамалиил, яке аз хохомҳои (раввин) барҷастатарини он давр (ӯ набераи Гиллель буд) фиристоданд.

Павлус худаш мегуфт, ки ӯ на фақат риёкор, балки писари риёкор ҳам мебошад (Аъмол 23:6). Ӯ ҳуқуқ дошт бо гузаштаи худ фахр кунад: „Ва дар дини яҳудӣ дар авлодам назар ба бисёр ҳамсолони худ бештар комёб будам, дар ҳолате ки барои ривоятҳои падаронам ниҳоятдараҷа ғайрат мекардам“ (Ғалотиён 1:14).

Барои фаҳмидани сабаби дини насрониро қабул кардани Павлус бояд сабаби зидди дини насронӣ будани ӯро фаҳмем. Сабаби асосиаш ин садоқати ӯ ба қонунҳои яҳудӣ буд.

Маҳз чунин садоқати ӯ сабабгори аввалини оштинопазирона инкор кардани Масеҳ ва калисоҳо буд.

Аз руи гуфтаи Жак Дюнон „дар дини насронӣ Павлусро на ақидаи аз рӯи сарнавишт наҷотдиҳанда будани Исо, балки ба Исо нисбат додани нақши Наҷотдиҳанда таҳқир мекард. Ҳамаи ин нақши қонунро барои наҷот барбод медод, Павлус ба муқобили дини насронӣ, пеш аз ҳама, барои он баромад, ки ӯ боварии яқин дошт, ки роҳи наҷотёбӣ дар қонун аст.“

Дар қомуси «Британик» навишта шудааст, ки мазҳаби нави яҳудиён, ки худро насронӣ меноманд, ба моҳияти тарбияи яҳудӣ ва маълумоти хохомонаи Павлус зарбаи сахт задааст. Мақсади асосии ӯ нест намудани ин мазҳаб буд (Ғалотиён 1:13). Ӯ ба фаъолият шурӯъ кард, то ки ҳамаи

онҳоро несту нобуд кунад (Аъмол 26:9–11). Ӯ „хоку туроби калисоҳоро“ мебардошт (Аъмол 8:3). Ӯ ба Димишқ рафт ва ҳамроҳаш коғазҳоеро гирифт, ки ба ӯ ҳуқуқи дар он ҷо дастгир намудани пайравони Исо ва бандӣ кардани онҳоро медод. Лекин дар роҳ бо ӯ чизе руй дод...

„Шоул, ки ҳанӯз таҳдид ва қатл бар шогирдони Худованд меангехт, назди саркоҳин рафт ва аз ӯ нома барои куништҳои Димишқ пурсида гирифт, то ки агар марде ё занеро аз пайравони ин тариқат биёбад, бандӣ карда ба Йерусалим оварад. Дар аснои роҳ, вақте ки ба Димишқ наздик омад,баногоҳ нуре аз осмон давродаври ӯ дурахшид. Ӯ бар замин афтод ва овозе шунид, ки мегуфт:

— Шоул, Шоул! Барои чӣ Маро таъқиб мекунӣ?

Ва ӯ гуфт:

— Худовандо, Ту кистӣ?

Овоз ҷавоб дод:

— Ман он Исо ҳастам, ки ту Ӯро таъқиб мекунӣ, вале бархез ва ба шаҳр рав ва дар он ҷо ба ту гуфта хоҳад шуд, ки чӣ бояд кунӣ. Аммо онҳое, ки ҳамсафари ӯ буданд, моту мабҳут меистоданд, зеро ки он садоро шуниданд, лек ҳеҷ касро надиданд.

Шоул аз замин бархост. Чашмонаш кушода буданд, вале ӯ ҳеҷ касро намедид. Ва ӯро аз дасташ гирифта ба Димишқ бурданд. Дар он ҷо се рӯз чизеро надид, ва чизе нахӯрд ва нанӯшид.

Дар Димишқ Ханониё ном шогирде буд.Худованд дар рӯъё ба ӯ гуфт:

— Эй Ханониё!

Вай ҷавоб дод:

— Лаббай, Худовандо!

Худованд ба ӯ гуфт:

— Бархез ва ба кӯчае, ки „Рост“ ном дорад, рав ва Шоул ном тарсуиро дар хонаи Яҳудо суроғ кун, ки ӯ ҳоло ба дуо машғул аст ва Ханониё ном шахсеро дар руъё дидааст, ки омада бар ӯ даст гузоштааст, то ки бино шавад“ (Аъмол 9:1–12).

Акнун маълум шуд, ки чаро масеҳиён аз Павлус метарсиданд, — дар ҷавоб гуфт Ханониё:

— Худовандо! Дар бораи ин одам аз бисёр касон шунидам, ки дар Йерусалим ба муқаддасони Ту чӣ қадар бадиҳо

кардааст. Дар ин ҷо низ аз саркоҳинон иҷозат дорад, ки ҳамаи касонеро, ки исми Туро мехонанд, бандӣ кунад. Аммо Худованд ба вай гуфт:

— Ту бояд биравӣ, зеро, ки ӯ зарфи баргузидаи Ман аст, то ки исми Маро пеши бутпарастону подшоҳон ва фарзандони Исроил паҳн намояд. Зеро ки Ман ба ӯ нишон хоҳам дод, ки барои исми Ман ӯ чӣ қадар азобу уқубат бояд кашад.

Ханониё ҳам рафта, ба он хона даромад ва даст бар ӯ гузошта гуфт:

— Эй бародар Шоул! Исои Худованд, ки дар роҳ бар ту зоҳир шуд, маро фиристод, то ки боз бино гардӣ ва аз Рӯҳулқудс пур шавӣ. „Дарҳол аз чашмони ӯ чизе монанди пулакча афтод ва ӯ бино шуд ва бархоста таъмид гирифт ва хӯрок хӯрда қувват гирифт“ (Аъмол 9:13–19).

Павлус навиштааст: „Оё ман Худованди мо Исои Масеҳро надидаам?“ (1. Қӯринтиён 9:1). Павлус зоҳир шудани Масеҳро ба ӯ ба зоҳир шудани Масеҳ ба ҳавворийён баъд аз эҳё шуданаш баробар медонист: „Ва пас аз ҳама ба ман низ, ки гӯё тифли хоме будам зоҳир шуд“ (1. Қӯринтиён 15:8).

Зеро ки Павлус на фақат Исоро дид, балки ин руъё тамоми ҳаёти ӯро дигаргун сохт. Ӯ Инҷилро на аз рӯи хоҳиши худаш, балки аз руи зарурат тарғиб мекард: „Зеро, агар башорат диҳам, ин барои ман сабаби фахр нест, чунки ин барои ман як кори воҷибист... “ (1. Қӯринтиён 9:16).

Воқеан, диққат кунед: вохурӣ бо Исо ва баъдан дини масеҳиро қабул кардани Павлус барои ӯ тамоман ғайричашмдошт буд: „...баногоҳ нури азиме аз осмон давродаври ман дурахшид“ (Аъмол 22:6). Павлус тасаввур намекард, ки овози илоҳӣ аз осмон ӯро садо мекунад. Ва вақте овоз гуфт, ки ин Исо аз Носира аст, ӯ аз шунидани чунин хабар ба ваҷҳ омад.

Бигзор мо ҳамаи тафсилоти ҳодисаҳои хронологӣ ва психологиро надонем, ки бо Павлус ҳангоми ба Димишқ рафтанаш рӯй додааст, лекин мо аниқ медонем, ки ин воқеа ҳаёти Павлусро ба куллӣ дигар кардааст.

Пеш аз ҳама, хислати Павлус тамоман дигар шуд. Қомуси «Британик» Павлусро пеш аз насронӣ шуданаш ҳамчун шахси тоқатнофарсо, бераҳм, мутаасиби динии оштинопазир, мағрури хислатҳои бад дошта тасвир мекунад.

Баъд аз он, ки ӯ насронӣ шуд, ба шахси ботамкин, раҳмдил, беғараз ва барои қурбониҳо тайёр табдил ёфт.

Кеннет Скотт Латуретт чунин мегӯяд: „Он таассуроти амиқи динӣ, ки тасаввуроти ӯро тамоман дигаргун сохт, ба ҳаёти Павлус маънии навро ворид сохт. Он шахси назарногири асабимиҷозро ба тарғиботчии мӯътабари бонуфуз табдил дод.“

Дуюмаш ин, ки муносибати Шоул бо пайравони Исо тамоман дигар шуд. Ӯ якчанд рӯзро бо шогирдонаш дар Димишқ гузаронд (Аъмол 9:19). Ва мо медонем, вақте ки Павлус ба назди шогирдон омад, онҳо бо ӯ дӯстона муомила карданд.

Сеюмаш, ин ки ақидаҳои Павлус дигар шудаанд. Муҳаббати худро ба мероси дини яҳудӣ нигоҳ дошт, ӯ аз рақиби бераҳм ба тарғиботчии собитақадами дини насронӣ табдил ёфт. „Дарҳол дар куништҳо дар ҳаққи Исо мавъиза кардан гирифт ва гуфт, ки Ӯ Писари Худост“ (Аъмол 9:20).

Ақидаҳои маънавии Павлус дигар шуданд. Ба ихтилофи ғояҳо риёкорҳо нигоҳ накарда, ӯро таҷрибааш водор сохт, ки Исоро ҳамчун Масеҳ (Мессия) эътироф намояд. Тасаввуроти нави ӯ дар бораи Масеҳ маънои табадуллотро дар ҷаҳонбинии Павлус дошт.

Жак Дюпон навиштааст: „Баъд аз он ки Павлус“ бо эҳсосоти баланд рад мекард, ки одами таслибшуда Масеҳ (Мессия) нест, дар охир бовар кард, ки Исо дар ҳақиқат Масеҳ буд ва бо таъсири ин дини нав ақидаҳои масеҳии ӯ қатъиян дигар шуданд.“

Акнун ӯ тавонист фаҳмад, ки марги Масеҳ дар болои салиб, ки ба назари ӯ пештар ҳамчун ғазаби Худованд ва сазовори таассуф будани охири умри инсон вонамуд мешуд, дар асл амале буд, ки Худованд ба воситаи Масеҳ бо башарият сулҳ баст. Ниҳоят Павлус фаҳмид, ки ба воситаи таслиб Масеҳ „барои мо маълум шуд“ (Ғалотиён 3:13) ва „барои мо қурбон шуд“ (2. Қӯринтиён 5:21).

Марги Масеҳ мағлубият набуд, балки ғалабаи бузурге буд, чунки он бо эҳё ислоҳ шуд. Салиб дигар „санги сари роҳ“ набуд, балки моҳияти асосии кафорати Худованд гардид. Моҳияти таблиғоти масеҳии Павлусро бо чунин суханонаш тавсиф кардан мумкин аст: „Ва ошкор карда ва исбот намуда, мегуфт, ки лозим буд Масеҳ азобу уқубат кашад ва

аз мурдагон эҳё шавад, ва ҳамин Исо, ки ман Ӯро ба шумо мавъиза мекунам, Масеҳ аст" (Аъмол 17:3).

Чорумаш, ин ки маънии фаъолияти ӯ дигар шуд. Ӯ аз одами саршори нафрат ба яҳудиён, ба таблиғотгаре табдил ёфт, ки маҳз ба онҳо мурочиат мекард. Аз мутаасиби дини яҳудӣ ӯ ба мураттиби Инҷил табдил ёфт. Яҳудӣ ва риёкор Шоул ба ғайрияҳудиён назарбаландона нигоҳ мекард ва онҳоро назар ба халқи баргузидаи худ, нажоди паст меҳисобид. Воқеаи дар Димишқ руй дода, ӯро ба ҳаввории боэътиқод, ки ҳаёти худро барои ёрӣ расондан ба ғайрияҳудиён бахшидааст, мубаддал кард. Дар Масеҳе, ки ба ӯ нузул шуд, Павлус наҷотдиҳандаи ҳамаи халқҳоро дид.

Ӯ риёкори боимон, ки вазифааш нигоҳ доштани дини яҳудии ташаккулёфта буд, ба ташвиқотчии мазҳаби тамоман наве, ки худашонро масеҳӣ меномиданд ва пештар ба муқобилаш муборизаи шадид мебурд, табдил ёфт.

Ӯ чунон тағйир ёфт, ки „ҳар ки суханонашро мешунид, дар ҳайрат афтода мегуфт: — Магар ин ҳамон касе нест, ки дар Йерусалим касонеро, ки ин исмро ба забон меоварданд, несту нобуд мекард? Оё ба ин ҷо низ ӯ барои он наомада буд, ки онҳоро бандӣ карда, назди саркоҳинон барад?" (Аъмол 9:21).

Таърихшинос Филип Шофф тасдиқ мекунад, ки дини насрониро қабул намудани Павлус ин марҳилаи қатъӣ на фақат дар ҳаёти шахсии ӯ, балки марҳилаи муҳим дар таърихи калисои ҳаввори ва таърихи башарият мебошад.

Натиҷаи ин ҳодиса фақат бо муъҷизае, ки дар рӯзи Панҷоҳум рӯй дода буд, баробар шуда метавонад. Он ғалабаи умумиҷаҳонии дини насрониро таъмин кард.

Боре дар донишгоҳи Хюстон ҳангоми хӯроки пешин ман ба назди як донишҷӯй нишастам. Мо дар бораи дини насронӣ суҳбат кардем ва ӯ ба ман гуфт, ки дар бораи дини насронӣ ва худи Масеҳ ягон далели таърихӣ нест. Аз рӯи ихтисос ӯ таърихшинос буд ва дар байни китобҳояш ман китоби таърихи Румро дидам. Ӯ эътироф кард, ки дар ин китоб дар бораи дини насронӣ ва ҳаввори Павлус бобе ҳаст. Ӯ онро хонда ҳайрон шуд, ки ин боб аз ҳикоя дар бораи ҳаёти Шоул аз шаҳри Тарс сар шуда, бо тасвири зиндагии ҳавворӣ Павлус анҷом меёбад. Як банд пеш аз анҷоми боб навишта шудааст, ки гӯё дар ин фосила чӣ ҳодисае рӯй додааст, номаълум аст.

Он гоҳ ман китоби Аъмолро кушода ба ӯ фаҳмондам, ки Масеҳ баъд аз эҳё шудан ба Павлус зоҳир шуд.

Донишҷӯ розӣ шуд, ки ин ақида мантиқан сабаби ба дини насронӣ гузаштани Павлусро дурустар шарҳ медиҳад. Баъдтар худи ӯ ба Масеҳ ҳамчун наҷотдиҳандаи вай имон овард.

Элиас Эндрюс чунин менависад: „Дар ин дигаргуншавии кулии „риёкорӣ аз риёкорҳо“, аксар одамон далели боэътимоди ҳақиқат ва нуфузи динеро, ки Павлус онро қабул карда буд ва таъсири накш ва аҳамияти шахсияти Масеҳро медиданд.“

Арҷибальд Мак-Брайд, профессори донишгоҳи Абердин, дар бораи Павлус чунин навиштааст: „Дар назди корномаҳои Павлус... ҳамаи ғалабаҳои Искандари Мақдунӣ ва Наполеон ҳеҷанд.“

Климент гуфтааст: „Павлус ҳафт маротиба занҷирбанд шудааст, Инҷилро дар Шарқ ва Ғарб тарғиб мекард, дар Ғарб то соҳили укёнус расид ва аз дасти ҳокимон шаҳид шуд.“

Павлус доимо мегуфт, ки Исои зинда ва эҳёшуда ҳаёти ӯро дигаргун кард. Ӯ ба эҳёи Масеҳ аз мурдагон ба дараҷае бовар кард, ки худаш барои имони худ шаҳид шуд.

Ду профессор аз Оксфорд — Ҳилберт Уэст ва лорд Литтлтон дар назди худ мақсаде гузоштанд, ки пояи дини насрониро вайрон кунанд. Уэст мехост исбот кунад, ки ақидаи эҳёшавӣ дурӯғ аст, Литтлтон бошад, мехост нишон диҳад, ки Шоул аз шаҳри Тарс ҳеҷ гоҳ дини насрониро қабул накардааст.

Ҳардуи онҳо ба хулосаҳои мухолиф омада, дар охир пайравони босуботи дини насронӣ шуданд. Лорд Литтлтон менависад: „Фақат масеҳӣ шудани Павлус ва хизмати ҳавворийёнаи ӯ барои тадқиқотчиёни нуктасанҷ кофист, ки Нузули Илоҳӣ будани дини масеҳиро дарк намоянд.“

Дар хотима ӯ менависад, ки агар бисту панҷ соли шиканҷаи Павлус ва ибодати ӯ ба Масеҳ ҳақиқат бошад, пас масеҳӣ шудани ӯ ҳам рост аст, чунки ҳамаи корҳои кардаи ӯ аз ин тағйироти ногаҳонӣ сар шуд. Ва агар ӯ дар ҳақиқат масеҳӣ шуда бошад, пас Исои Масеҳ аз мурдагон эҳё шудааст. Чунки Павлус ҳар коре, ки мекард ва ҳар сухане ки мегуфт, ҳамаи онро бо он лаҳзае, ки Масеҳи эҳёшударо дида буд, вобаста мекард.

# 8 *Масеҳ эҳё шуд! Ҳақиқатан ҳам эҳё шуд!*

Боре дар Уруғвай донишҷӯе ба ман саволе дод:

— Проофессор Мак-Дауэлл, чаро шумо аз дини насронӣ даст кашида наметавонед?

Он вақт ман ба ӯ ҷавоб дода будам:

— Бо як сабаби оддӣ. Ман ба як воқеае, ки дар таърихи башар руй додааст, ҳеҷ гуна шарҳи дигар ёфта наметавонам: ин ҳам бошад, эҳёи Исои Масеҳ аст.

Ман барои омӯхтани ин савол зиёда аз 700 соат вақтро сарф кардам. Манбаъҳои онро бо диққат омӯхта, ба чунин хулоса омадам: Эҳёи Исои Масеҳ, ё яке аз фитнаҳои бадхоҳона, бераҳмона ва маккоронаест, ки бар дӯши башарият ба зӯрӣ бор карда шудааст, ё ин яке аз далелҳои муҳимтарини таърихи ӯ мебошад.

Баҳс дар бораи эҳё, саволи „Оё дини насронӣ асоси воқеӣ дорад?" — ро аз соҳаи назария ба соҳаи таърих мегузаронад.

Оё дини насронӣ таҳқурсии қобили қабули таърихӣ дорад? Оё далелҳои мо кофист, ки ба эҳё боварии комил дошта бошем? Мана ин якчанд далеле, ки асоси ин савол шуда метавонад:

Исо аз Носира, пайғамбари яҳудиён, оне ки худро Масеҳ меномид ва набиён дар Аҳди Қадим Ӯро пешгӯӣ карда буданд, ҳабс шуда, ҳамчун ҷинояткори сиёсӣ маҳкум ва таслиб шуд.

Баъд аз се рӯзи маргаш ва дафн шуданаш, якчанд зан ба дахма омада диданд, ки ҷасадаш дар ҷояш нест. Шогирдони Исо мегуфтанд, ки Худо ӯро аз байни мурдагон эҳё кард ва пеш аз ба осмон меъроҷ кардан Ӯ якчанд бор ба онҳо зоҳир шуд.

Дини насронӣ дар ин замина пайдо шуда ба тамоми Империяи Рум паҳн гардид ва дар муддати асрҳои зиёд ба равиши таърих таъсири худро расонд.

Инак, савол: Эҳёи Исо, дар ҳақиқат, вуҷуд дошт, ё не?

## Дафни исо

Аз руи одати дафни яҳудиён Ҷасади Исо ба матоъи сафед печонида шуда буд. Ба болои Ҷасад ва матоъ қариб

50 кг моддаҳои ширешмонанди хушбӯй молида шуд (Юҳанно 19:39–40).

Баъд аз он ки Ҷасад ба дахмаи сангин гузошта шуд (Матто 27:60), даромадгоҳи он бо санги калон (қариб 2 т) пӯшида шуд, ки онро бо дастгоҳи махсус оварда буданд (Марқӯс 16:4).

Аскарони румӣ, ки бо интизоми ҳарбии худ маълум буданд, даромадгоҳи онро посбонӣ мекарданд. Тарсу ваҳм дар назди ҷазои сахт „боиси бенуқсон иҷро кардани вазифаи ҳарбӣ махсусан дар шабҳо буд.“

Посбонон даромадгоҳи дахмаро бо мӯҳри Румӣ, ки рамзи қудрат ва тавоноии Рум буд, бастанд. Агар касе мехост, ки сангро аз ҷояш ҷумбонад, мӯҳрро ҳатман вайрон мекард ва гирифтори ҳукми қонун мегардид.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда дахма холӣ буд!

## Дахмаи холӣ

Шогирдони Исо мегуфтанд, ки Вай аз мурдагон эҳё шуд. Онҳо тасдиқ мекарданд, ки Исо дар тӯли 40 рӯз ба онҳо зоҳир мешуд ва зоҳиршавии худро „бо далелҳои зиёд“ собит мекард (тарҷумаи дигар — „бо далелҳои бисёри саҳеҳ“, Аъмол 1:3).

Ҳаввориӣ Павлус гуфтааст, ки боре Исо дар назди як гурӯҳи одамон, ки дар байнашон зиёда аз 500 нафар пайравонаш буд, зоҳир шуд. Он вақт аксари онҳо зинда буданд ва суханони Павлусро тасдиқ карда метавонистанд (1. Қӯринтиён 15:3–8).

А. М. Рамси менависад: „Ман ба Эҳё бовар мекунам, хусусан барои он ки бе ин фаҳмидани як қатор воқеаҳо ғайриимкон аст.“ Дахмаи холӣ — „ин воқеаи беҳад ҷанҷолиест, ки онро инкор кардан ғайриимкон аст.“

Пауль Альтхаус қайд мекунад, ки „касе ба ягон сухани ҳикояи эҳёшавии ӯ бовар намекард, агар ҳодисаи набудани ҷасад дар дахма ба ҳама маълум намешуд.“

Пол Л. Майер ба чунин хулоса омадааст: „Агар мо ҳамаи далелҳои мавҷударо бодиққат ва бе ягон ғараз дида бароем, он гоҳ аз рӯи ҳамаи қоидаҳои тадқиқотҳои таърихӣ мо ба хулосаи боэътимоде омада метавонем: дахмае, ки ба он ҷо Исоро гузошта буданд, он рӯз, дар ҳақиқат, холӣ буд. То ҳол на дар маъхазҳои адабӣ, на дар хатшиносӣ ва археология ягон далели дигаре ёфт нашудааст, ки ин мулоҳизаро рад карда тавонад.“

Пас сабаби холӣ будани дахмаро чӣ гуна фаҳмонда метавонем? Мумкин ягон сабаби табиӣ дошт?

Дар асоси далелҳои таърихии раднашаванда насрониҳо мӯътақоиданд, ки қувваи фавқуттабиие, ки аз Худо омадааст, Исоро ҷисман дар макону замон эҳё намуд. Албатта ба ин бовар кардани баъзеҳо душвор аст. Аммо ба ин бовар накардан маънои дучор шудан ба масъалаи ҳаллаш душворро дорад.

Дар кадом ҳолат будани дахма баъд аз эҳёшавӣ аҳамияти калон дорад. Мӯҳри Румӣ шикаста шудааст-ин маънои (барои он касе, ки онро шикастааст) ҳукми қатл бо роҳи сар ба поён таслиб шуданро дошт. Санги калон на фақат аз ҷояш ҷунбонида, балки аз дахма дур карда шудааст, гӯё касе онро бардошта, ба масофаи дур бурда бошад. Посбонон гурехтанд.

Дар корҳои таърихшинос Ҷастин ҳаждаҳ гуноҳ номбар шудааст, ки барои содир кардани он аскарони посбон бояд ба қатл расонда шаванд. Аз ҷумла, ҳодисаи дар хоб мондани посбон ва ё худсарона ҷояшро тарк кардан пешбинӣ шудааст.

Ба дахма занҳо омада, онро холӣ диданд. Онҳоро воҳима зер кард ва онҳо баргаштанд ва мардҳоро ҷеғ заданд. Петрус ва Юҳанно ба назди дахма давиданд. Юҳанно якумин шуда омад, аммо ба даромадан ҷуръат накард. Ӯ ба дарун нигоҳ карда дар он ҷо кафанро дид, ки он сохти баданро дошт, вале холӣ буд. Тан онро тарк кард, то ки ҳаёти навро сар кунад. Рости гапро гӯем, чунин ҳодисаи аҷиб ҳар касро (ба муддати кӯтоҳ бошад ҳам) ба диндор табдил медиҳад.

Ҳамаи он назарияҳое, ки эҳёшавиро бо сабабҳои табиӣ алоқаманд мекунанд, беэътимоданд; умуман гӯем, онҳо бовариро ба эҳё, боз ҳам қавитар мекунанд.

## Ин дахма не?

Назарияе, ки Кирсопп Лейк талқин мекунад, моҳияташ чунин аст: он занҳое, ки дар бораи гум шудани ҷасад хабар доданд, ҷои дахмаро хато карданд. Дар ин сурат шогирдоне, ки аз паси онҳо давида омаданд, мебоист ба сӯи дахмаи дигар медавиданд.

Вале мо бояд осуда бошем, ки ҳукумати яҳудиён, ки бо талаби онҳо дар назди дахма посбон гузошта шуда буд (маҳз барои он, ки ҷасадро надузданд), дар ёфтани суроғаи дахма хато карда наметавонистанд. Ба мисли посбонони дар он ҷо буда.

Агар дар ҳақиқат, шогирдонаш ҷои дахмаро хато карда бошанд, ҳукуматдорони яҳудӣ ҳамон замон ҷасадро аз дахмаи ҳақиқӣ мегирифтанд ва ҳамаи овозаҳо дар бораи эҳёшавӣ катъ мешуд.

Фарзияи дигар оқилона аст: зуҳури Масеҳ баъд аз эҳёшавӣ — ин хаёлоти одист, яъне дар назар тофтан мебошад. Аммо ин фарзия бо қонунҳои психологӣ, ки сабабҳои дар назар тофтанро меомӯзад, мухолифат мекунад. Он на бо вазъияти таърихӣ ва на ба ҳолати рӯҳии ҳаввориён дуруст меояд.

Пас, ҷасади ҳақиқӣ дар куҷо буд ва чаро онро касе надид?

## Назарияи беҳушӣ

Ин назарияро якчанд аср пеш Вентурини паҳн кардааст ва онро то ҳол тез-тез ба ёд меоранд. Тарафдорони он мегӯянд, ки Исо дар ҳақиқат, намурдааст. Ӯ аз заъфи заифӣ ва хунрезии зиёд беҳуш шудааст. Ҳама фикр карданд, ки Ӯ мурдааст, вале баъд вай ба ҳуш омадааст ва шогирдонаш фикр кардаанд, ки Ӯ аз мурдагон эҳё шудааст.

Шаккок Девид Фридрих Штраус худаш ба эҳё боварӣ надорад.Вале дар бораи „фарзияи беҳушӣ“ чунин гуфтааст:

„Ҳеҷ мумкин нест, ки одами дар ҳолати ниммурда буда, заифу дар пояш намеистодагӣ ва ба ёрии тиббӣ (бастани ҷароҳат ва табобат) эҳтиёҷдошта, гирифтори азоби ҷисмонӣ, аз дахма duздида шуда ба шогирдони худ яку якбора чунин таъсир расонида бошад: Гап дар бораи инсоне меравад, ки бар марг ғолиб омада, Омири Ҳаёт аст. Маҳз ин таасурот асоси ҳамаи ташвиқотҳои ояндаи онҳо гардид. Чунки зиндашавӣ метавонист таасуротеро, ки Ӯ ба онҳо дар ҳаёт ва мамоти худ расонидааст, суст кунад. Дар лаҳзаи беҳтараш, он боиси сар задани рӯҳияи ғамангезе мешуд, вале ба ҳеҷ ваҷҳ ғами онҳоро ба рӯҳбаландӣ табдил дода наметавонист, чуноне ки ҳурмати онҳо ба Ӯ то ба имони динӣ расид.“

## Ҷасадро дуздидаанд?

Боз як назарияи дигаре ҳаст: вақте ки посбонон дар хоб буданд, шогирдонаш ҷасади Ӯро дуздидаанд (Матто 28:1–15).

Маъюсӣ ва буздилии шогирдон ба муқобили ин назария далелҳои пурқувват мебошанд: чӣ хел онҳо якбора далер ва боҷуръат шуданд, ки ҷасадро аз таги бинии як гурӯҳ

аскарон дуздида бурданд? Дар он вақт онҳо барои чунин корҳо ҳавсала надоштанд.

Ҷ. Н. Андерсон, дар гузашта декани факультаи ҳуқуқшиносии донишгоҳи Лондон, роҳбари шуъбаи қонунҳои шарқии Пажуҳишгоҳи Шарқ ва Африқо, Сарвари Пажуҳишгоҳи ҳуқуқ дар назди донишгоҳи Лондон. Ӯ дар бораи фарзияе, ки гӯё ҷасади Исоро шогирдонаш дуздида бошанд, чунин мегӯяд:

„Ин фарзия ба ҳамаи он чизе, ки мо дар бораи онҳо медонем, ба рукнҳои ахлоқӣ ва тарзи ҳаёти онҳо мухолиф аст; ғайр аз ин назарияи мазкур ишорае надорад, ки чӣ гуна онҳо аз гурезаҳои рӯҳафтодаю маъюсшуда якбора ба шоҳидони боҷасорате табдил ёфтанд, ки ягон азобу шиканҷа онҳоро шикаст дода наметавонад.“

Боз як назария: худи ҳукуматдорони яҳудӣ ё румӣ ҷасадро аз дахма бурданд. Аммо ин ҳам чун фарзияи дуздидани ҷасад аз тарафи шогирдонаш он қадар боварибахш нест. Агар ҳукуматдорон ҷасадро худашон бурда бошанд ва ё ақалан медонистанд, ки он дар куҷост, пас барои чӣ дар вақти ба таблиғот шурӯъ намудани шогирдон оиди эҳёи Исо онҳо бо радия баромад накарданд? Чаро нагуфтанд, ки он маҳз дар куҷост? Чаро ҷасадро набарварданд ва ба болои ароба гузошта аз Йерусалим нагузаронданд? Чунин чорабинӣ дарҳол ба дини масеҳӣ хотима мегузошт.

Духтур Ҷон Уорвик Монтгомери дар ин бобат чунин менависад: „Баъди ин ҳеҷ бовар кардан мумкин нест, ки масеҳиёни аввалин чунин сохтакориро бофта бароранд ва дар байни мардуме, ки метавонист ҷасади Исоро баровардa, суханони онҳоро рад кунад,тарғибот баранд.“

## Шаҳодатҳо бар манфиати эҳёшавӣ

Профессор Томас Арнольд, муаллифи китоби машҳури сеҷилдаи таърихи Рум, ходими шӯъбаи таърихи нав дар Оксфорд, аҳамияти далелҳоро барои муайян намудани воқеаҳои таърихӣ хеле хуб мефаҳмид. Ӯ навиштааст:

„Солҳои зиёд ман таърихи давраҳои гуногунро меомӯхтам, шаҳодатҳои муаллифонро, ки дар бораи ин давра навиштаанд, тадқиқ намуда, месанҷидам. Ман дар таърихи башарият ягон воқеаи дигареро намедонам, ки дар чашмони тадқиқотчии

боақл ин қадар далели боварибахши мантиқан ба итмом расида бошад. Ба ҷуз аломати бузурге, ки Худо ба мо ирсол кард, то нишон диҳад, Масеҳ мурд ва аз мурдагон эҳё шуд.“

Олими англис Брук Фосс Уэсткотт навиштааст:

„Дар асоси маҷмӯи ҳамаи далелҳо, бе муболиға гуфта метавонем, ки дар таърих ягон воқеа он қадар пурра ва гуногуншакл ба ҳуҷҷат дароварда нашудааст, чуноне ки эҳёи Масеҳ. Ва фақат ақидаҳои беасоси ғаразнок метавонанд тадқиқотчиро маҷбур созанд, ки далелҳои вуҷуддоштаро нопурра ҳисоб кунад.“

Духтур Саймон Ҳринлиф яке аз ҳуқуқшиносони шоистаи амрикоӣ буд. Ӯ яке аз профессорони машҳури ҳуқуқ дар донишгоҳи Ҳарвард буд; ва ба ҷои довар Ҷозеф Стори профессори ҳуқуқи Скандинавӣ ба ҳамон донишгоҳ омад. Дар бораи ӯ Г. Ноттс дар китоби машҳури худ „Луғати тарҷумаи ҳоли амрикоиҳо“ чунин навиштааст:

„Дар байни донишкадаҳои олии ШМА чунин мақоми баландро ноил гардидани донишкадаи ҳуқуқи Ҳарвард ба шарофати саъю кӯшишҳои Стори ва Ҳринлиф имконпазир гардидааст.“

Ҳринлиф ҳамчун профессори донишгоҳи Ҳарвард дар бораи қиммати ҳуқуқии шаҳодати ҳаввориён, ки дар бораи эҳёи Масеҳ дода буданд, китобе навиштааст. „Ӯ ғайриимкон будани тахминеро истисно мекунад, ки ҳаввориён“ барои исботи ҳақиқате, ки онро тарғиб мекарданд, агар Исо дар ҳақиқат аз мурдагон эҳё намешуд ва агар ин воқеа чун дигар зуҳуротҳо ба онҳо маълум намешуд, метавонистанд то ин дараҷа пофишорӣ кунанд.“

Ҳринлиф ба хулосае омад: агар тартиби баҳо додани ҳуқуқиро бо далелҳо, ки дар судҳои муқаррарӣ истифода мешавад, ба назар гирем, он гоҳ эҳёи Исо бешубҳа яке аз воқеаҳои муҳими таърихист.

Ҳуқуқшиноси дигар Франк Морисон қарор дод, ки шаҳодати эҳёшавиро инкор кунад. Ӯ рад намекард, ки Исо шояд ҳаёти беҳтаринеро, ки дар ягон давр ба инсон ато шудааст, аз сар гузаронидааст. Аммо вақте сухан дар бораи эҳё мерафт, ӯ чунон мекард, ки ин афсонаест, ки баъдтар касе ба ҳаёти ҳақиқии Исо „зеб“ додааст.

Ӯ хост таърихи якчанд рӯзи охири ҳаёти Исоро нависад. Табиист, ки дар бораи эҳё ӯ фикри навиштанӣ ҳам надошт. Ӯ боварӣ дошт, ки муносибати дурусту боандеша ба тарҷимаи ҳоли Исо худ аз худ масъалаи эҳёшавиро мебардорад.

Аммо, баъд аз оне, ки ӯ ҳамчун ҳуқуқшиноси соҳибкасб бо ҳамаи далелҳои вуҷуддошта шинос шуд, ақидаи худро дигар кард. Дар охир ӯ китоби машҳури худ — „Кӣ сангро аз ҷояш ҷумбонд?“-ро навишт. Боби аввали он чунин ном дошт „Китобе, ки намехост навишта шавад“, дар бобҳои дигар бошад ӯ қатъиян далелҳоеро, ки ба фоидаи эҳёи Масеҳ шаҳодат медоданд, ҳимоя кард.

Хулосае, ки Ҷордж Элдон Лэдд баровардааст, чунин аст: „Ягона шарҳи оқилонаи ҳамаи далелҳои таърихӣ дар он аст, ки Худо Исоро ҷисман эҳё кардааст“.

Дар замони мо касе, ки ба Исои Масеҳ имон дорад, бояд сад фоиз боварӣ дошта бошад, чи хеле ки насрониҳои аввалин боварӣ доштанд, ки имони вай на ба афсонаю достонҳо,балки ба далелҳои таърихии муқарраршуда асос меёбад: Масеҳ аз мурдагон эҳё шуд ва дахма холӣ буд.

Муҳимаш он аст, ки ҳар як имондошта имрӯз ҳам метавонад қудрати Масеҳи эҳёшударо шахсан эҳсос кунад. Пеш аз ҳама, ӯ медонад, ки гуноҳҳояш бахшида шудаанд (1. Қӯринтиён 15:3). Дуюмаш, ба ӯ ҳаёти ҷовидона ва эҳё фароҳам оварда шудааст (1. Қӯринтиён 15:19–26). Сеюмаш, ӯ аз чанголи ҳаёти беҳудаю холӣ озод мегардад ва метавонад инсони нав дар Исои Масеҳ гардад (Юҳанно 10:10; 2. Қӯринтиён 5:17).

Дар бораи ин шумо чӣ фикр доред?

Шумо ба кадом хулоса омадед?

Дар бораи дахмаи холӣ, шумо чӣ фикр доред?

Собиқ довари олии Англия лорд Дарлинг ҳамаи маълумотҳои вуҷуддоштаро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ омӯхта, ба чунин хулоса омад: „Мо ин қадар далелҳои баҳснопазир, мусбату манфӣ, мустақим ва ғайримустақиме дорем, ки қарори оқилонаи ҳар як довар бояд чунин бошад: ҳикоя дар бораи эҳё — ҳақиқат аст.“

Масеҳ эҳё шуд!

Ҳақиқатан ҳам эҳё шуд!

# 9 Дар ин ҷо Масеҳи ҳақиқӣ кист? Дастатонро бардоред!

Исо дорои далелҳои зиёде буд, ки Масеҳ ва Писари Худо будани ӯро тасдиқ мекард. Дар ин боб мо фақат яктои он — дар амал иҷро шудани пешгӯиҳо дар ҳаёти Исоро дида мебароем.

Худи Исо барои ба мусоҳибонаш нишон додани он, ки Масеҳ ин худи Ӯ аст, доимо пешгӯиҳои Аҳди Қадимро ба ёд меовард.

Чунин аст нома ба Ғалотиён (4:4): „Вале ҳамин ки пуррагии замон даррасид, Худо Писари Худро фиристод, ки Ӯ аз зан таваллуд ёфта, зери дасти шариат буд.“ Ин аз он далолат мекунад, ки пешгӯиҳои Исои Масеҳ ҷомаи амал пӯшиданд.

„Ва аз Мӯсо ва аз тамоми анбиё сар карда, он чиро ки дар ҳамаи Навиштаҳо дар бораи Ӯ гуфта шудааст, ба онҳо фаҳмонда дод“ (Луқо 24:27), „Ва ба онҳо гуфт: „Ин аст он чизе ки чун бо шумо будам, ба шумо мегуфтам, ки ҳар он чи дар Таврoти Мӯсо ва дар суҳафи анбиё ва Забур дар бораи Ман навишта шудааст, бояд ба амал ояд“ (Луқо 24:44).

Ӯ гуфтааст: „...Агар шумо ба Мӯсо имон медоштед, ба Ман ҳам имон меовардед, чунки вай дар бораи Ман навиштааст“ (Юҳанно 5:46). Ва боз гуфтааст „Падари шумо Иброҳим шод буд, ки рӯзе Маро бубинад ва дид ва шод гардид“ (Юҳанно 8:56).

Ҳавворием (аз ҷумла онҳое, ки Аҳди Ҷадидро навиштаанд) вақте мехостанд исбот кунанд, ки Исо дар ҳақиқат Писари Худо, Масеҳ ва Наҷотдиҳанда аст, доимо ба амалӣ шудани пешгӯиҳо ишора мекарданд.

„Аммо Худо он чиро, ки бо забони тамоми анбиёяш пешакӣ гуфта буд, ки Масеҳ бояд азобу уқубат кашад, ҳамин тавр анҷом дод“(Аъмол 3:18).

„Павлус, аз рӯи одати худ, назди онҳо дохил шуд, ва се рӯзи шанбе бо онҳо аз Навиштаҳо гуфтугӯ мекард (яъне аз китобҳои Аҳди Қадим) ва ошкор карда ва исбот намуда, мегуфт, ки лозим буд Масеҳ азобу уқубат кашад ва аз мурдагон эҳё шавад, ва Ҳамин Исо, ки ман Ӯро ба шумо мавъиза мекунам, Масеҳ аст“(Аъмол 17:2–3).

„Зеро ки дар аввал он чиро, ки қабул кардаам, ба шумо супурдаам, ки яъне Масеҳ, мувофиқи Навиштаҳо, барои гуноҳҳои мо мурд (ба ибораи дигар гӯем, марги Исо дар Аҳди Қадим пешгӯӣ шудааст, ки он чандин асрҳо пеш аз пайдо шудани Ӯ дар замин навишта шудааст); Ва Ӯ дафн карда шуд, ва мувофиқи Навиштаҳо, дар рӯзи сеюм эҳё шуд“ (Қӯринтиён 15:3–4).

Дар Аҳди Қадим қариб 60 пешгӯиҳои асосӣ ва қариб 270 пешгӯии аниқшуда ҷой дорад, ки ҳамаи он дар як одам — Исои Масеҳ ба амал омадааст. Дида баромадани ин пешгӯиҳое, ки дар Масеҳ монанди „паспорти“ Ӯ ба амал омадаанд, хело муфид аст.

Шояд шумо ягон бор ба худ савол надодаед, ки маълумотҳои аниқи паспорти шумо чӣ гуна аҳамият доранд — ин санаҳои назарногир бошанд шуморо аз байни 4 млрд. муосироне, ки дар сайёраи мо иқомат доранд, фарқ мекунанд.

## „Паспорти“ таърихӣ

Худованд бо як ҷиддият аломатҳое, ки Писари Ӯ- Масеҳ, Наҷотдиҳандаи инсониятро, аз дигарон, яъне аз ҳамаи одамоне, ки дар гузашта, ҳозира ва оянда дар дунё буданд, фарқ мекунонад, дар таърих навишта дарҷ кардааст, тафсилоти ин аломатҳо дар Аҳди Қадим навишта шудаанд... Ин ҳуҷҷат дар тӯли 1000 сол эъҷод шудааст ва он зиёда аз 300 дастурро дар бораи омадани Ӯ дар бар мегирад. Аз рӯи назарияи эҳтимолият, фақат аз $10^{157}$ имконият ҳаст, ки ҳатто 48-тои чунин пешгӯӣ ба як шахс рост меояд.

Масъалаи муайян намудани инсон аз рӯи дастурҳое, ки Худо додааст, барои он боз мураккаб шудаанд, ки ҳамаи он пешгӯиҳо оиди Масеҳ 400 сол пеш аз омадани Ӯ ба назди одамон гуфта шудаанд.

Дар ин ҷо баъзеҳо метавонанд эътироз кунанд, ки гӯё ин пешгӯиҳо баъд аз Исо навишта шуда бо давраҳои ҳаёти Ӯ ҳамту мутобиқ кунонида шудаанд. Дар назари аввал чунин эътирозҳо метавонанд асоснок намоянд, дар сурате агар мо надонем, ки матни Аҳди Қадим, аз забони ибронӣ ба забони юнонӣ солҳои 150–200 то мелод тарҷима шудааст. Ин тарҷимаи юнонӣ исбот мекунад, ки фосилаи байни навишта шудани ин пешгӯиҳо ва татбиқашон дар Масеҳ

дусад солро ташкил медиҳад.Табиист, ки фақат Масеҳи ҳақиқӣ метавонист бо он сифатҳое, ки Худованд нишон додааст, дуруст ояд.Тақрибан 40 ҳодисае маълум аст, ки одамон худро Масеҳи яҳудиён эълон мекарданд. Лекин фақат яктои онҳо — Исои Масеҳ ба пешгӯиҳои ба вуҷуд омада такя карда метавонист ва фақат дар тақдири Ӯ шаҳодатҳо боварибахш буданд.

Ҳамин тариқ, ин чӣ гуна тафсилот аст? Кадом ҳодисаҳо бояд пеш аз Нузули Писари Худо ва ё кадоми аз онҳо ба вақти омаданаш рост меомаданд?

Сараввал мо бояд ба китоби Ҳастӣ баргардем (3:15). Ин пешгӯиҳо аввалин буданд. Дар ҳамаи Навиштаҷот фақат як одам аз „тухми зан“ тавлид шуд, ҳамаи дигарон бошанд, аз тухми мард зоида мешаванд. Дар ин ҷо дар бораи одаме, ки ба ин дунё омада, маҳсули дасти Иблисро барбод медиҳад, сухан меравад („вай сари туро хоҳад кӯфт“).

Дар китоби Ҳастӣ (боби 9–10) Худованд аломатҳоро аниқ мекунад. Нӯҳ се писар дошт: Сом, Ёфис ва Ҳом. Ҳамаи он халқҳое, ки ҳоло вуҷуд доранд, аз ин се бародар пайдо шуданд. Худованд бо ин гуфта моҳиятан таваллуд шудани Масеҳро аз се ду ҳиссаи халқҳои боқимонда рад мекунад. Масеҳ фақат аз насли Сом пайдо мешавад.

Баътар ба соли 2000 то мелод наздик омада, мо мебинем, ки Худованд шахсеро бо номи Иброҳим аз шаҳри Ури Холдей ба наздаш хонд. Дар гуфтугӯ бо Иброҳим Худованд боз аниқтар баён кард, ки Масеҳ яке аз наслҳоиояндаи ӯ мешавад (Аъмол 12, 17, 22). Ҳамаи оилаҳои дар рӯи замин буда аз рӯи Иброҳим баракат мегиранд.Вақте ки занҳои Иброҳим ду писар таваллуд карданд, Исҳок ва Исмоилро, Худованд писари дуюмаш Исхокро интихоб кард ва бо ҳамин доирaро боз тангтар кард (Ҳастӣ 17, 21).

Исҳок ду писар дошт: Яъқуб ва Айс. Ва Худованд насли Яъқубро интихоб кард (Ҳастӣ 28; 35:10–12; Ададҳо 24:17).

Ва Яъқуб 12 писар дошт. Аз онҳо 12 нажоди Исроил ба вуҷуд омад. Худованд аз 12, 11-тои онро рад карда, нажоди Яҳудро ҷудо кард. Аз ҳамаи насли Яҳуд, Худованд шахсеро, ки аз Йисой буд, интихоб кард (Ишаъё 1:1–5). Давра боз тангтар шуд.

Йисой ҳашт фарзанд дошт. Дар китоби Дуюми Подшоҳон (7:12–16) ва дар пайғамбар Ирмиёи Набӣ (23:5) Худованд аз ҳашт, ҳафт қисми насли Йисойро рад мекунад: мо фаҳмидем, ки Фиристодаи Худо на фақат аз тухми зан, на фақат аз насли Сом, на фақат аз Яҳудиён, на фақат аз насли Исҳоқ, Яъқуб, Яҳуд, инчунин ӯ аз хонаводаи Довуд ҳам пайдо мешавад.

Дар пешгӯиҳое, ки санаи 10–12 то мелод доранд (Забур 21:7–19; Зах. 12:10; муқоиса намо Ғалотиён 3:13), гуфта шудааст, ки дасту пои ин Фиристода сӯрох карда мешаванд (яъне чи хеле, ки ҳангоми таслибкунӣ). Чунин тасвир 800 сол пеш аз пайдо шудани чунин қатл (аз тарафи Румиён) пайдо шудааст.

Ишаъё (7:14) илова мекунад, ки Ӯ аз бокира таваллуд мешавад: таваллуди табиӣ ҳангоми ҳомиладоршавии ғайритабиӣ — ин ҳодисаест берун аз доираи имконият ва назорати одам.

Якчанд пешгӯиҳои Ишаъё (8:14; 28:16; 49:6; 50:6; 52:53; 60:3) ва дар Забур (22:7,8; 118:22) чунинанд, муҳити ҷамъиятӣ ва иртиҷоъе, ки Фиристодаи Худоро интизор аст, тасвир шудааст: халқи худаш, яҳудиҳо Ӯро рад мекунанд, вале ғайрияҳудиҳо ба Ӯ имон меоранд.

Пеш аз ӯ башоратдиҳандаи вай меояд (Ишаъё 40:3; Малокӣ 3:1) — „Овозе дар биёбон нидо мекунад“: роҳе барои Худованд тайёр мекунад, Юҳаннои таъмиддиҳанда.

## Сӣ тангаи нуқрагин

Боз ҳафт пешгӯиро бояд равшан кунем, ки фоҷиаи омадаистодаро аниқ мекунад (Закарё 11:11–13; Забур 40; Ирмиё 32:6–15 ва Матто 27:3–10).

Худованд нишон медиҳад, ки Масеҳ:

1. ба хиёнат гирифтор мешавад,
2. рафиқаш Ӯро хиёнат мекунад,
3. барои сӣ танга,
4. тангаҳо нуқрагин мебошанд,
5. онҳо ба рӯи замин партофта мешаванд,
6. маъбад,
7. ва ба ин пул замини кулолгар харида мешавад.

Дар китоби Микои Набӣ (5:2) Худованд аз ҳамаи шаҳрҳои рӯи замин Вифлеемро, ки қариб 1000 нафар аҳолӣ дошт, ҳамчун ҷои таваллуди Масеҳ интихоб кард.

Ғайр аз ин дар як қатор пешгӯиҳо ӯ ҳатто вақти омадани Фиристодаи Худро гуфтааст. Масалан, дар китоби Набӣ Малокиё (3:1) ва дар чаҳор кисми дигари Аҳди Қадим гуфта шудааст, ки Масеҳ бояд биёяд, то он даме, ки маъбади Байтулмуқаддас истодааст. Ин пешгӯӣ аҳамияти калон дорад, чунки ин маъбад дар соли 70 мелод вайрон карда шудааст ва то ҳол барқарор нашудааст.

Шаҷараи аниқ,ҷой, вақт ва тариқи таваллуд, таассури одамон, хоинӣ, намуди қатл... Ҳамаи ин як қисми хурди он тафсилоти зиёдест, ки аз он „паспорт“ тартиб дода шудааст ва ба воситаи он мо метавонем Писари Худо, Масеҳ, Наҷотдиҳандаи одамизодро шиносем.

## Шояд, ҳамаи ин тасодуфӣ бошад

„Хайр чӣ, чунин пешгӯиҳо қисман дар Ҷ. Кеннеди, М.Л.Кинг, К.А.Носир ва дигарон дар амал тадбиқ шуданд — ҷавоб медиҳад мунаққид.

Бале, аз имкон берун нест, ки дар ҳаёти як ва ё ду-се одам чунин пешгӯиҳо амалӣ шуда бошанд, вале на ҳамаи 60 пешгӯиҳои асосӣ ва 270 аниқшуда.

Воқеан, агар шумо тавонед ғайр аз Исо шахсеро ёбед, ки ҳоло дар ҳаёт аст ё кайҳо мурдааст ва дар ҳаёти онҳо ақалан нисфи пешгӯиҳо оиди Масеҳ, ки дар китоби Фред Ҷон Мелдау «Масеҳ дар ҳарду Аҳд» номбар шудаанд, он гоҳ нашриёти амрикоии «Крисчиан Виктори Паблишинг Компании» (ш.Денвер, штати Колорадо) тайёр аст ба шумо 1000 доллар мукофот диҳад.

Дар сарсухани китоби Питер Стонер «Илм мегӯяд» котиби Ҷамъияти Илмии амрикоӣ Х.Ҳарольд Ҳарцлер чунин менависад:

„Дастнависи китоби «Илм мегӯяд» аз тарафи кумита, ки аз аъзоҳои Ҷамъияти Илмии амрикоӣ ва аз Кумитаи иҷроияи ин ҷамият иборат буд, ҳаматарафа омӯхта шудааст. Аъзоёни ҳар ду кумита ба хулосае омаданд, ки он маълумотҳои илмие, ки дар ин китоб оварда шудаанд, саҳеҳ ва аниқ мебошанд. Таҳлили риёзиши он, ки дар асоси назарияи эҳтимолият

сурат гирифтааст, қобили диққат аст; профессор Стонер ин асосҳоро дуруст ва боэътимод истифода бурдааст.“

Мисолҳоеро, ки дар поён меорем, аз ин китоб гирифта шудаанд, чунки назарияи эҳтимолият дар ин лаҳзаҳо имконияти тасодуфӣ будани онро рад мекунад.

Стонер мегӯяд, ки методҳои муосири назарияи эҳтимолиятро дар ҳашт пешгӯӣ истифода бурда, „мо ба чунин натиҷа меоем: эҳтимолияти он, ки ягон шахс то имрӯз зиндагӣ кардааст ва ҳамаи ин ҳашт пешгӯиро иҷро кардааст, ба $1/10^{17}$ баробар аст.“ Ин маънои онро дорад, ки аз 100 000 000 000 000 000 фақат яктоаш имконпазир аст. Барои фаҳмо будани чунин рақамҳо барои мо Стонер чунин мисол меорад: „фарз кардем, ки $10^{17}$ долларҳои нуқрагинро гирифта ба тамоми марзи Техас паҳн карда мемонем. Онҳо тамоми Техасро бо қабати 60 см рӯйпӯш мекунанд. Баъд мо ба як доллар нишонае гузошта онро бо ҳамаи он тангаҳое, ки дар Техас ҳаст, аралаш мекунем. Пасон чашмони ягон одамро мебандем ва ба ӯ мегӯем, ки ӯ метавонад ба кадом тараф мехоҳад ҳаракат кунад, вале ӯ бояд доллари нуқрагини нишондорро ёбад ва гӯяд, ки ин ҳамон аст. Эҳтимолияти он, ки ӯ ин долларро меёбад, чӣ гуна аст? Ӯ ба муваффақият чӣ қадар имконият дорад? Аз ин рӯ, агар ин ҳашт пешгӯӣ маҳсули хаёли шахсии онҳо бошад, пас имкони иҷрошавии ин пешгӯиҳо дар як шахс аз он давраи навишта шудан то замони мо ҳамон қадаре ҳаст, ки дар ин мисол оварда шудааст.

Пас, ин пешгӯиҳо ё каромоти Худованд будаанд, ё ҳавворийён зимни фаҳмиши худашон дар бораи таърих навиштаанд. Дар ин сурат ҳам эҳтимолияти иҷро шудани он 1 бар $10^{17}$ буд, лекин ҳамаи онҳо дар Масеҳ иҷро шуданд.

Ҳамин тариқ, далели оддие, ки ин ҳама каромот ба амал омадаанд, исботест, ки онҳо бо илҳоми Худованд аниқ навишта шудаанд ва барои ҳақиқати мутлақ буданашон фақат $1/10^{17}$ намерасад.

## Боз як эътироз

Чунин эътироз ба он асос меёбад, ки Исо дидаю дониста кӯшиш мекард, ки пешгӯиҳои Аҳди Қадим иҷро шаванд. Онҳо дар назари аввал боварибахш менамоянд. Гап дар он аст, ки

аксари тафсилоти зуҳури Масеҳ,чи хеле ки дар каромотҳо навишта шудаанд, ҳеҷ ба ақли инсон рост намеояд.

Мисол, ҷои таваллуд. Наход, ки Исо дар батни Марями болои хар нишаста гуфта бошад: „Модар, мо дер мекунем...? Ҳангоме, ки Ҳиродус аз саркоҳинон ва китобдонон пурсид, ки: „Масеҳ дар куҷо бояд таваллуд шавад?“ — ба вай гуфтанд: „Дар Байт-Лаҳми Яҳудо (Вифлеем), зеро ки ба воситаи набӣ чунин навишта шудааст“ (Матто 2:5).

Вақти омадани Ӯ. Тариқи таваллудаш, хоинии Яҳудо ва нархи ин хоинӣ. Намуди қатл. Таассуроти одамон: таҳқирҳо, туфкуниҳо, тааҷҷуб. Чӣ гуна барои либоси ӯ қимор мезаданд ва чӣ хел либосашро медаронданд ва ҳоказо. Нисфи пешгӯиҳо аз ҳамин қабил буданд ва ба амалӣ нашудани онҳо таъсир расонида наметавонистанд. Ӯ бо ихтиёри худаш „аз тухми зан“, аз насли Сом ва Иброҳим ва ғайра таваллуд шуда наметавонист. Барои ҳамин ҳам Исо ва ҳаввориён каромотҳои амалӣ шударо ҳамчун далеле истифода бурданд, ки Ӯ Масеҳ аст.

Чаро барои Худованд чунин мушкилот лозим шуд?

Ба фикрам, Ӯ мехост, ки ҳангоми назди одамон омадан Исои Масеҳ ҳамаи далелҳоро дошта бошад. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки Исои Масеҳ барои дигар кардани ҳаёти одамизод омадааст. Фақат дар Ӯ садҳо пешгӯиҳои Аҳди Қадим, ки омадани Ӯро мегуфтанд, амалӣ шуданд. Ва фақат Ӯ метавонад каромоти бузург, ваъдаи ҳаёти нави ҷовидониро барои онҳое, ки ӯро қабул мекунанд, амалӣ гардонад.

„Ва дили тоза ба шумо хоҳам дод ва рӯҳи тоза андаруни шумо хоҳам ниҳод... Касе, ки дар Масеҳ аст, вай махлуқи наваст; қадима гузаштааст ва инак ҳама нав шудааст“ (Ҳизқиёл 36:25–27; 2. Қӯринтиён 5:17).

# 10 Наход роҳҳои дигаре нест?

Ба наздикӣ дар донишгоҳи Техас як донишҷӯй ба ман савол дод:

— Чаро Исо ягона роҳест ба назди Худо?

Пеш аз ин ман дар бораи он нақл карда будам, ки Исо тасдиқ мекард, ки Ӯ роҳи ягонаест ба назди Худо, шаҳодати Навиштаҷотҳо ва ҳавворийн аниқанд ва мо далелҳои зиёде дорем, то ки боварииамонро ба Исо ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худо асоснок намоем.

Ва баъди ҳамаи ин боз савол: „Чаро Исо? Наход ба назди Худо роҳи дигаре нест? Пас Буддо чӣ? Муҳаммад чӣ? Наход ҳаёти порсоёнаи инсон кофӣ набошад? Агар Худованд муҳаббати бузург дошта бошад, наход одамонро, чӣ хеле ки ҳастанд, қабул кардан нахоҳад?“

Ман саволҳои дигареро ҳам мешунидам:

— Хайр, шумо исбот кардед, ки Исои Масеҳ — Писари Худо аст. Наход ба назди Худо роҳи дигаре набошад, ғайр аз тавассути Исо?

Ҳар дуи ин изтироб ба ҳамзамонони мо хеле хос аст. Аксар вақт аз ман мепурсанд, барои чӣ одам бояд ба Масеҳ ва Худованд имон орад, то бо мақсади ба Худо наздик ва гуноҳҳояш бахшида шудан? Ман ба он донишҷӯй ҷавоб додам, ки аксарият сиришти Худоро намефаҳманд.

Одатан, одамон чунин савол медиҳанд:

„Чӣ тавр Худованди маҳбуб ба дӯзах афтидани одамро роҳ медиҳад?“ Ман мебудам, аз ӯ мепурсидам: „Чӣ хел Худованди поксиришт, одил ва порсо метавонад гунаҳкорро назди худ роҳ диҳад?“

Эҳтимол, кӯшиш барои фаҳмиши хислат ва сиришти Худо чандин борҳо мавриди тадқиқи масъалаҳои илоҳӣ ва ахлоқӣ қарор гирифта бошад.

Аксар медонанд, ки Худо маҳбуб аст. Вале аз ин фаҳмиш дуртар рафта наметавонанд.

Гап дар он аст, ки Худо на фақат Худои муҳаббат аст. Ӯ боз Худои порсо, поксиришт ва боадолат аст.

Дар ҳақиқат, мо Худоро аз рӯи сифатҳояш медонем.Вале сифат ҷузъи Худо нест. Як вақтҳо ман фикр мекардам, ки агар ҳамаи хусусиятҳои Худоро, яъне поксириштӣ, муҳаббат, одилӣ ва порсоиро ҷамъ кунем, он гоҳ ҳосили он Худо мешавад. Ин нодуруст аст. Хусусиятҳо ин ҷузъи Худо нест; ин чизест, ки ба Худо хос аст.

Масалан, вақте мо мегӯем: „Худо ин муҳаббат аст“, мо онро дар назар надорем, ки муҳаббат як ҷузъи Худо аст. Муҳаббат ин хусусиятест, ки ба Худо хос аст, мо инро дар назар дорем.Вақте ки Худо дӯст медорад, ин хусусияти табиии Ӯ мебошад.

Масъалаҳое вуҷуд доранд, ки онҳо натиҷаи гуноҳ кардани инсоният аст. Дар абадулабади гузашта Худованд қарор дод, ки мард ва занро офарад. Ман дар Инҷил ҷойҳоеро ёфтам, ки онҳо ишора шудаанд: Худо мард ва занро барои он офаридааст, ки муҳаббат ва шӯҳратро бо онҳо бинад.

Ва ҳангоме ки Одам ва Ҳаво аз гапи Худо баромада, бо роҳи худ рафтанд, он гоҳ инсоният ба гуноҳ печид. Аз ин дам одамон гунаҳкор, яъне аз Худованд дур шуданд. Худованд дар як вазъияти хеле душвор монд. Ӯ мард ва занро барои он офарид, ки онҳо шарики шӯҳрати Ӯ шаванд, аммо онҳо фармон ва маслиҳати Худоро гӯш накарда, роҳи гуноҳро пеш гирифтанд. Ва ӯ бо меҳр ба онҳо рӯ овард, то ки онҳоро наҷот диҳад.

Азбаски Худованд на фақат дӯстдоранда, балки поксиришт, одил ва порсо мебошад, сиришти Ӯ нест кардани гунаҳкорро талаб мекунад. Дар Инҷил гуфта шудааст: „Зеро ки сазои гуноҳ марг аст.“ Агар ҳамин хел гуфтан ҷоиз бошад, дар назди Худованд муаммо пайдо шуд.

Сегонае Муқаддас-Падар Худо, Писар Худо ва Худо Рӯҳулқудс қарор карданд: Исо, Писари Худо бояд дар одам таҷассум ёбад. Ӯ Худоодам мешавад. Ин дар Инҷили Юҳанно навишта шудааст (1:14): „Ва калом ҷисм гардид ва дар миёни мо сокин шуд...“, Дар Нома ба Филлипиён (2:7) гуфта шудааст, ки Исои Масеҳ „...Худро кам дониста, ба сурати ғулом даромад ва ба одамон монандӣ пайдо карда ба зоҳир мисли одамизод шуд.“

Исо Худоодам буд. Ӯ одам буд, чуноне ки ҳеҷ гоҳ Худо набуд ва дар айни ҳол Худо буд, чуноне ки ҳеҷ гоҳ одам набуд.

Ӯ бо хоҳиши худаш ҳаёти маъсумонаро мебурд ва пурра дар итоати Падараш буд. Иборае, ки дар Инҷил навишта шудааст: „сазои гуноҳ марг аст“ ба Ӯ дуруст намеомад.

Чунки Ӯ на фақат одами миранда, балки Худованди фанонопазир ҳам буд ва Ӯ имкониятҳои беинтиҳое дошт, ки гуноҳҳои ҷаҳонро ба худ гирад.

Вақте ки Ӯ 2000 сол пеш ба салиб баромад, он гоҳ хашму ғазаби Худованди поксиришти одилу порсо ба сари Писари худаш рехт. Ва вақте Исо гуфт: „Иҷро шуд!“, адолат ва тақводории Худованд пурра қаноатманд шуд. Ба мо маълум шуд, ки марги Исо меҳри Худовандро ба инсоният баргардонд ва аз зарурияти нест намудани гунаҳкор озод намуд. Чунки ба воситаи марги Исо дар салиб тақвои Худованд қонеъ шуд.

Ман дар мавридҳои зиёд ба одамон савол медиҳам: „Барои кӣ Исо ҷон дод?“ Одатан онҳо чунин ҷавоб медиҳанд: „Барои ман“, ё „Барои инсоният.“ Он гоҳ ман мегӯям: „Албатта, ҳамаи ин дуруст аст, вале боз барои кӣ?“ Дар ҷавоб мешунавам: „Ман намедонам.“ Ман ҷавоб медиҳам: „Барои Падар Худо.“

Мефаҳмед, ки Масеҳ на фақат барои мо, балки барои Падараш ҳам ҷон дод. Дар ин бора дар боби сеюми Нома ба Румиҳо навишта шудааст:

„Қурбонии тараҳум...“, яъне қонеъ намудани талаби Худо. Вақте ки Исо дар болои салиб ҷон дод, Ӯ на фақат барои мо талаф шуд; Ӯ барои қонеъ намудани талаботи муқаддас ва боадолатии сиришти Худованд талаф шуд.

Якчанд сол пеш дар Калифорния ҳодисае рӯй дод. Он нишон медиҳад, ки чӣ гуна марги Исо масъалаи дар назди Худо истодаро ҳал кард: ба пургуноҳии инсоният чӣ чора бояд андешид? Полиция зани ҷавонеро барои баланд намудани суръати ҳаракати мошин нигоҳ дошт. Ба муқобили ӯ дафтари тафтишӣ кушоданд; дар суд довар аз ӯ пурсид, оё ӯ худро гунаҳкор мешуморад? Ӯ ба гуноҳаш қоил шуд. Довар кӯбаки худро поён фаровард ва ӯро ба ҷаримаи 100 доллар ва ё маҳбаси даҳрӯза ҳукм кард. Баъдан воқеаи ногаҳоние рӯй дод. Довар аз миз хеста либоси довариашро аз тан кашид ва аз назди айбдор гузашта, худаш ҷаримаро супорид. Пас чӣ рӯй дод?

Маълум шуд, ки довар падари ин зан будааст. Ӯ духтарашро дӯст медошт, вале ӯ довари боинсоф буд. Духтараш қонунро вайрон кард ва ӯ наметавонист ба вай гӯяд, ки „Ман туро чунон дӯст медорам, ки гуноҳатро авф мекунам. Ту озоди.“ Агар ӯ ин корро мекард, пас вай довари бад аст. Ӯ барои вайрон кардани қонун мусоҳилакорона рафтор мекард.

Ӯ чунон духтарашро дӯст медошт, ки аввал либоси довариашро кашида, ҷояшро тарк карда ва баъд ҳамчун падари меҳрубон ҷаримаи духтарашро дод.

Ин ҳодиса то андозае кӯмак мекунад фаҳмем, ки Худованд ба воситаи Исо барои мо чӣ гуна рафтор кард. Дар Инҷил гуфта шудааст: „Сазои гуноҳ марг аст.“ Ва Худованд чи хеле, ки моро дӯст надорад, бояд кӯбаки довариашро поён фароварда, гӯяд „Марг!“

Чунки Ӯ Худои одил ва порсо аст. Вале Худованди маҳбуб моро ба дараҷае дӯст медошт, ки аз тахти худаш дар симои одам — Исои Масеҳ фаромад ва барои гуноҳҳои мо ҷони Исоро дар салиб нисор кард.

Дар ин лаҳзаҳо аксар одамон мепурсанд? „Чаро Худо наметавонад бе ҳеҷ чиз, ҳамин хел, бахшад?“ Сарвари як ширкати калон гуфт:

— Коргарони ман дар мавридҳои зиёд хатоҳо содир мекунанд: масалан, ягон чизеро мешикананд ва ман ҳама вақт гуноҳҳои онҳоро мебахшам. Пас, аз рӯи гуфти шумо, ман метавонам, вале Худо наметавонад?

Одамон қудрати фаҳмидан надоранд, ки ҳар як бахшиш бо пардохт вобаста аст. Мисол, духтари ман дар хона чароғро шикаст. Ҳамчун падари дӯстдорнада ва бахшанда ман ӯро ба зонуям мешинонам ва таскин дода мегӯям:

— Духтарам, гиря накун. Падарат туро дӯст медорад ва мебахшад.

Дар ин ҷо, одатан, ҳамсӯҳбати ман илова мекунад:

— Ана, Худованд ҳам бояд чунин рафтор кунад !

Он гоҳ мепурсам:

— Пас музди чароғро кӣ медиҳад?...

Охир, ман-ку пул медиҳам?

Бахшоиш ҳама вақт нарх дорад. Масалан, агар ягон кас дар назди одамони дигар шуморо дашном дод ва шумо

олиҳимматона ба ӯ мегӯед: „Ман шуморо бахшидам.“ Кӣ музди дашномро медиҳад? Шумо?

Худованд айнан ҳамин тавр рафтор кард.

Ӯ гуфт: „Ман шуморо авф кардам.“ Вале худаш музди авфи худро дод: ба воситаи таслиб.

# 11 Ӯ ҳаёти маро дигаргун кард

Исои Масеҳ зинда аст. Худи ҳамон далеле, ки ман зиндагӣ мекунам ва он кореро мекунам, ки иҷро карда истодаам, худ шаҳодати аз мурдагон эҳё шудани Исои Масеҳ аст.

Тумои Аквинӣ навиштааст: „Дар рӯҳи ҳар як инсон майл ба хушбахтӣ ва ноил шудан ба мақсад ҷой дорад“. Солҳои ҷавонӣ мехостам, ки хушбахт бошам. Ман мехостам дар қатори одамони аз ҳама хушбахт бошам ва боз мехостам, ки ҳаёти ман мақсад дошта бошад. Ман ба саволҳоям ҷавоб мекофтам: „Ман кистам? Чаро ман ба ин дунё омадам? Роҳи ҳаёт маро ба куҷо мебарад?“

Ғайр аз ин ман мехостам озод бошам. Ман мехостам шахси озодтарини дунё бошам. Барои ман озодӣ ин он маъное надорад, ки куҷое хоҳам равам ва чӣ коре хоҳам кунам. Инро ҳар кас карда метавонад (бисёриҳо чунин рафтор мекунанд). Озодӣ — ин „қобиляти иҷро намудани он корест, ки ту онро вазифаи худ медонӣ.“ Аксар одамон медонанд чӣ бояд кунанд, вале онҳо беиродаанд ва ҳеҷ гоҳ кор намекунанд. Онҳо дар асорати занҷир зиндагӣ мекунанд.

Инак, ман ба ҷустуҷӯи ҷавобҳо ба ҳамаи ин саволҳо шурӯъ кардам. Он вақт ман фикр мекардам, ки ҳама ва ё аксар ягон дини худашонро доранд. Ва ман кори аз ҳама осонро кардам: ба калисо рафтам. Аз афташ, ба ман на он калисое афтод, ки ман мехостам. Дар он ҷо ман худро назар ба кӯча боз ҳам бадтар ҳис кардам.

Умуман ман одами хеле корчаллон ҳастам ва агар корам дар ягон вақт барор нагирад, ба он нуқта мегузорам. Ман аз бахри дин гузаштам. Он гоҳ ман фикр кардам: мумкин муҳимаш ин дар ҷамъият мавқеи хуб пайдо кардан аст? Сарвар шуда, барои ягон кор мубориза барам, ба ин мубориза дода шавам, ё „машҳур шавам“ — мумкин ин аст мақсади ҳаёт?

Дар аввалин донишгоҳе, ки ман мехондам, сарварони ҷамъиятҳои донишҷӯён фондҳои пулиро саришта мекарданд ва дар ҳаёти донишгоҳ нақши муҳим мебозиданд. Ман номзадии худро дар интихоби сардорони курси якум пешниҳод

кардам ва маро интихоб карданд. Ҳамаи ин ба ман маъқул буд: маро ҳама дар донишгоҳ мешинохтанд, ҳама бо ман салом мекарданд, ман қарорҳо қабул мекардам, пулҳои донишгоҳ ва донишҷӯёнро саришта менамудам, лекторҳои гуногунро бо салоҳдиди худам даъват мекардам. Умуман ҳамааш хуб буд. Лекин чун корҳои пештара ҳамаи он оҳиста-оҳиста ба дилам зад.

Рӯзи душанбе ман бо дарди сар бедор мешудам,чунки дирӯз хело дер хоб кардам ва пеш аз хоб бисёр фикр кардам: ана бояд боз панҷ рӯзи дигарро мунтазир шавам.

Ман дандон ба дандон гузошта базӯр тоқат мекардам, ки кай боз ҷумъа мешавад. Ҳамаи хушбахтии ман дар се рӯз асос меёфт: ҷумъа, шанбе ва якшанбе. Ва баъд аз нав ин кори дилбазан сар мешуд.

Албатта ман ҳамаи донишгоҳро фиреб додам: онҳо фикр мекарданд, ки ман хушбахттарин шахс ҳастам. Ҳангоми ҷамъомадҳои сиёсӣ мо ҳатто шиори: „Хушбахтӣ — Ҷош“ — ро доштем. Бо пули донишҷӯён ман шабнишиниҳои беохир ташкил мекардам, вале онҳо ҳамин хел ҳам нафаҳмиданд, ки ба ном „хушбахтии“ ман аз „хушбахтии“ дигар кас фарқе надошт. Он пурра аз вазъият вобаста буд. Вақте ҳамаи кор хуб мерафт, ман хушбахт будам, вақте кор бад мешуд, ҳоли ман ҳам хароб мешуд.

Ман мисли завраќе дар баҳр будам, ки мавҷҳои вазъият онро аз як тараф ба тарафи дигар мепартофт. Дар Инҷил як калимае ҳаст, ки барои тасвири чунин ҳаёт муносиб аст: дӯзах.

Лекин ман каси дигареро намедонистам, ки дигар хел зиндагӣ кунад ; ман каси дигареро намедонистам, ки тариқи дигари ҳаётро ба ман омӯзад ва ба ман қуввати дигар кардани онро диҳад. Ҳама дар атрофам фақат мегуфтанд, ки ман чӣ бояд кунам, вале ба ман касе қувват дода наметавонист, ки ман онро кунам. Ман рӯз аз рӯз қаноатманд набудани худро ҳис мекардам.

Шубҳа дорам, ки дар донишгоҳи амрико ин гуна одамоне, ки самимона барои фаҳмидани ҳақиқат ва ҳаёт кӯшиш мекунанд, кам нестанд, ба ғайр аз ман. Ман маънои онро нафаҳмидам, вале дар аввал ба он аҳамият ҳам намедодам.

Як вақтҳо ман дидам, ки дар донишгоҳ як гурӯҳи начандон калоне ҳаст, ки ҳаёти онҳо бо ким — чӣ аз ҳаёти мо фарқ

мекард. Дар ин гурӯҳ 8 донишҷӯй ва ду профессор буд. Гумон мекардӣ, ки онҳо медонанд барои чӣ имон доранд, ба чизе, ки ба он имон овярданд. Ман хостам бо онҳо наздиктар шинос шавам. Барои ман фарқ надошт, ки онҳо розӣ мешаванд, ё не. Ман рафиқони наздике дорам, ки онҳо бо ақидаҳои ман розӣ нестанд, лекин ман ҳамеша он шахсонеро, ки ақидаи худро доранд, ҳурмат мекунам. (Бо чунин одамон ман хело кам вохӯрдаам ва агар вомехӯрдам ман дар назди онҳо ба ваҷд меомадам). Барои ҳамин ҳам, ман баъзан дар байни фаъолони „чап“ худро беҳтар ҳис мекунам. Дар бораи насрониҳои худам инро гуфта наметавонам. Баъзеи онҳо риёкоранд. Дар ин гурӯҳи хурд бошад, одамон таассуроти дигареро гузоштанд, гумон мекардӣ, ки онҳо медонанд, чӣ кор мекунанд. Ин барои донишҷӯён хело ҳам ғайриоддӣ аст.

Ин одамон диққати маро ба таври ҷиддӣ ҷалб карданд: онҳо нафақат дар бораи муҳаббат гап мезаданд, балки мекӯшиданд, ки ёрӣ диҳанд. Ба назар менамуд, ки онҳо ҳамеша бар вазъияти ҳаёти донишгоҳ ғолиб мебароянд. Гӯё дигарон ҳама зери ин вазъиятҳо монда бошанд. Ба назари ман боз як чизи асосӣ намоён шуд: зоҳиран онҳо хушбахт буданд ва гӯё хушбахтии онҳо аз вазъияти берунӣ вобастагие надошт. Гӯё, ки онҳо кадом як сарчашмаи ботинии хушбахтии доимӣ дошта бошанд. Онҳо ниҳоят хушбахт буданд. Онҳо чизе доштанд, ки ман онро надоштам.

Чун донишҷӯёни дигар, ман ҳамеша мехостам чизеро дошта бошам, ки дигарон доранд, аммо ман ба он ноил шуда наметавонистам (шояд барои ҳамин дар истгоҳҳои донишгоҳ велосипедҳоро занҷирбанд мекунанд? Чунки агар маълумот ҳамаи масъалаҳоро ҳал мекард, он гоҳ донишгоҳ яке аз ҷамъиятҳои боодоб ва бомаънитарини инсоният ҳисоб мешуд. Лекин дар амал ҳамаи кор акси ин аст). Ва ман қарор додам, ки бо ин одамони аҷиб дӯстӣ кунам.

Баъд аз ду ҳафтаи қарори ман мо — шаш донишҷӯй ва ду муаллим дар клуб атрофи миз менишастем. Якбора сухан дар бораи Худо рафт. Вақте ки шумо дудилаед ва дар атрофатон дар бораи Худо сухан меравад, аксараш мехоҳед ба дигарон нишон диҳед, ки чӣ гуна шумо боақл ҳастед ва аз дигарон чӣ гуна бартарӣ доред. Дар ҳамаи донишгоҳҳо чунин нотиқе ҳаст, ки ҳама вақт мегӯяд:

—Хайр чӣ ! Дини Масеҳӣ — ҳа-ҳа-ҳа ! Ин ханда барои одамони ноқис аст, барои мо одамони бомаърифат — ин лозим нест! (Одатан, чӣ қадаре, ки ӯ баланд дод гӯяд, ҳамон қадар каллаи ӯ холист).

Ин гуфтугӯи онҳо ба ман сахт расид. Ман ба донишҷӯи дӯстрӯе, ки дар гурӯҳи онҳо буд, нигаристам (пеш ман фикр мекардам, ки ҳамаи имондорон одамони бадафтанд) ва баъд дар болои миз ёзида (чунки онҳо фикр накунанд, ки ҳамаи ин барои ман шавқовар аст) аз онҳо пурсидам:

— Гӯш кунед, ба ҳаёти шумо чӣ ин қадар таъсир расонд? Барои чӣ он аз ҳаёти дигар донишҷӯён, фаъолон ва муаллимон фарқ мекунад?

Шояд ин донишҷӯй, дар ҳақиқат, медонист, ба чӣ имон дорад. Ӯ ба чашмони ман бе табассум рост нигоҳ карда ду сухане гуфт, ки ман ҳеҷ фикр намекардам, ки дар донишгоҳ ба саволи маънои ҳаёт чист? — ҷавоб шунавам.

Ӯ гуфт:

— Исои Масеҳ.

Ман ба ӯ ҷавоб додам.

— Ваҳ, аз барои Худо, фақат сафсата нахонед. Ман аз дин безорам, ман аз калисо безорам, ман аз Инҷил безорам. Он чизе, ки дар бораи дин аст,ҳамааш фосид аст.

Ӯ ба ман гуфт:

— Гӯш кунед, магар ман „дин“ гуфтам? Ман гуфтам „Исои Масеҳ!“ Ӯ ба ман як чизе гуфт, ки пештар ҳеҷ нашунида будам. Дини насронӣ ин на фақат яке аз динҳост. Вақте ки одамон кӯшиш мекунанд, ки ба воситаи корҳои хайр барои худ ба назди Худо роҳ кушоянд, ин дин аст. Дар дини насронӣ бошад, баръакс Худо ба воситаи Исои Масеҳ ба назди одамон меояд ва ба назди худ роҳи онҳоро мекушояд.

Дар донишгоҳҳо, эҳтимол аз ҳама зиёдтар дар бораи дини насронӣ тасаввуроти нодуруст паҳн шудааст. Ба наздикӣ ман бо муаллиме шинос шудам, ки ӯ дар семинар ба донишҷӯён гуфтааст:

— Ҳар касе, ки ба калисо медарояд, ӯ насронӣ мешавад.

Ман эътироз кардам.

— Магар, вақте шумо ба гараж медароед, мошин мешавед? Ин чӣ маъно дорад? Насронӣ шахсест, ки ба Масеҳ имон дорад.

Дӯстони навам ба ман пешниҳод намуданд, ки ман фикру мулоҳизаҳои худро аз нуқтаи назари танқидӣ баён кунам: Исои Масеҳ -Писари Худо аст; ба шакли одам табдил ёфта, дар байни одамони оддӣ зиндагӣ кардааст ва дар болои салиб барои гуноҳҳои инсоният мурдааст, гӯр карда шуд ва баъд аз се рӯз эҳё шуд ва ӯ метавонад дар асри 20 ҳаёти одамро тағйир диҳад.

Ман фикр кардам, ки ҳамаи ин шӯхии беҷост. Ҳаққи гапро гӯям, он вақт ман фикр мекардам, ки аксари насрониҳо аҳмақанд. Бо баъзеи онҳо ман пештар ҳам вохӯрда будам. Ҳангоми дарсҳо ман ҳамеша интизори он будам, ки ягонтои онҳо хеста сухан гӯяд ва ман расвогии онҳоро бароварда, бар болои онҳо ғолиб бароям.

Ман гумон мекардам, ки агар дар майнаи насронӣ ақаллан як ҳуҷайраи моддаи хокистарранг бошад, пас вайро хатари аз танҳоӣ мурдан таҳдид мекунад! Вале маълум шуд, ки ман ҳеҷ чизро намефаҳмидам.

Ин одамон маро ба ҳолам намегузоштанд ва билохир ман даъватро қабул кардам. Рости гап ман ин корро аз рӯи ғурур, барои мағлуб кардани онҳо кардам. Охир, ман намедонистам, ки бо далелҳо гуфтугӯ кардан лозим меояд. Ман намедонистам, ки бо далелҳо шинос шуданам лозим меояд ва ба ҳақиқӣ будани онҳо бояд баҳо диҳам.

Дар ниҳояти кор ба хулосае омадам, ки Исои Масеҳ, дар ҳақиқат, онест, ки худро вонамуд мекард.

Фаромӯш набояд кард, ки ду китоби аввалро ман бо мақсади рад кардани дини насронӣ хонда будам! Вақте ки ин корро карда натавонистам, дар охир худам ба дини насронӣ имон овардам. Бист сол аст, ки ман ақидаи худро ба воситаи ҳуҷҷатҳо исбот мекунам, ки имон ба Масеҳ пояи боварибахши маънавӣ дорад.

Аммо дар он вақт ман саргаранг будам. Ақли ман мегуфт, ки муқобилият нишон додан беҳуда аст, вале ирода маро ба қафо мекашид.

Ман фаҳмидам, ки роҳи дини насронӣ барои навқабулкардагон санҷишҳои душворе дорад. Исои Масеҳ шуур ва иродаи манро даъват мекард ва талаб мекард, ки ба Ӯ имон оварам!

Ин даъват тахминан чунин буд: „Инак, назди дар истода, тақ-тақ мекунам: агар касе овози Маро шунида, дарро воз кунад, назди ӯ даромада, бо ӯ таоми шом хоҳам хӯрд, ва ӯ бо Ман“ (Ваҳй 3:20). Барои ман фарқе надошт, ки ӯ дар рӯи об гашта метавонад ё не, ё обро ба шароб бармегардонад. Барои ман найрангбозон лозим нестанд. Лекин чизе маро ором намегузошт. Умуман, ақли ман мегуфт, ки дар дини насронӣ ҳақиқат аст, аммо рӯҳи ман ошуфта буд.

Ҳар гоҳе ки ман дӯстони насронии рӯҳбаландро медидам, вазъияти ҷанҷолӣ сар мезад. Шояд шумо ягон вақт дар байни одамони хушбахт, ҳангоме ки дили худатон ғамгин аст, будаед. Бояд шумо донед, ки дар ин вақт хушбахтии дигарон ба шумо чӣ гуна таъсири бад мерасонад. Онҳо ба дараҷае хушбахт буданд, ки ман ҳамон қадар бадбахт будам ва баъзан аз хона давида берун мебаромадам. Кор то дараҷае расид, ки ман соати даҳи бегоҳӣ хоб мерафтам, аммо то чори субҳ хобам намебурд. Маълум буд, ки ман бояд фавран ба ягон қароре оям, то ки девона нашавам. Ман ҳамеша фикру ақидаҳои навро зуд қабул мекардам, лекин барои онҳо девона шуданро намехостам.

Маҳз барои он, ки ман барои қабул намудани идеяҳои нав ҳамеша тайёр будам, 19 декабри соли 1959, соати 8.30 бегоҳӣ, дар курси дуюми донишгоҳ дини насрониро қабул кардам.

Боре маро пурсиданд:

— Барои чӣ шумо ба ин мутмаин ҳастед?

— Чунки ман дар он иштирок доштам — ҷавоб додам ман. Ҳаёти ман аз он рӯз ба куллӣ тағйир ёфт.

Он бегоҳ ман намоз хондам. Ман суханони дуоро талафуз мекардам, то ки ба Масеҳи зиндаи эҳёшуда роҳ ёбам. Оне, ки аз ин рӯз ҳаёти маро тағйир дод.

Пеш аз ҳама ман гуфтам:

— Худовандо Исо, ташаккур ба ту, барои он ки ту баҳри ман дар салиб ҷон додӣ.

Баъд ман гуфтам:

— Ман ба он гуноҳҳои худ дар назди ту иқрор мешавам, ки ту аз онҳо нохуш мешавӣ, аз ту хоҳиш мекунам, ки маро бахшӣ ва рӯҳи маро пок созӣ (Дар Инҷил гуфта шудааст: „Агар гуноҳҳоятон мисли хун сурх бошанд, чун барф сафед мекунам“).

Баъд ман гуфтам:

— Дар ин дақиқа ман, чӣ хеле ки метавонам ба Ту дили худ ва ҳаёти худро мекушоям ва ба Ту ҳамчун Ҷаноб ва Наҷотдиҳандаи худ имон меорам. Ман ба Ту ҳаёти худро месупорам. Ман мехоҳам, ки Ту маро то охир дигаргун созӣ. Маро ҳамин гуна соз, ки ҳангоми офариниши ман ният карда будӣ.

Ва дуои охирини ман ин буд:

— Раҳмат ба Ту, ки ба ҳаёти ман ба воситаи имон ворид шудӣ!

Чунки имони ман на дар пояи ҷоҳилию бефаҳмӣ, балки дар асоси шаҳодатҳо, далелҳои таърихӣ ва Каломи Худованд пайдо шудааст.

Эҳтимол, шумо аз одамони диндор шунида бошед, ки онҳо чизеро мисли „задани барқ“ аз сар гузаронида буданд. Вақте ман дуохониро тамом кардам, бо ман ҳеҷ чиз рӯй надод. Ҳеҷ чиз! Бештар аз ин, баъди он ки ман ба чунин қарор омадам, ба ман боз душвортар шуд. Ман ҷисман худро бад ҳис кардам, дилам ҳатто беҳузур шуд. Аҳволам хело бад буд. Ман фикр мекардам: „Ту чӣ кор кардӣ, акнун туро ба кадом тараф мебарад?“ Ба назарам менамуд, ки ман бемулоҳиза худро ба гирдоб партофта бошам (Боварӣ дорам, ки аксари шиносони ман дар бораи ман баъд аз имон оварданам чунин фикр мекарданд). Ба шумо фақат як чизро мегӯям, ним сол гузашт, баъд боз як сол ва ман дидам, ки ягон гирдоб нест. Ҳаёти ман бошад, дар ҳақиқат, дигар шуд.

Боре ман бо мудири шӯъбаи таърихи як донишгоҳи амрикоӣ баҳсу мунозира мекардам. Ман гуфтам, ки ҳаёти ман дигаргун шуд, ӯ бошад суханонамро бурид:

— Мак-Дауэлл, шумо бо ин мехоҳед маро бовар кунонед, ки Худо, дар ҳақиқат, ҳаёти шуморо дигаргун сохтааст, боз дар асри XX? Аҷоиб, чӣ гуна?

Баъд аз гузаштани чилу панҷ дақиқа ӯ гуфт:

— Хайр, майлаш. Кифоя.

Аз ҷумла, ман дар бораи беқарории худ нақл кардам. Пеш ман бояд ба худ ягон кореро меёфтам: дам ман ба назди духтарам медавидам, дам бо дӯстонам нишаста беохир сафсатагӯӣ мекардам, дам дар ҳавлии донишгоҳ беҳуда ину он тараф мегаштам, дар сарам бошад як гирдоби ҳақиқӣ буд. Ман лӯндаи дупои пур аз ихтилоф будам. Ман кӯшиш

мекардам, ки бо ягон кор машғул шавам, ё андеша кунам, лекин фикрамро дар як ҷо ҷамъ карда наметавонистам. Инак, баъд аз гузаштани чанд моҳи қарор қабул кардан ва насронӣ шуданам, ман оромии ботинӣ пайдо кардам.

Маро дуруст фаҳмед: ин маъное надорад, ки дар ҳаёти ман вазъиятҳои ихтилофнок дигар намонда бошад. Бо имони худ ба Исо аз ман мухолифатҳои дохилӣ дур нашуд, балки қобилияти идора намудани онҳо пайдо шуд. Инро ман ба ягон боигарии дунё иваз нахоҳам кард.

Баъдан, ман хулқи бисёр бад доштам. Як нигоҳи каҷ басанда буд, ки ман ба ғазаб оям. Баъди яке аз чунин хархашаҳо дар баданам доғи захмҳо мондаанд, дар ҷанҷол қариб буд, ки одамро кушам. Он вақт ман дар курси якум мехондам. Илова бар ин, хулқам ба шахсияти ман ба дараҷае мос буд, ки ман онро дигар карданӣ ҳам набудам. Як вақт ман ба чунин вазъияти ногуворе афтидам ва ногаҳон ҳис кардам, ки ғазаби ман паст шуд! Баъд аз ин воқеа дар бадали 14 сол ман фақат як бор ба ғазаб омадам. Ин ҳам шаш сол пеш буд.

Боз як чизи дигаре ҳаст, ки лоиқи ман нест. Дар борааш барои он мегӯям, ки аксари одамон гирифтори чунин камбудӣ ҳастанд. Ман илоҷи аз он халос шуданро ёфтам: — ин имон овардан ба эҳё ва Масеҳи зинда аст. Ман дар бораи бадбинӣ мегӯям. Дар ҷавонӣ бисёр чизҳоро бад медидам. Албатта, ман кӯшиш мекардам, ки ин бадбиниро нишон надиҳам, аммо дар дилам ман онро ҳис мекардам. Ман одамон, ашё ва масъалаҳоро бад медидам. Чун аксари одамон ҳамеша дудила будам. Аз ҳар як шахси рӯ ба рӯ омада, агар ӯ аз ман бо ягон чиз фарқияте дошта бошад, хавф мебурдам.

Лекин шахсе буд, ки ман ба ӯ аз ҳама зиёд нафрат доштам. Ин падари ман буд. Ман ӯро аз ҳад зиёд бад медидам. Ӯ барои ман бадмасти шаҳр ҳисоб мешуд. Агар шумо дар шаҳраки майда таваллуд шуда бошед ва дар оилаи шумо бадмасте бошад, шумо маро мефаҳмед. Дар бораи ин ҳамаи шаҳр медонад. Дар мактаб маро масхара мекарданд, ки падарам аллакай „кайф“ кардааст. Онҳо намефаҳмиданд, ки бо ин гапҳо маро хафа мекунанд. Ман ҳамроҳи онҳо механдидам, вале рӯҳан азоб мекашидам. Баъзан ман ба амбор даромада медидам, ки дар болои саргин модари задаю, нимҷоншудаам хобидааст. Агар ба хонаи мо меҳмон омаданӣ мешуд, ман

падарамро аз хона баровarда, дасту пояшро баста, ба амбор мепартофтам. Мошинашро ба ҷои дуртар бурда мемондам. Ба дӯстонамон мегуфтам, ки ӯ аз паи кораш ба кучҷое рафтааст. Ба фикрам, касе дар дунё чунин нафрат надошт, чуноне ки ман нисбати падарам доштам.

Баъд аз он ки ман ба Масеҳ имон овардам, тақрибан панҷ моҳ гузашт. Ҳаёти ман аз муҳаббате, ки Худованд ба воситаи Исои Масеҳ додааст, пур шуд. Ин муҳаббат барои нафрат ҷое нагузошт. Ногаҳон ман тавонистам ба рӯи падарам рост нигоҳ карда, самимона гӯям:

— Падар, ман туро дӯст медорам!

Баъди ҳамаи он корҳое, ки ман пештар нисбати ӯ карда будам, чунин муносибат ӯро моту маҳбут кард...

Вақте ки ман ба донишгоҳи шахсӣ гузаштам, дучори садама шудам. Ман, ки сар то поям бо бандина печонида шуда буд, ба хона омадам. Ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам он лаҳзаеро, ки падарам ба наздам омад. Ӯ пурсид:

— Писарам, наход ту метавонӣ чунин падарро дӯст дорӣ?

Ман ҷавоб додам:

— Падар, ним сол пеш ман ба ту нафрат доштам... Ва ман ба ӯ нақл кардам, ки чӣ гуна ба назди Масеҳ омадам.

— Ман ҳаёти худро ба Масеҳ боз кардам. Ман то ҳол инро бо сухан баён карда наметавонам, вале дар натиҷа ман на танҳо қобилияти туро дӯст доштан, балки умуман дӯст доштани одамонро, чуноне ки онҳо ҳастанд, пайдо кардам.

Баъд аз чилу панҷ дақиқа ман сахттарин изтиробро дар ҳаётам аз сар гузаронидам. Хеши наздиктарин, ки маро мисли панҷ-панҷа медонист, ба ман гуфт:

— Писарам, агар Худованд тавонад ҳаёти маро дигар кунад, чӣ хеле ки ҳаёти туро дигар кард, ман ҳам мехоҳам озмоям...

Падарам намоз хонд ва худро ба Масеҳ супорид...

Одатан одам дар муддати якчанд рӯз, моҳ, баъзан ҳатто як сол дигаргун мешавад. Ҳаёти ман дар муддати якуним сол дигаргун шуд. Падарам бошад яку якбора дар пеши чашмонам дигаргун шуд.

Мисли он ки касе даст дароз кард ва чароғро хомӯш кард. Ҳеҷ гоҳ, на пеш ва на баъд, ман чунин дигаргуниеро надида будам, ки ин хел зуд ба амал ояд. Баъд аз ин падарам шишаи вискиро ҳамагӣ як дафъа ба даст гирифт. Ӯ шишаро ба

лабонаш расонд ва ба ҷояш гузошт. Аз ҳамаи ин ман фақат як хулосаи имконпазиреро баровардам. Имон ба Исои Масеҳ одамро комилан дигар мекунад.

Бар дини насронӣ метавон хандид, насрониҳоро масхара ва бо онҳо шӯхӣ кардан мумкин аст. Вале он қудрати бузурге дорад. Масеҳ ҳаёти инсонро дигаргун мекунад.

Дини насрониро ба одам маҷбурона бор кардан мумкин нест. Шумо зиндагии худро доред, ман азони худро дорам. Ман фақат метавонам он чизеро, ки аз сар гузаронидам ва медонам, ба шумо гуфта диҳам. Он тарафаш кори худатон. Шояд дуои ман ба шумо ҳам кӯмак кунад? Ана он:

„Худованд Исо. Ман ба Ту эҳтиёҷ дорам, чунки ман гунаҳкорам. Ташаккур мегӯям ба Ту, барои он, ки барои ман дар болои салиб ҷон додаӣ. Ба ман имони наҷотдиҳандаро фиристон. Маро бубахш ва рӯҳи маро пок намо. Ман Туро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованди худ қабул мекунам. Маро чуноне соз, ки ҳангоми офаринишам ният карда будӣ. Бузургворам Худо: Падар, Писар ва Рӯҳулқудс, Омин“.

# *Мундарицa*

Аз нашриёт . . . . . . . . . . . . . . . . . 2

Аз муаллиф . . . . . . . . . . . . . . . . . 6

Боби 1 Чаро Ӯ ғайриоддист? . . . . . . . . . . . . . 7

Боби 2 Худо дурӯғгӯ ё беандеша? . . . . . . . . . . . 18

Боби 3 Пас илм чӣ мегӯяд? . . . . . . . . . . . . . 25

Боби 4 Инҷил — оё ба он такя кардан мумкин? . . . . 29

Боби 5 Кӣ барои дурӯғ ба марг розӣ мешавад? . . . . 42

Боби 6 Масеҳи мурда ба кӣ лозим аст? . . . . . . . . . 50

Боби 7 Шунидаед, ки бо Шоул чӣ рӯй дод? . . . . . . . 54

Боби 8 Масеҳ эҳё шуд! Ҳақиқатан ҳам эҳё шуд! . . . 61

Боби 9 Дар ин ҷо Масеҳи ҳақиқӣ кист?
Дастатонро бардоред! . . . . . . . . . . . . 68

Боби 10 Наход роҳҳои дигаре нест? . . . . . . . . . . . 75

Боби 11 Ӯ ҳаёти маро дигаргун кард . . . . . . . . . . . 80



Ҷош Макдауэлл фикр мекард, ки насрониҳо „аклашонро гум кардаанд“. Ӯ онҳоро писанд ва хурмат намекард.

Ӯ бар зидди дини онҳо баҳс мекард. Аммо дар охир ӯ фаҳмид, ки далелхо овардан ӯ сустанд ва мувофиқ намеоянд. Исои Масеҳ дар ҳақиқат ҳам Худо буд дар тани одамӣ. Ӯ дар донишкадаҳо ва КОЛЛЕҶҲО баромад мекардагӣ шуд, то ки онхое, ки хамчун ӯ бовар намекарданд ба бовари дарород.

Дар китоби худ „На танҳо дуредгар“ Ҷош дар бораи шахсе ки ҳаёти ӯро дигаргун сохт — Исои Масеҳ бештар ҳарф мезанад. Ин китоб дастурест барои он шахсоне, ки ба Худо будани Исои Масеҳ, эҳё шудани ӯ ва таъсири ӯ ба ҳаёти онҳо шубҳа мекунанд.